**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ**

**ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 800 / 809 (575.3)**
**ТКБ: 81 / 81.2 (2 тоҷик)**
**Р- 33**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**РАСУЛЗОДА РУХСОРА**

# СИЁСАТИ ЗАБОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ**

**аз рӯйи ихтисоси: 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо**

**ва технологияҳои сиёсӣ**

**Роҳбари илмӣ:**

**доктори илмҳои сиёсӣ, профессор,**

**узви вобастаи АИ ҶТ Муҳаммад А.Н.**

**Душанбе – 2024**

| | | |
|---|---|---|
| | **НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО** ................................................ | 3 |
| | **МУҚАДДИМА**........................................................................ | 4 |
| | **ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ** ................................ | 13 |
| **БОБИ I.** | **СИЁСАТИ ЗАБОНӢ УНСУРИ МУҲИММИ РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ** | |
| 1.1. | Асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати забонӣ........................................................ | 20 |
| 1.2. | Хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми сиёсати забонӣ дар шароити ҳозираи инкишофи Тоҷикистон | 51 |
| **БОБИ II.** | **ҲАДАФҲО ВА САМТҲОИ ИНКИШОФИ СИЁСАТИ ЗАБОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** | |
| 2.1. | Сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон ва масъалаҳои технологияи сиёсии татбиқи онҳо..................................................................... | 80 |
| 2.2. | Сиёсати забонӣ яке аз унсурҳои таркибии инкишофи иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ............................................................ | 109 |
| 2.3. | Мақом ва нақши Истиқлоли сиёсӣ дар таҳкими сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон: дарёфти роҳу воситаҳои зиддиятҳо ва муқовиматҳои эҳтимолӣ.......................................................................... | 122 |
| | ХУЛОСА ……………………………………………... | |
| | Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот......................................... | 146 |
| | Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.......................................................................... | 152 |
| | Рӯихати адабиёт .................................................................. | 159 |
| | Интишороти аз рӯйи мавзуи диссертатсия............................ | 186 |

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

КМ – Кумитаи марказӣ

РСС – Республикаи Советии Сотсиалистӣ

ҶШС – Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

РСС Тоҷикистон – Республикаи Советии Сотсиалистӣ

СССР – Союз Советских Социалистических

РСФСР – Российская Советская Федеративная Социалистическая Республика

ҲҶТ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

КТҚЗ – Комиссияи татбиқи Қонуни забон

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Забон воситаи асосии ташаккулёбии ҳувияти гурӯҳӣ ва меъёри асосии худшиносӣ ба шумор рафта, ҳамчун объекти муҳимтарини сиёсати давлатӣ мебошад.

Дар раванди нави ҷаҳонишавӣ ва зери таъсири тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ қарор ёфтани рафтори одамон ва гуногунзабонии аксари кишварҳои олам боз ҳам фаъолияти онҳоро дигаргун карда истодааст. Дар чунин шароит забонӣ ва ҳамчун воситаи муошират мавқеи худро тағйир дода, ба сифати яке аз масъалаҳои асосӣ миёни пажӯҳишгарону олимони соҳаҳои гуногун муҳиммияти хоси илмӣ пайдо карда истодааст. Ҳамзамон, масъалаи сиёсати забон ва омӯзиши паҳлуҳои мухталифи он дар шароити соҳибистиқлолӣ хусусияти нав зоҳир карда истодааст. Муҳиммияти асосии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки сиёсати забонӣ ҳамчун унсури муҳимми рушди давлатдории миллӣ нишон дода шуда, ҳадаф ва самтҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Умуман, сиёсат тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, бешубҳа ба ҳаёти инсонҳо таъсири бузург мерасонад. Сиёсати забонӣ бошад, яке аз самтҳои муҳимме мебошад, ки барои давлату ҷомеа нақши калидӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳқиқи масъалаи мазкур, хусусан баъди ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти хоса касб кардааст.

Сиёсати забонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, дар рушду инкишоф ва устувории муносибатҳои миллӣ ва вазъияти забонӣ нақши муҳим дорад. Сиёсати забонӣ имкон медиҳад, ки меъёрҳои ризоияти миллию ҷамъиятӣ, якрангии иҷтимоӣ, аз байн бурдани шиддати этнополитикӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Аз ин рӯ, барои мамлакатҳое, ки ба тозагӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардаанд, сиёсати забонӣ хеле аҳаммиятнок буда, дар раванди давлатории миллӣ нақши меҳвариро иҷро менамояд.

Амалӣ гардидани сиёсати забонӣ ва ба роҳ мондани идоракунии давлатӣ дар соҳаи забон дар аксар маврид бо ислоҳоти забон робитаи қавӣ дорад. Ислоҳоти забон ҳамчун раванди тағйир додани мавқеи забон ва таъмин намудани рушду инкишофи он дар навбати худ чунин равандҳоро дар бар мегирад: тағйир додани алифбо, таркиби луғавии забон, сарфу наҳв, захираи луғавии забон ва қисмҳои дигари забон. Ҳатто тавсеаи миқёси истифодабарии забони расмӣ низ метавонад ҳамчун раванди ислоҳоти забонӣ ва тағйир додани вазъияти забонӣ муаррифӣ гардад, ки ҳамагӣ ҷузъи таркибии сиёсати забонӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар самти забон ва рушди забони давлатӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёре аз кишварҳои Ғарб ин раванд таърих ва рушди худро дорад. Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ чунин тамоюлот дар мамлакатҳои пасошӯравӣ низ оғоз гардида буд, ки асоси онро баланд бардоштани мавқеи забони расмии давлатӣ ва забони миллатҳои таҳҷоӣ ташкил менамуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун кишвари тозаистиқлол аз ин раванд дар канор намонда, ба масъалаи рушди забони давлатӣ ва бунёди давлатдории миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд, ки ин масъала асоси таҳлилу таҳқиқи мавзӯи диссертатсиониро дар бар мегирад.

Аз таҳлили равандҳои сиёсии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ маълум мегардад, ки аввалин кӯшишҳо барои муайян намудани мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ сурат гирифта буданд.

Масъалаи забон ҳамеша ба сиёсати давлатдорӣ дар робита қарор дошт, барои пешбурди сиёсати забон силсилаи қонуну қарорҳо, тадбирҳо андешида шуданд, кумита ва комиссияҳои кориву назоратӣ ташкил карда шуданд.

Ҳамин тавр, таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки муҳиммияти пажӯҳиши сиёсати давлатии забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти махсуси худро доранд. Бояд тазаккур дод, ки сиёсати давлатӣ чи гунае ки

бошад, сиёсати забон низ дар алоқамандӣ бо он сурат мегирад. Ҳамин тавр, таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати сиёсати забон ва рушди минбаъдаи самти мазкур дар шароити соҳибистиқлолӣ боз ҳам аҳаммият ва нақши калидии мавзуи мазкурро муҳим арзёбӣ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи сиёсати забонӣ ва хусусиятҳои он яке аз мавзуъҳои муҳим дар илмҳои сиёсӣ дониста мешавад. Рушди бесобиқаи ҷаҳони муосир, махсусан, пешрафти техника ва технологияҳо ба ҳамаи самтҳои зиндагӣ ва фаъолияти одамон таъсири рӯзафзун гузошта истодааст.

Мусаллам аст, ки чунин пешравӣ бо рушди забон робитаи қавӣ дошта, ба ташаккулёбӣ ва ғановатманд гардидани таркиби луғавии он мусоидат менамояд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбат зуҳуроти манфии таъсиргузор, пеш аз ҳама, ба забону фарҳанг ва либоси миллӣ низ доранд. Бинобар ин, масъалаи сиёсати забонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, таҳқиқоти комили илмиро тақозо дорад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи мазкур дар раванди омӯзиши назариявии масъала хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, адабиёт ва сарчашмаҳои илмии вобаста ба ин масъала мавҷударо мутобиқи самтҳои асосие, ки мавриди пажуҳиш ва истифода қарор гирифтаанд, метавон ба чор гурӯҳи асосӣ тасниф намуд:

**Ба гурӯҳи якум** муҳаққиқони хориҷиро шомил намудан мумкин аст, ки самтҳои гуногуни масъалаҳои сиёсати забониро мавриди таҳлил қарор додаанд. Махсусан, Вахтин Н.Б., Головко Е.Б., Кобенко Ю.В., Москвичева С.А. либералон, коммунистон ва чанде дигарон, ки дар таҳқиқи масъалаи мазкур корҳои арзишмандро анҷом додаанд.[1] Вобаста ба баррасии масъалаи сиёсати забонӣ мактабҳои илмии мамлакатҳои пасошӯравӣ анъанаҳои илмии

[1]Ниг.: Вахтин, Н. Б. Языки народов Севера в XX веке: очерки языкового сдвига [Текст] / Н. Б. Вахтин. – СПб. Дм. Буланин, 2001. – 338 с.; Головко, Е. В. Языковое разнообразие на территории России [Текст]: проблемы документирования и интерпретации / Е. В. Головко // Труды Института лингвистических исследований РАН. – 2015. – T.XI. – Ч.2. – С. 7-21.; Кобенко, Ю. В. Экзоглоссный и эндоглоссный типы языковой политики [Текст] / Ю. В. Кобенко // Вестник Томского государственного педагогического университета. – 2010. – №7. – С. 51-54.; Москвичева, С. А. Языковая политика и языковое планирование [Текст] / С. А. Москвичева // Типология языковых ситуаций и языковая политика в России и мире: коллективная монография. – М.: РУДН, 2013. – С. 82-116.

мактаби илмии замони шӯравиро идома медиҳанд. Айни замон, муайян намудани моҳияти сиёсати забонӣ дар бештари мавридҳо бо такя ба андешаҳои Аврорин В.А. анҷом дода мешавад. Ба андешаи ин муҳаққиқ, сиёсати забонӣ низоми меъёрҳое мебошад, ки «ба воситаи он танзими муносибатҳои забонӣ, идора намудани таъсири омилҳои гуногун ба сохтори забон ва ҳолати забон»[1] ба амал баровარда мешавад. Дар чунин шакл баррасӣ гардидани масъалаи сиёсати забонӣ аз тарафи Алпатов В.М., Беликов В.И., Крысин Л.П., Гришаева Е.Б., Михальченко В.Ю.[2] ва чанде дигарон ҷонибдорӣ гардидааст. Инчунин, дар таҳқиқи масъалаи сиёсати забонӣ нишон додани нақши олимони зерин, ба монанди Дешериев Ю. Д., Тошенко Ж.Т., Самойлова М.Н., Казанский Н. Н., Григорьев В. Д, Жирмунский В.М., Зацепина О., Родригес Х. [3] муҳиммияти хоса дорад.

Вобаста ба ҳалли масъалаҳои забонӣ, инчунин аз рӯйи интихоби забони умумӣ ва ба он додани мақоми давлатӣ сиёсати забонӣ ба ду гурӯҳи дигар ҷудо карда мешавад: сиёсати эндолингвистӣ ва экзолингвистӣ. Чунин

---

[1]Ниг.: Аврорин, В. А. Проблемы изучения функциональной стороны языка (к вопросу о предмете социолингвистики) [Текст] / В. А. Аврорин. – Л.: Наука, 1975. – 276 с.

[2]Ниг.: Алпатов, В. М. Языковая политика в современном мире: «одноязычная» и «двуязычная» практики и проблема языковой ассимиляции [Текст] / В. М. Алпатов // Сравнительная политика, 2013. – №2. – С. 11-22; Беликов, В. И. Социолингвистика [Текст] : учебник / В. И. Беликов, Л. П. Крысин. – М.: Юрайт, 2016. – 338 с.; Гришаева, Е. Б. Типология языковых политик и языкового планирования в полиэтническом и мультикультурном пространстве: функциональный аспект: [Текст] дисс. …д-ра филол. наук: 10.02.19. / Е. Б. Гришаева. – Красноярск, 2007. – 592 с.; Михальченко, В. Ю. Языковое законодательство как этап реализации основных принципов языковой политики [Текст] // Языковая политика в контексте современных языковых процессов / РАН Ин-т языкозн.; Отв. ред. А.Н. Биткеева. – М.: Азбуковник, 2015. – С. 29-37.

[3]Ниг.: Дешериев, Ю. Д. Советская методология, теория и практика планирования и прогнозирования языкового развития [Текст] // Лингвистический энциклопедический словарь. / Гл. ред. В. Н. Ярцева. – М.: Сов. энцикл., 1990. – 682 с.; Дешериев, Ю. Д. Закономерности развития и взаимодействия языков в советском обществе [Текст] / Ю. Д. Дешериев. – М.: Наука, 1966. – 401 с.; Дешериев, Ю.Д. Проблема функционального развития языков и задачи –социолингвистики [Текст] / Ю. Д. Дешериев // Язык и общество: сборник статей. – М.: Наука, 1968. – 255 с.; Тощенко, Ж. Т. Постсоветское пространство [Текст]: суверенизация и интеграция. Этносоциологические очерки / Ж. Т. Тощенко. – М.: Изд-во РГГУ, 1997. – 212 с.; Самойлова, М. Н. Языковая ситуация и языковая политика в современном обществе [Текст] / М. Н. Самойлова // Вестник Волгоградского государственного университета. – Серия 2. – Языкознание. – 2009. – №1(9). – С. 160-165.; Казанский, Н. Н. Язык и межкультурная коммуникация [Текст] / Н. Н. Казанский // Язык и межкультурная коммуникация: Материалы 1-й межвузовской научно-практической Конференции (19-20 апреля 2004). – СПб., 2004 – С. 3-4; Григорьев, В. Д. Культура языка и языковая политика [Текст] / В. Д. Григорьев // Общественные науки и современность. – 2003. – № 1. – С. 143-157; Жирмунский, В. М. Проблема социальной дифференциации языков [Текст] / В. М. Жирмунский // Язык и общество: сборник статей. – М.: Наука, 1968. – 255 с.; Жирмунский В.М. Марксизм и социальная лингвистика [Текст] / В. М. Жирмунский // Вопросы социальной лингвистики / под ред. А. В. Десницкая, В. М. Жирмунский, Л. С. Ковтун. – Л.: Наука, 1969. – С. 5-25; Зацепина, О. Противоречия в языковой политике и языковых ценностях США [Текст] / О. Зацепина, Х. Родригес // Решение национально-языковых вопросов в современном мире / под ред. Е. П. Челышева. – СПб: Златоуст, 2003. – С. 293-307.

навъбандии сиёсати забонӣ дар таҳқиқоти Гришаева Е.Б., Кобенко Ю.В., Сулейменова Э.Д., Клоков В.Т. [1] ва чанде дигарон нишон дода шудааст.

**Ба гурӯҳи дуюм** метавон муҳаққиқони ватаниро ворид намуд. Олимони тоҷик низ дар таҳқиқотҳои худ кӯшиш намудаанд, ки паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои сиёсати забонӣ ва самтҳои гуногуни онро мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Махсусан, дар ин бобат нақши муҳаққиқони тоҷик ба монанди Зокиров Г.Н., Муҳаммад А.Н., Ятимов С., Раҳимӣ Ф., Назарзода С., Абдуқодиров А., Сайидзода З., Нозимов А.А., Муҳаммадҷонзода О., Саймиддинов Д., Тоҷиев Д.Т., Ҷураев Ғ., Хидирзода М.У., Ҳоҷиматова Г.М., Усмонов И., Шамбезода Х.Д., ва дигарон назаррас мебошад.[2]

---

[1]Ниг.: Гришаева, Е. Б. Типология языковых политик и языкового планирования в полиэтническом и мультикультурном пространстве: функциональный аспект: дисс. …д-ра филол. наук: 10.02.19 [Текст] / Е. Б. Гришаева. – Красноярск, 2007. – 592 с.; Кобенко, Ю. В. Экзоглоссный и эндоглоссный типы языковой политики [Текст] / Ю. В. Кобенко // Вестник Томского государственного педагогического университета. – 2010. – №7. – С. 51-54.; Сулейменова, Э. Д. Статусное досье русского языка и инерция традиций [Текст] / Э. Д. Сулейменова // Русский язык и литература в пространстве мировой культуры: Материалы XIII Конгресса МАПРЯЛ в 15 т. - Т.1. – СПб., 2015. – С. 72-82; Клоков, В. Т. Языковая политика во франкоязычных странах Африки [Текст] / В. Т. Клоков. – Саратов: Изд-во СГУ, 1992. – 192 с.

[2] Ниг.: Маҳмадов, А. Н. Фалсафаи забон – таронаи зиндагӣ [Матн] / А. Н. Маҳмадов // Забон ва худшиносии миллӣ. – Душанбе, 2008. – С. 4-9; Некоторые оссобености билингвального образование в современных условиях [Текст] / А. Н. Махмадов // Материалы научно-практической конференции (27-28 апреля). – Могилёв 2011 – С. 192-197; Таджикско-русский билингвизм как характерная черта языковой ситуации в современном Таджикистане [Текст] / А. Н. Махмадов, Г. М. Ходжиматова // Вестник ЦМО МГУ. Им. В. Ломоносова. – Душанбе, 2013 – №4 – С. 124-126; Язык как фактор развития и изменение общественной жизне [Текст] / А. Н. Махмадов // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2014 – №3/9 (154) – С. 107-109; Истиқлолияти сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ [Матн] : монография / А. Н. Маҳмадов. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 264 с.; Государственная независимость Республики Таджикистан: теория, история и политическая практика [Текст] / А. Н. Махмадов, Л. Л. Хопёрская. – Душанбе: Империал-групп, 2016. – 84 с.; Современный Таджикистан [Текст] : диалектика независимости и интеграции (политико-правовой анализ) / А. Н. Махмадов, Л. Л. Хопёрская. – Душанбе: Душанбе, 2016. – 363 с.; Муҳаммад, А. Н. Инсон, сиёсат ва ҷомеа [Матн] / А. Н. Муҳаммад. – Душанбе: Империал-групп, 2018. – 240 с.; Сайидзода, З. Ш. Истиқлоли давлатӣ ва гиромидошти забони модарӣ [Матн] / З. Ш. Сайидзода – Нашри дуюми такмилёфта. –Душанбе: Контраст, 2013. – 200 с.; Зокиров, Г. Н. Донишномаи сиёсӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 602 с.; Забони давлатӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров // Донишномаи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2022. – С. 151; Сиёсати забон [Матн] / Г. Н. Зокиров // Донишномаи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2022. – С. 516; Назарзода, С. Ҷараёни табдили алифбо дар Тоҷикистон [Матн] : қисми 1. Алифбои лотинӣ / С. Назарзода // Номаи пажуҳишгоҳи сафорати ҶИЭ. – 2004. – №6; Назарзода, С. Забони миллат ҳастии миллат [Матн] / С. Назарзода // Пешвои миллат ва сиёсати забон. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 278-287; Нозимов, А. А. Языковая ситуация в современном Таджикистане: состояние, особенности и перспективы развития [Текст] : дисс. ... д-ра филол. наук / А. А. Нозимов. – Душанбе, 2010. – 309 с.; Аспекты языкового регулирования [Текст] / А. А. Нозимов. // Известия Академии наук Республики Таджикистан. [Текст] / А. А. Нозимов. – Серия: Филология и востоковедение. – Душанбе, 2010. – № 1. – С. 3-5; Нозимов А.А. Языковая ситуация и современная этническая проблема [Текст] / А. А. Нозимов. // Вопросы психологии и педагогики. - Курган-Тюбе: КТГУ. – 2010. – № 3 – С. 81-90; Шокиров, Т. Рушди забони давлатӣ дар замони истиқлолият [Матн] / Т. Шокиров // Пешвои миллат ва сиёсати забон. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 210-236; Ҷураев, Ғ. Забон дар паноҳи давлат аст [Матн] / Ғ. Ҷураев // Пешвои миллат ва сиёсати забон. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 177-209; Саймиддинов, Д. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон [Матн] / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – 150 с.; Абдуқодиров, А. Пешвои

Ба андешаи забоншиноси тоҷик Ҷӯраев Ғ., сиёсати забонӣ маҷмуи чорабиниҳоест, ки давлат дар бобати ҳифз ва рушди забон ба амал мебарорад.[1] Вале чорасозӣ ва ғамхорӣ нисбат ба забон вобаста ба он аст, ки назари аркони давлат ва махсусан сарвари он ба масъалаи забон чи гуна аст. Махсусан дар шароити Тоҷикистон ин масъала бисёр ҷиддӣ мавриди чораҷӯи қарор гирифтааст.

Доктори илмҳои сиёсӣ Ятимов С. дар масъалаи сиёсати забонӣ бо Ҷӯраев Ғ. ҳамфикр буда, чунин ибрози андеша менамояд: “Забон муҳимтарин воситаи амалӣ кардани мақсадҳои сиёсӣ низ мебошад. Ташаббускор ва барандаи сиёсати забонӣ − табақаи ҳукмрони ҷомеа аст, ки захира ва имконоти иқтисодиро дар ихтиёр дорад. Чунин сохтор ҷаҳонбинии ба худ мувофиқи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, динӣ, адабӣ ва фалсафиро ба вуҷуд меоварад. Ба қавли асосгузорони материализми илмӣ идеологияи синфи ҳукмрон – идеологияи ҳукмрон хоҳад буд.”[2]

Муҳаққиқи дигар Ғиёсов Н. сиёсати забониро чунин шарҳ додааст. «Дар зери истилоҳи «сиёсати забонӣ» дар забоншиносии иҷтимоӣ маҷмуи чорабиниҳое фаҳмида мешаванд, ки аз ҷониби давлат, азҳоби сиёсии дар сари қудратбуда ва ҳаракату ҷамъиятҳои мардумӣ барои тавсеаи доираи истифодаи ин ё он забон ё забонҳо, барои нигоҳ доштани доираи мавҷудаи тақсимоти функсионалии забонҳо ё худ, баръакс, ба хотири аз истифода баровардан ё худ танг кардани доираи истеъмоли ин ё он забон дар ҷомеа қабул карда мешавад.

Аз нуқтаи назари муҳаққики ватанӣ Зокиров Г.Н., «сиёсати забонӣ – фаъолияти давлат, мақомотҳои гуногуни он, неруҳои дигари сиёсӣ оид ба

миллат ва ташаккули сиёсати забон дар Тоҷикистон [Матн] / А. Абдуқодиров. // Пешвои миллат ва сиёсати забон. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 163-176; Таджиев, Д. Т. О развитии таджикского литературного языка [Текст] / Д. Т. Таджиев // Вопросы развития литературных языков народов СССР. - Алма-Ата: Изд-во Академии наук Казахской СССР, 1964. – 378 с.; Иброҳим, У. Тоҷикон (суруди таърихи халқ ва замин) [Матн] / У. Иброҳим. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 275 с.; Шамбезода, Х. Д. Проблемы функционирования русского языка в Республике Таджикистан [Матн] / Х. Д. Шамбезода, И. М. Дубовицкая, Т. В. Гусейнова, Р. Д. Салимов. – Душанбе: РТСУ, 2006.

[1] Ниг.: Ҷураев, Ғ. Забон дар паноҳи давлат аст [Матн] / Ғ. Ҷураев // Пешвои миллат ва сиёсати забон. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 177-209.

[2] Ятимов, С. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат [Матн] / С. Ятимов. // Ҷумҳурият. – 2020. – 5 октябр. – № 194-195(24 050).

бунёди мақоми забон дар ҷомеа мебошад. Он шароитро барои амали забонҳо муайян намуда, доираи паҳнгардӣ ва омӯзиши онро ташхис менамояд. Вобаста ба режими сиёсии ҳукмрон ва сохти сиёсӣ, муносибатҳои ҳукмрони ҷамъиятӣ ва умуман, муносибатҳои байни умумиятҳои иҷтимоию миллӣ ҳам дар сатҳи инфиродӣ ва ҳам дар саҳи дастаҷамъӣ сиёсати забонӣ моҳият ва хусусиятҳои хосро ба худ мегирад».[1]

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дохил намудан мумкин аст. Зеро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба масъалаи сиёсати забон таваҷҷуҳи хоса менамоянд ва дар ҳама суханрониҳову баромадҳои хеш ҳамеша масъалаи забони давлатиро муҳим арзёбӣ менамоянд. Дар омӯзиши масъалаи сиёсати забонӣ, пеш аз ҳама, рӯ овардан ба натиҷагириҳову пешниҳодоти Сарвари давлат бисёр муҳим аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусҳои худ тавассути Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иқдомоти баробар ба онҳо мақом ва нуфузи забони давлатӣ, донистан ва дар фаъолияти расмии давлатдорӣ, муносиботи байналхалқӣ афзалият бахшидан ба онро аз муҳимтарин вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кард.

Мардуми Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият шоҳиди дигаргуниҳои бузург ва бесобиқа дар татбиқи сиёсати Президент, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забон, ба хусус забони давлатӣ мебошем.

Бояд тазаккур дод, ки пешоҳанг ва ташаббускори ҳама иқдомҳо дар робита ба забони давлатӣ ва забони миллии кишвар Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон буда, дар ин роҳи басо душвор дар даврони Истиқлолият аз худ хидмату заҳматҳои фаровон ба харҷ додааст ва имрӯз низ барои амалӣ кардани ҳадафҳои наҷиб дар роҳи ҳифз ва эҳёи яке аз арзишҳои миллӣ – муқаддасоти забонӣ пайваста азму талош меварзад. Президенти муҳтарами

---

[1] Ниг.: Зокиров, Г. Н. Донишномаи сиёсӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2007. – С. 421.

кишвар забони давлатиро дар шароити феълӣ ҳамчун рамзи ҳамбастагӣ ва иттиҳоди воқеии ҳама сокинони Тоҷикистон эълом дошта аст, ки ин сайъу талошҳои Ҷаноби Олӣ далели эҳтирому арҷгузорӣ ба забони миллӣ ҳамчун рукни муҳимми арзишҳои миллӣ мебошад. Имрӯз забони давлатӣ дар кишвари мо ҳамчун омили асосии ҳамбастагии миллатҳо ва халқиятҳо эътироф шудааст. Ҷои ифтихор аст, ки забони миллии мо дар даврони Истиқлолият дар партави сиёсати Сарвари давлат дубора эҳё ва дар мақоми таърихии худ барқарор карда мешавад. Президенти кишвар дар ҳама суханрониҳои хеш ба муносибати Рӯзи забон ба забон ҳамчун рукни ҳастии миллат ва нишони давлатдории миллӣ арҷгузорӣ намуда, сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳамин поя устувор сохтааст.

Яке аз хидматҳои бисёр бузурги Сарвари давлати тоҷикон дар иртибот ба сиёсати давлатии забон ин парвариш додани андешаи ҷомеа ба арзишҳои забонӣ ва иқтидору имконоти воқеии забони тоҷикӣ дар робитаҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар таърихи давлатдории навини тоҷикон дониста мешавад. Танҳо бо огоҳии амиқ аз гузаштаҳои дур ва собиқаи таърихии забони тоҷикӣ ва осори давраҳои таърихии он, ки дар чандин анвои хат ҳамчун намунаи зинда то ба рӯзгори мо расидаанд, метавон аз мақому мартабаи ин забон дар тӯли таърих натиҷагирӣ кард. Поя ва бунёди ҳама тафаккури илмиро дар иртибот ба гузаштаи забон ва осори мардумони ориёӣ, ба вижа таърихи давлатдории тоҷикон ва мақому мартабаи забон дар он даврон то имрӯз андешаҳое ташкил медиҳанд, ки дар се китоби Президенти муҳтарами кишвар таҳти номи «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» ба тарви бисёр дақиқ матраҳ ва хулоса шудаанд. Ин ҳама натиҷагириҳо далели чигунагии мақоми забони модарӣ дар давлатдории тоҷикон дар давраҳои гуногуни таърихӣ мебошад. Ба ин далел дар даврони Истиқлолияти сиёсӣ ва давлатдории навин низ бо ҳифзи собиқаи таърихӣ ва имконоти рушди дохилӣ забони тоҷикӣ дар мақоми забони миллӣ ё забони давлатӣ тавонистааст дубора мавриди истифода қарор гирад.

Дар таҳқиқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин масъалаҳои сиёсати забони давлатӣ омилҳои ташаккул ва рушди забони тоҷикӣ, нақши забони давлатӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ ва таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамин сиёсати хирадмандона буд, ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони миллӣ дар даврони Истиқлолият дар мақоми забони давлатӣ пазируфта шуда ва он имрӯз ба таври озод дар умури сиёсиву иҷтимоии кишвар мавриди истифода қарор дорад. Маҳз дар партави ҳамин сиёсати миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ забони мо бо доштани имконоти фаровон дар асоси қолабҳои меъёрии суннатӣ ва равишҳои адабӣ дар ҷомеа мақому мартаба пайдо хоҳад кард.[1]

**Ба гурӯҳи чорум** санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шомил менамоем, ки онҳо заминаи асосии оӯзиши масъалаи мазкур ба ҳисоб мераванд. Ҳукумати Тоҷикистон ҳамеша ба масъалаҳои рушди устувори забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мақоми онро ҳимоя мекунад. Зеро маҳз забони давлатӣ муаррифгари асосии дастовардҳо ва ҳастии моддиву маънавии мардуми кишвари моро дар дохил ва хориҷи он маҳсуб меёбад. Дар раванди омӯзиши ин масъала аз як қатор қарор ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи забон истифода гардидааст.[2]

---

[1] Ниг.:Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 480 с.; Раҳмонов, Э. Суханронӣ дар Рӯзи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1999) [Матн] // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат Э. Раҳмонов; мураттиб С. Фаттоев. – иборат аз 11 ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.3. (1999, январ – 2001, феврал). – 510 с.; Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ (4 октябри соли 2012) [Маводи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/3520; Ман ба Шумо сулҳ меорам [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 492 с.; Ба забони модарӣ чун ба модар арҷ гузорем [Матн]: Суханронӣ ба муносибати рӯзи забон / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2008. – 24 июл.; Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ (4 октябри соли 2012) [Маводи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/3520; Раҳмонов, Э. Суханронӣ дар Симпозиуми байналхалқӣ бахшида ба ҳазораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ 5 сентябри соли 1994 [Матн] / Э. Раҳмонов. // Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. – Душанбе, 1995. – 208 с.

[2] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: матни расмӣ. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.; Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989 [Матн] // Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – 1989. – №15. – моддаи 102; Закон СССР «О языках народов СССР». [Текст] // Ведомости съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. - М., 1991; Закон РСФСР «О внесении изменений и

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030, ки 28 ноябри соли 2020 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, инъикоси худро пайдо намудааст. Инчунин мавзуи мазкур дар доираи масъалаҳои таҳқиқотии шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷой гирифта, ҳамчун предмети таҳқиқотӣ расмият дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро** таҳлилу масъалаҳои марбут ба сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани масъалаҳо ва пешомадҳои инкишофи сиёсати забонӣ ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро** мақсади таҳқиқот муайян менамояд ва онҳо бо нақшаи кори диссертатсионӣ мувофиқ гардонида шудаанд:

- мавриди таҳқиқ қарор додани масъалаҳои назариявию методологии сиёсати забони давлатӣ;

- омӯзиши хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми сиёсати забонӣ;

- таҳлилу баррасии масъалаҳои технологияи сиёсии татбиқи сиёсати забонӣ;

---

дополнений в закон РСФСР «О языках народов РСФСР». [Текст] // Свод законов Российской Федерации. - М., 1998; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 октябри соли 2009, №553 "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" [Маводи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрас: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-забони-давлатии-ҷумҳурии-тоҷикистон; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Соли забони тоҷикӣ" аз 26 июли соли 2007, №291 [Маводи электронӣ] // Махзани марказонидашудаи маълумоти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия"; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 1995, №662 «Дар бораи таъсиси Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Маводи электронӣ] // Ҳамон ҷо; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2004, №330 «Дар бораи стандартҳои рамзгузорӣ ва ҷобаҷогузории алифбои тоҷикӣ дар клавиатураи компютерии стандарти UNICODE барои истифодабарии компютерӣ» [Маводи электронӣ] // Ҳамон ҷо; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №458 "Дар бораи тасдиқи "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ" [Маводи электронӣ] // Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрас: http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/koidakhoi-imloi-zaboni-tochiki; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №268 "Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ" [Маводи электронӣ] // Махзани марказонидашудаи маълумоти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия".

- муайян намудани вазъи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури таркибии инкишофи иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ;

- муайян намудани масъалаҳо ва пешомадҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқотро** сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Масъалаи сиёсати давлатии забон як аз масъалаҳои муҳимме ба шумор меравад, ки ҳамаи давлатҳо ба он аҳаммияти махсус медиҳанд. Зеро забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мазкур диққати хоса дода мешавад. Қабули Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 яке аз тадбирҳои муҳимме мебошад, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи забон дар ҷумҳурӣ тақвият медиҳад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди забони тоҷикӣ як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуд, ки дар кишвар барои ҳифзи забони давлатӣ ва забонҳои дигар фазои мусоид ба вуҷуд меоранд. Тадбирҳои мазкур дар роҳи гиромидошту арҷгузорӣ ва эҳтиром ба забони давлатӣ нақши муҳим мебозанд. Роҳбарият ва Ҳукумати Тоҷикистон барои ин шароиту имконияти мусоид ва муҳити мувофиқи сиёсиву иҷтимоӣ фароҳам овարданд, ки дурнамои густариши забони тоҷикӣ муайян ва тарҳрезӣ гардад.

**Асоси назариявии тадқиқоти** мазкурро асарҳои муаллифони ватанию хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои сиёсӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва пажӯҳишҳои олимони соҳаҳои гуногуни илмҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсатшиносон, ки дар бораи сиёсати давлатии забонӣ таҳқиқотҳо анҷом додаанд, ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот принсипҳои умумиилмӣ, ба монанди объективият, таърихият, системанокӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва инчунин усулҳои иҷтимоӣ – сиёсии таҳлили вазъи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот корҳои бунёдии олимони шинохтаи хориҷӣ ва ватанӣ, қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати забонӣ истифода шудааст. Инчунин асоси таҳлилу таҳқиқ аз асарҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он масъалаҳои марбут ба сиёсати забон ва дурнамои инкишофи забони давлатӣ дахл карда шудааст, сарчашма мегирад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур кӯшишест дар илмҳои сиёсӣ, ки дар он сиёсати забони давлатӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Дар раванди таҳлилу таҳқиқи кори диссертатсионӣ чунин навовариҳоро нишон додан мумкин аст:

- масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқоти сиёсӣ нисбати сиёсати забони давлатӣ муайян карда шудааст;

- хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми сиёсати забонӣ ва мазмуну моҳияти он баррасӣ гардидааст;

- масъалаҳои татбиқи сиёсати забонӣ ва технологияҳои сиёсии он муайян шудааст;

- сиёсати забонӣ ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон дода шудааст;

- масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати забонӣ дар Тоҷикистон таҳлил гардида, дурнамои инкишофи он пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Мафҳуми «сиёсати забонӣ» ҳамчун фаъолияти мақсаднок дар мақомоти давлатӣ, сохторҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ барои идоракунии рушди функсионалӣ, инчунин имконпазир сохтани сохтори забонӣ фаҳмида

мешавад. Вазъияти забон дар давлати алоҳида хусусияти самти сиёсати забониро муайян мекунад. Сиёсати забонӣ унсури таркибӣ ва яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, дар инкишофу рушд ва мустаҳкамнамоии муносибатҳои миллӣ ва вазъияти забонӣ нақши муҳим дорад.

2. Забони миллӣ яке аз муҳимтарин намодҳои ҳастии миллат ва бунёдитарин унсури миллатсоз маҳсуб мешавад. Ин аст, ки ҳар кадом давлати миллӣ ба сифати дастгоҳи ҳифзи манфиат ва арзишҳои миллӣ дар навбати аввал забонро мавриди пуштибонӣ ва ҳимояи ҳаматарафа қарор медиҳад. Забони давлатию расмии давлати миллии тоҷикон — Тоҷикистони азизи озоду соҳибистиқлол забони тоҷикист ва мақоми ҳуқуқии забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ дар моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври равшану возеҳ таъйид шудааст.

Агар ба таърихи забони тоҷикӣ назар афканем, воқеан ин ёдгории таърихӣ ва решаҳои бунёдии он сарчашмаи бисёр забонҳои дигари дунёст. Замоне онро ориёӣ, замоне авестоӣ, сипас бохтариву суғдӣ, баъдан паҳлавӣ ва билохира форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ хондаанд. Замоне ин забон дар қатори забонҳои чинию ҳиндиву бобулӣ ба тамаддунҳои гуногун таъсир дошт, махсусан, ба Юнони қадим.

Ҳар яке аз давраҳои ташаккули забони тоҷикӣ дорои суннатҳои хаттӣ буда, меъёрҳои адабии забон дар асоси онҳо шакл гирифтаанд. Аз ин рӯ, ташаккули ҳар як давраи таърихӣ бар асоси осори хаттӣ мутобиқи меъёрҳои ин давраҳо мушаххас карда мешавад. Забони мо дар мақоми забони давлатӣ ва расмӣ пеш аз замони Сомониён низ таърихи худро дорад. Гузаштаи он дар се давраи таърихи ташаккулаш бо давлатҳои мутамаддини Ҳахоманишиён, Сосониён ва Сомониён марбут аст. Аз ҳамаи ин давраҳои таърих осори бисёр нодир ва арзишманде ба мерос омадааст, ки ворид шудани ин осор ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ на танҳо ифтихори ворисони забон, балки тамоми ҷаҳониён низ мебошад.

3. Равандҳои муосири сиёсати давлатии забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро доро мебошад ва ба равандҳои забонии кишварҳои дигар шабоҳате надорад. Зеро масъалаи забон ҳамеша бо сиёсати давлатдорӣ дар робита қарор дошт, барои пешбурди сиёсати забонӣ силсилаи қонуну қарорҳо қабул, тадбирҳо андешида шуда, кумита ва комиссияҳои кориву назоратӣ созмон дода шуданд. Заминаҳои бунёдии роҳи ташаккули сиёсати забон ин боло гирифтани ифтихори миллӣ, бархӯрди андешаҳои зиёиёни пешқадам, коркарди тадбирҳои стратегии давлатӣ, ташкили силсилаи чорабиниҳои давлат оид ба таҳкими пояҳои иҷтимоӣ ва рушди забон, ҳамчунин роҳу василаҳои гуногуни ба амал баровардани ин тадбирҳо мебошад.

4. Чуноне ки собит гардидааст, яке аз аломатҳои шинохти миллат соҳибзабон будани он аст. Баъд аз Инқилоби соли 1917, вақте ки дар сарзамини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ созмони ҷумҳуриятҳои мухтор шуруъ шуд, бадхоҳони халқи тоҷик нахостанд, ки тоҷикон ҳамчун миллат шинохта гардида, соҳиби давлат шаванд. Мусаллам аст, ки онҳо бо ин мақсад иддао пеш овардаанд, ки гӯё таърих «тоҷикӣ» ном забонеро намедонад ва забоне, ки бо он тоҷикон гуфтугӯ мекунанд, як лаҳҷаи забони форсии Эрон мебошад. Аммо маҳз хизмати шоистаи аҳли илму адаби тоҷикон буд, ки ин забонро зинда нигоҳ дошт ва ҳамин тавр дар соҳибдавлат гардидани миллати тоҷик як нақши асосиро иҷро намуд.

5. Истиқлолияти сиёсӣ ба инкишофу рушди сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам овард ва ба шарофати он кишвари мо ба дастовардҳои зиёд мушарраф гардид. Аз пажӯҳиши хусусиятҳои таърихию сиёсии сиёсати забонӣ маълум мегардад, ки ҳарчанд рушди забони тоҷикӣ ва сиёсати забон дар таърихи давлатдории мо ба мушоҳида мерасад, аммо, маҳз, пас аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи нави инкишофи худ

ворид гашт. Забон баёнгари сарнавишти таърихии халқи тоҷик буда, бо истиқлоли кишвари мо пайванди ногусастанӣ дорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки таҳлилҳои ҳамаҷонибаи дар он баёнгардида оид ба сиёсати забонӣ барои рушди минбаъдаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боз ҳам ҷиддитар муносибат кардан ба масъалаи мазкур мусоидат хоҳад кард. Инчунин, ба муҳаққиқони сиёсатшинос метавонад ҳамчун маводи илмӣ хизмат намояд. Масъалаи таҳқиқ ва таҳлилу пешниҳодҳо барои баз ҳам тақвият бахшидан ба татбиқи сиёсати забонӣ ин масъалаи таҳқиқи на танҳо забоншиносон мебошад, балки ҷанбаҳои сиёсии масъалаи забонро барои боз ҳам васеътар омӯхтан имконпазир мегардад ва дар ин самт роҳи васеъро мекушояд.

Натиҷаҳои онро метавон дар амалияи сиёсати забони давлатӣ дар ҷумҳурӣ ва баҳри боз ҳам тақвият додани забони давлатӣ истифода намуд. Муқарраротӣ асосии диссертатсияи мазкурро метавон дар лексияҳо ва курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба масъалаҳои сиёсати забонӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ истифода гардад. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар кор нишондодашуда метавонад дар пешбурди сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳои дақиқии маълумотҳо, кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсионии «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷуммҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кории илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф роҳҳои амалишавии сиёсати забонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои танзими давлатии сиёсати забон ва дурнамои рушди онро дар Тоҷикистон таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси Шуъбаи сиёсатшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотии он пазируфта гардида, ҳамчун кори илмии баанҷомрасида баҳогузорӣ гардида, барои дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6D-КОА.001. тавсия гардидааст.

Паҳлуҳои асосии методологии рисола ва пешниҳодҳо барои татбиқи амалии онҳо дар баромади муаллиф дар конференсияҳои илмиву амалии ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ маъруза гардида, муҳокима шудаанд ва дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқотҳои марбути кори диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 188 саҳифа омода гардидааст.

# БОБИ I. СИЁСАТИ ЗАБОНӢ УНСУРИ МУҲИММИ РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

## 1.1. Асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати забонӣ

Забон неъмати бебаҳои зиндагии аҳли башар мебошад. Инсон фақат тавассути забон метавонад эҳсос ва фикру андешаҳои худро иброз намояд. Забони миллӣ ойинаи пурҷилои таърих, ҷаҳони маънавӣ ва хираду маърифати ҳар як халқу миллат ба шумор меравад, қайд менамояд Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Ҳанӯз дар соли 1806 файласуфи шинохта Фихте И.Г. дар китоби худ «Андешаҳо нисбат ба миллати немис» иброз намуда буд, ки «одамони бо як забон ҳарфзананда аз руйи як қатор арзишҳо бо ҳам алоқаманданд … ва аз ин рӯ, онҳо ҷузъҳои аз ҳам ҷудонашаванда ва том мебошанд».[1]

Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса бармеояд, ки забон воситаи асосии ташаккулёбии ҳувияти гурӯҳӣ ва меъёри асосии худшиносӣ ба шумор меравад. Маҳз, чунин қонуният забонро ҳамчун воситаи сиёсат ва ҳамзамон объекти муҳимтарини сиёсати давлатӣ муайян менамояд. Хусусияти сиёсӣ пайдо намудани забон дар таҳқиқоти олими рус Наумов В.В. хеле хуб таҷассум ёфтааст. Ба андешаи ӯ, «Забон, пеш аз ҳама, ҳокимият аст ва баъдан воситаи амалӣ намудани мақсадҳое мебошад, ки давлат дар назди худ гузоштааст».[2]

Дар замони муосир сиёсати забонии давлат ва таваҷҷуҳи давлатро ба ин масъала бо чунин хусусиятҳои забон алоқаманд намудан мумкин аст. Ғайр аз ин, як қатор омилҳое мавҷуданд, ки ба масъалаи забон таваҷҷуҳи ҳар як давлатро ҷалб менамоянд. Аз ҷумла, демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, мустаҳкам намудани алоқаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, илмию технологӣ, иқтисодию сиёсӣ, аз байн бурдани шиддати иҷтимоӣ, барҳам задани

---

[1]Марусенко, М. А. Языки и национальная идентичность: современные вызовы национальному единству и территориальной целостности [Текст] / М. А. Марусенко. – М.: Научно-политическая книга, 2015. – С.57.
[2] Наумов, В.В. Государство и язык: формулы власти и безвластия [Текст] / В. В. Наумов. –М.: КомКнига, 2010. –С.75.

низоъҳои этникӣ, коҳиш додани рӯҳияи сиёсии марказгурез, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ақаллиятҳои этникӣ ва монанди инҳо ба омилҳои мазкур мисол шуда метавонанд.

Бояд гуфт, ки забон ҳамчун воситаи пешбурди сиёсат аз аввалин лаҳзаҳои пайдоиши давлатҳои миллӣ ба объекти муҳимтарини сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, ба ин масъала олимону муҳаққиқони зиёд таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки намояндагони мактабҳои илмию сиёсӣ ба ин масъала муносибати якхела надоранд. Дар таълимоти онҳо ва таҷрибаи давлатҳои гуногун, аз истифодаи мафҳум сар карда то ифодаи мазмуни сиёсати забонӣ тафовутҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Аммо дар маҷмуъ, ҳамаи онҳо сиёсатеро дар назар доранд, ки дар он забон ҳамчун василаи пешбурди сиёсати натиҷабахш дониста мешавад.

Чунон ки маълум аст, сиёсат падидаи бисёр васеъ ва доманадор буда, он тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дарбар мегирад ва ба ҳаёти инсонҳо таъсири бузург мерасонад. Сиёсати забонӣ як самти муҳим мебошад, ки барои давлату ҷомеа нақши калидӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқу омӯзиши масъалаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсию иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Сиёсати забон чораҳои мақсаднок (аз ҷумла, амалҳои мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ) мебошанд, ки:

1) мақоми забони мушаххасро муайян мекунад;

2) бо мақсади таъмини омӯзиши забонҳо барои шаҳрвандон мутобиқи ниёзҳои давлатӣ қабул карда мешаванд;

3) барои муайян кардани ҳуқуқҳои инфиродӣ ё гурӯҳӣ марбут ба омӯзиш, истифода ва ҳифзи забонҳои муайян қабул карда мешаванд;

4) танзими давлатии истифодаи забони давлатиро пешниҳод мекунад.

Сиёсати забон, пеш аз ҳама, бо интихоб ва тасдиқи таълими забон, ки ба мақсадҳои аҳаммияти давлатӣ хизмат мекунад, сарукор дорад. Барои

банакшагирии забонӣ ва пешгӯии забон, барномаи махсус зарурат аст, ки он ҷиҳати рушди ояндаи забонҳои алоҳида ва тақсими нақши функсионалии байни онҳо мувофиқи самтҳои мавҷудаи сиёсати забонии кишвар мусоидат менамоянд. Чораҳои мушаххас, фаъолиятҳое, ки дар доираи сиёсати забонӣ, дар ташаккули системаҳои терминологӣ, стандартисозӣ, рамзгузории забонӣ роҳандозӣ мешаванд, як навъ «хишт»-и сохтмонӣ мебошанд.

Сиёсати забонӣ унсури таркибӣ ва яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, дар рушду инкишоф ва устувории муносибатҳои миллӣ ва вазъияти забонӣ нақши муҳим мебозад. Чунин сиёсат имкон медиҳад, ки меъёрҳои ризоияти миллию ҷамъиятӣ, якрангии иҷтимоӣ, таҳаммулпазирии этникӣ, аз байн бурдани шиддати этнополитикӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Сиёсати забонӣ барои мамлакатҳое, ки ба тозагӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардаанд, хеле аҳаммиятнок буда, дар раванди сохтмони давлатӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ нақши меҳвариро иҷро менамояд.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «сиёсати забонӣ» соли 1929 аз ҷониби олими шӯравӣ Поливанов Е.Д. мавриди истифода қарор дода шудааст. Аз он вақт сар карда, олимони шӯравӣ сиёсати забониро ҳамчун падидаи лингвистию сиёсӣ муаррифӣ намудаанд. Яъне, сиёсати забонӣ амалу рафторе мебошад, ки барои танзими меъёрҳои таркибии забон нигаронида шудаанд ва инчунин, муайянкунандаи миқёси истифодабарии забон дар соҳаҳои гуногун ва самтҳои фаъолияти инсонӣ дониста мешаванд. Дар омӯзиши ин масъала як қатор олимони шӯравӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Махсусан, махсусан, бояд таъкид намуд, ки дар ду мазмун ифода намудани сиёсати забониро одатан забоншиносон, ҳуқуқшиносон, фарҳангшиносон ва педагогҳои он давра бештар ҷонибдорӣ менамуданд.

Дар солҳои 60-уми асри XX дар Иттиҳоди Шӯравӣ мафҳуми «сохтмони забонӣ» низ мавриди истифода қарор дода мешуд, ки зери ин мафҳум «чорабиниҳои давлатие фаҳмида мешуд, ки онҳо барои рушди

забонҳои хурд ва забонҳои атрофи марказ»[1] нигаронида шуда буданд. Ин давраи таърихиро муҳаққиқи рус Илишев И.Г. давраи «плюрализми забонӣ» муаррифӣ намуда, иброз медорад, ки мафҳуми «сохтмони забонӣ» муродифи мафҳуми «сиёсати забонӣ» дониста мешавад.[2] Аммо баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва тағйирёбии вазъияти сиёсӣ мафҳуми «сохтмони забонӣ» дар канор мемонад ва он танҳо дар баъзе аз мавридҳо ҷузъи таркибии сиёсати забонӣ муаррифӣ мегардаду халос.

Намояндагони мактабҳои илмии Ғарб ҳангоми баррасии моҳияти сиёсати забонӣ дар бештари мавридҳо аз анъанаҳои олимони амрикоӣ пайравӣ менамоянд. Дар анъанаҳои мазкур дар аксар маврид ба ҷойи мафҳуми «сиёсати забонӣ» мафҳуми «банақшагирии забонӣ»-ро истифода менамоянд. Мафҳуми мазкур соли 1959 аз ҷониби олими амрикоӣ Э.Хауген мавриди истифода қарор дода шудааст. Ба воситаи ин мафҳум таъсиррасонии расмию ғайрирасмӣ ба забон, хусусиятҳои муҳимми ин раванд дар назар дошта мешавад[3].

Ба ҳамин монанд як қатор мафҳумҳои дигар низ барои ифодаи мазмуни сиёсати забонӣ истифода мегардад. Аз ҷумла, мафҳумҳои англисии «низоми забонӣ» (language treatment) ва «муҳандисии забон» (language engineering), мафҳуми фаронсавии «ташаккули забон» (amenagement linguistique) ва ғ. Ба андешаи мо, ҳамаи мафҳумҳои номбаргардида дар ин ё он шакл мазмуни сиёсати забониро ифода менамоянд ва аз ин рӯ онҳоро муродифи ин мафҳум муаррифӣ намудан мумкин аст.

Дар раванди баррасии масъалаҳои забонӣ мафҳуми банақшагирии забонӣ ҳамаҷониба ташаккул ёфта, аз ҷониби муҳаққиқони зиёд ҷонибдорӣ меёбад. Дар аксар маврид ҷонибдорони ин ҷараён банақшагирии забониро раванди дар амал татбиқ намудани сиёсати забонӣ муаррифӣ намудаанд.

---

[1]Скачкова, И. И. Языковая политика и языковое планирование [Текст] : определение понятий / И. И. Скачкова // Политическая лингвистика. – 2015. – №1 (51). – С. 129.
[2]Ниг.: Илишев, И. Г. Язык и политика в многонациональных обществах (проблемы теории и практики) [Текст] : автореф. дис... д-ра полит. наук: 23.00.01. / И.Г. Илишев. – СПб, 2000. – С. 47.
[3]Ниг.: Скачкова, И. И. Языковая политика и языковое планирование [Текст] : определение понятий / И. И. Скачкова // Политическая лингвистика. – 2015. – №1 (51). – С. 126.

Чунин мавқеъро олимони рус Вахтин Н.Б., Головко Е.Б., Кобенко Ю.В., Москвичева С.А. ва чанде дигарон пайравӣ намудаанд.[1] Аммо муҳаққиқи немис Клосс Х. ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, сиёсати забониро ҳамчун раванди ташаккулдиҳии қонуну қоидаҳо ва банақшагирии забониро ҳамчун раванди дар амал татбиқ намудани қарорҳои сиёсӣ донистааст.[2] Вобаста ба мазмуну мундариҷаи банақшагирии забонӣ муҳаққиқи немис Клосс Х. ва олими амрикоӣ Р.Купер корҳои зиёд анҷом додаанд. Дар моделҳои аз ҷониби онҳо ташаккул додашуда се унсури муҳимтарини банақшагирии забонӣ нишон дода мешавад:

1) банақшагирии сохтори забон (corpus planning) – банақшагирии омилҳои дохилии сохтори забон ва таҷдиди онҳо;

2) банақшагирии мақоми забон (status planning) – банақшагирии тавсеаи вазифаҳои забон ва баланд бардоштани муҳиммияти он дар ҷомеа;

3) банақшагирии ҳифзи забон (acquisition planning) – банақшагирии омӯзиши забон аз ҷониби гурӯҳҳои иҷтимоӣ.[3]

Вобаста ба баррасии масъалаи сиёсати забонӣ мактабҳои илмии мамлакатҳои пасошӯравӣ анъанаҳои илмии мактаби илмии замони шӯравиро идома медиҳанд. Айни замон, муайян намудани моҳияти сиёсати забонӣ дар аксар мавридҳо бо такя ба андешаҳои Аврорин В.А. анҷом дода мешавад. Ба андешаи ин муҳаққиқи шӯравӣ, сиёсати забонӣ низоми меъёрҳое мебошад, ки «ба воситаи он танзими муносибатҳои забонӣ, идора намудани таъсири

---

[1]Ниг.: Вахтин, Н. Б. Языки народов Севера в XX веке: очерки языкового сдвига [Текст] / Н. Б. Вахтин. – СПб.: Дм. Буланин, 2001. – 338 с.; Головко, Е. В. Языковое разнообразие на территории России [Текст] : проблемы документирования и интерпретации / Е. В. Головко // Труды Института лингвистических исследований РАН. – 2015. – Т.XI. – Ч.2. – С. 7-21.; Кобенко, Ю. В. Экзоглоссный и эндоглоссный типы языковой политики [Текст] / Ю. В. Кобенко // Вестник Томского государственного педагогического университета. – 2010. – №7. – С. 51-54.; Москвичева, С. А. Языковая политика и языковое планирование [Текст] / С. А. Москвичева // Типология языковых ситуаций и языковая политика в России и мире: коллективная монография / Н.Ф. Михеева и др.; под ред. Н.Ф. Михеевой, Ю. Н. Эбзеевой. - М.: Российский ун-т дружбы народов, 2013. – С. 82-116.

[2] Ниг.: Pasch, H. Standardisierung internationaler afrikanischer Verkehrssprachen [Tekst] / H. Pasch. – Opladen: Westdeutscher Verlag GmbH, 1994. – S. 14.

[3] Ниг.: Кузнецов, С. Н. Модели языковой политики в русскоязычном сообществе [Текст] / С. Н. Кузнецов. // Русский язык: исторические судьбы и современность. Материалы Международного конгресса исследователей русского языка. – М.: Изд-во МГУ, 2001. – С.75.

омилҳои гуногун ба сохтори забон ва ҳолати забон» ба амал баровварда мешавад.[1]

Дар чунин шакл баррасӣ гардидани масъалаи сиёсати забонӣ аз ҷониби Алпатов В.М., Беликов В.И., Крысин Л.П., Гришаева Е.Б., Михальченко В.Ю. ва чанде дигарон дастгирӣ ёфтааст.[2] Муҳаққиқи дигари рус Дешериев Ю.Д. бошад, бо дарназардошти нақши идеологияи давлатӣ сиёсати забониро маҷмуи «меъёрҳои идеологӣ ва чорабиниҳои амалие медонад, ки ба воситаи онҳо дар мамлакат ва ҷомеа масъалаҳои муҳимтарини забонӣ ҳаллу фасл мегарданд».[3] Бо дарназардошти гуфтаҳои боло қайд намудан бамаврид аст, ки сиёсати забонӣ ба воситаи маҷмуи институтҳо, роҳу воситаҳои мухталиф амалӣ карда мешавад. Қонуне, ки ба воситаи он дар ҳудуди мамлакат забонҳои мушаххас мақоми давлатӣ гирифта, ба таври расмӣ истифодаи онҳо иҷозат дода мешаванд, танҳо ҷузъи таркибии сиёсати забонӣ дониста мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи муҳаққиқон хусусияти институтсионалӣ доштани сиёсати забониро таъкид менамоянд. Зеро ин навъи сиёсат, одатан, аз ҷониби сохторҳои давлатие амалӣ мегардад, ки онҳо барои пешбурди ин гуна сиёсат салоҳиятдор ҳастанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда як гурӯҳ олимон танзими равандҳо ва муносибатҳои забониро хоси доираи васеи субъектҳои гуногунсатҳ мешуморанд, ки дар ин миён на танҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, балки ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва монанди инҳо низ шомиланд. Ба андешаи муҳаққиқи қирғиз Дятленко П., «низоми идоракунии маъмурӣ, низоми маориф, муассисаҳои динӣ ва воситаҳои

---

[1] Аврорин, В. А. Проблемы изучения функциональной стороны языка (к вопросу о предмете социолингвистики) [Текст] / В. А. Аврорин. – Л.: Наука, 1975. – С. 10 .

[2] Ниг.: Алпатов, В. М. Языковая политика в современном мире: «одноязычная» и «двуязычная» практики и проблема языковой ассимиляции [Текст] / В. М. Алпатов // Сравнительная политика, 2013. – №2. – С. 11-22; Беликов, В. И. Социолингвистика [Текст] : учебник / В. И. Беликов, Л. П. Крысин. – М.: Юрайт, 2016. – 338 с.; Гришаева, Е. Б. Типология языковых политик и языкового планирования в полиэтническом и мультикультурном пространстве: функциональный аспект: [Текст] дисс. …д-ра филол. наук: 10.02.19. / Е. Б. Гришаева. – Красноярск, 2007. – 592 с.; Михальченко, В. Ю. Языковое законодательство как этап реализации основных принципов языковой политики [Текст] // Языковая политика в контексте современных языковых процессов / РАН Ин-т языкозн.; Отв. ред. А.Н. Биткеева. – М.: Азбуковник, 2015. – С. 29-37.

[3] Дешериев, Ю. Д. Советская методология, теория и практика планирования и прогнозирования языкового развития [Текст] // Лингвистический энциклопедический словарь. / Гл. ред. В. Н. Ярцева. – М.: Сов. энцикл., 1990. – С. 616

ахбори омма ниҳодҳое мебошанд, ки дар раванди амалишавии сиёсати забонӣ нақши муассир ва таъсири амиқ мерасонанд».[1]

Ҳамин тариқ, муҳаққиқи рус Алпатов В.М. сиёсати забониро ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ муаррифӣ намуда, онро маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие медонад, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои таъмини рушду инкишоф, муътадилгардонӣ ва стандартикунонии забони давлатӣ ва забонҳои ақаллиятҳои этникии мамлакат ташаккул дода шудаанд.[2] Инчунин, дар робита бо ин масъала мулоҳизаҳои Москвичева Л.Н. низ хеле ҷолибанд. Ба андешаи ӯ, сиёсати забонӣ посух ба низоъҳои этникӣ мебошад ва аз ин рӯ, он маҷмуи меъёрҳое мебошад, ки барои ба эътидол овардан ва нигоҳ доштани оромии этникӣ нигаронида шудааст.[3]

Вобаста ба ин гуна баррасӣ бояд қайд намоем, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ баъзан метавонанд ба вазъияти забонӣ мухолифат низ дошта бошанд. Масалан, аз байн бурдани ин ё он забон, манъ намудан ва ё коҳиш додани истифодаи он дар ҳудуди мамлакат ба ин мисол шуда метавонад. Ҳарчанд дар таҳқиқоти олимон чунин ҳолат хеле кам ба назар мерасад, ҳар як амали маҳдудкунандаи забон ҷузъи таркибии сиёсати забонӣ ба шумор меравад, монанди оне, ки рушди забони давлатӣ, нигоҳ доштани фасоҳату балоғати он, ғанигардонии захираи луғавии он, афзунгардонии миқёси истифодабарии он низ самтҳои афзалиятноки сиёсати забонӣ мебошанд.

Мафҳуми «сиёсати забонӣ» дар асарҳои як қатор муҳаққиқон, ба монанди Антроповой Л.И., Аюпова Л.Л., Мечковской Н.Б., Баскакова А.И., Михальченко В.Ю. дар алоқамандӣ бо мафҳуми «вазъияти забонӣ» мавриди истифода қарор дода мешавад. Вазъияти забонӣ бошад, маҷмуи унсурҳои

---

[1]Дятленко, П. Языковая политика языковые реформы в государственном и национальном строительстве (аналитический обзор) [Текст] / П. Дятленко // Социологическое обозрение. – 2007. – Том 6. – №3. – С.49.
[2] Ниг.:Алпатов, В. М. 150 языков и политика, 1917-1997 [Текст] : Социолингвистические проблемы СССР и постсоветского пространства / В. М. Алпатов; Ин-т востоковедения РАН. - М.: ИВ РАН, 1997. – С. 125.
[3]Ниг.:Москвичева, С. А. Языковая политика и языковое планирование [Текст] / С. А. Москвичева // Типология языковых ситуаций и языковая политика в России и мире: коллективная монография / Н.Ф. Михеева и др.; под ред. Н.Ф. Михеевой, Ю. Н. Эбзеевой. - М.: Российский ун-т дружбы народов, 2013. – С. 92.

этнолингвистӣ ва сотсиолингвистие мебошад, ки ба воситаи онҳо мавқеи забон, низоъҳои этникию забонӣ, салоҳиятҳои забонӣ, шумораи истифодабарандагони забон ва омӯзандагони забон муайян карда мешавад.[1] Дар чунин ҳолат сиёсати забонӣ хеле мухолифатнок ва шиддатнок мушоҳида мегардад.

Бо дарназардошти вазъияти забонӣ гуфтан мумкин аст, ки сиёсати забонӣ, аз як ҷониб, омили таъсиррасон ба тағйирёбӣ ва ё нигоҳдории вазъияти забонии мавҷуда ва аз ҷониби дигар, худи он дар зери таъсири вазъияти забонӣ қарор мегирад. Ба ибораи дигар, дар баъзе аз мамлакатҳо вобастагии байниҳамдигарии сиёсати забонӣ аз вазъияти забонӣ эҳсос мегардад. Масалан, чунин вобастагии байниҳамдигариро дар сиёсати забонии Швейтсария дидан мумкин аст, ки таърихан дар ин мамлакат чаҳор забон барои мавҷудияти худ дар талош ҳаст ва доимо ба сиёсати забонӣ таъсиргузор мебошанд. Инчунин, дар таърихи сиёсати забонии Канада низ чунин ҳолатро дидан мумкин аст. Дар ин мамлакат доимо кӯшиши таъсир расонидан ба вазъияти забонӣ ва мухолифати фаъол ба ин гуна таъсиррасонӣ дида мешавад. Бинобар ин, дар чунин вазъият субъектҳои сиёсати забонӣ дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ доимо зери фишор қарор мегиранд.

Муҳаққиқи дигар Каневский А.А. дар раванди баррасии сиёсати забонӣ онро бо вазъияти забонӣ хеле хуб алоқаманд намудааст. Ба андешаи ӯ, «сиёсати забонӣ фаъолиятҳои мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ буда, барои тағйир додани вазъияти забонӣ сафарбар гардидаанд. Мураккабии вазъияти забонӣ фаъолиятҳои гуногунсамти мақомоти давлатиро тақозо менамояд, то ки ба он таъсиррасонии сиёсӣ амалӣ карда шавад. Сиёсати забонӣ ҳамчун навъи махсуси сиёсати миллии давлат инъикоскунандаи муносибати давлат бо масъалаҳои миллию забонӣ мебошад».[2]

---

[1]Ниг.: Шхумишхова, А. Р. Языковая ситуация и языковая политика в современном поликультурном обществе [Текст] / А. Р. Шхумишхова // Вестник Адыгейского государственного университета, 2014. – №2(140). – С. 122-126.
[2]Каневский, А.А. Языковая политика как вид национальной политики государства [Текст] / А.А. Каневский. // Философия права. –2015. –№4 (71). – С.51.

Аз таҷрибаи кишварҳои дунё маълум мегардад, ки масъалаи забон бевосита аз тарафи роҳбарони аввалмақом ва ё ниҳодҳои махсуси давлатӣ назорат карда мешавад. Барои мисол, дар Фаронса бо ташаббуси президенти собиқи ин кишвар Шарл де Гол ҳанӯз соли 1966 кумитаи олии ҳимоят ва густариши забони фаронсавӣ таъсис дода шуда, барои бе зарурат истифода кардани вожаҳои бегона ҷарима муқаррар карда шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки қонуни аввалин ҳам дар бораи забон дар Фаронса ба тасвиб расида буд. Чорабиниҳои маъмурӣ дар нисбати ҳимояи забон дар қонунҳои мамлакатҳои Гурҷистон, Латвия, Эстония, Арманистон ва ғайра низ зикр гардидаанд.

Сиёсати забонӣ ҷузъи ҷудонопазири сиёсати миллӣ маҳсуб меёбад, зеро забон яке аз рукнҳои миллат аст ва тавсеаи доираи истифодаи ин ё он забон ё, баръакс, танг намудани он ногузир бо масоили ҳуқуқи миллатҳо дар ҷомеа иртибот пайдо мекунад».[1] Маҳз, ҳамин ҷиҳати масъала буд, ки қабули Қонуни забон дар Тоҷикистон, аз як тараф, ягон табақаи аҳолиро бетараф намонд ва аз сӯи дигар, ҷомеаро ба ду гурӯҳи ақидаи хилофи якдигардошта ҷудо кард. Вале ибораи «сиёсати забонӣ» аз ду вожа таркиб ёфтаасту вожаи дуюми он сифати «забонӣ» мебошад. Ҳама гуна сиёсат, аз он ҷумла сиёсати забонӣ барои ҳадафҳои муайян, ҳадафҳое, ки барои манфиатҳои аксарият дар ҷомеа хидмат мекунад, қабул ва дар амалия ҷорӣ мешавад. Ҳадафи асосии сиёсати забонӣ ҳам бояд ҳимояи забон бошад, на масъалаҳои миллӣ. Ҳимояи забоне, ки чун парчаму нишон симои давлату миллат асту суруди миллӣ бо он забон танинандоз мегардад.

Амалӣ гардидани сиёсати забонӣ ва ба роҳ мондани идоракунии давлатӣ дар соҳаи забон дар аксар маврид бо ислоҳоти забон робитаи қавӣ дорад. Ислоҳоти забон ҳамчун раванди тағйир додани мавқеи забон ва таъмин намудани рушду инкишофи он дар навбати худ чунин равандҳоро

---

[1]Ғиёсов, Н. Мақоми забон дар таҳкими истиқлолият [Матн] / Н. Ғиёсов. // Пешвои миллат ва сиёсати забон. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С.248.

дарбар мегирад: тағйир додани алифбо, таркиби луғавии забон, сарфу наҳв, захираи луғавии забон ва қисмҳои дигари забон. Ҳатто тавсеаи миқёси истифодабарии забони расмӣ низ метавонад ҳамчун раванди ислоҳоти забонӣ ва тағйир додани вазъияти забонӣ муаррифӣ гардад, ки ҳамагӣ ҷузъи таркибии сиёсати забонӣ мебошанд. Масалан, тағйир додани ному насаби одамон, дар заминаи забони расмӣ ба роҳ мондани номгузории одамон, номгузории кӯчаю хиёбонҳо, ноҳияҳо, боғу гулгаштҳо ва дигар объектҳои муҳимми давлатӣ ба раванди ислоҳоти забонӣ дохил мегарданд.

Бояд тазаккур дод, ки ислоҳоти забон ҳарчанд барои беҳтар намудани мақоми забони расмӣ нигаронида шуда бошад ҳам, дар баъзе ҳолатҳо ин гуна сиёсат натиҷаҳои дилхоҳ намедиҳад ва бар зарари худи забон анҷом мепазирад. Масалан, ғанигардонии фонди луғавии забон аз ҳисоби манъ намудани мафҳумҳои дар таркиби луғавии забон воридшуда ва бо роҳи ифода намудани онҳо ба воситаи вожаҳои худӣ баъзан ба услуби забон таъсири манфӣ мерасонад. Махсусан, забони илм аз чунин ислоҳот зарари ҷиддӣ мебинад. Бинобар ин, дар раванди амалишавии сиёсати забонӣ ва махсусан, анҷом додани ислоҳоти забон бояд паёмадҳои он ба инобат гирифта шаванд. Хуб мебуд, агар ислоҳотчиёни ин соҳа пеш аз оғози ислоҳоти забон тағйиротҳои ояндаро аввал дар қолаби манфиатҳои миллӣ ғунҷонида, мухолифат ва мувофиқати онро муайян менамуданд.

Гузаронидани ислоҳоти забонӣ дар таҷрибаи ҳар як давлати соҳибистиқлол ба мушоҳида мерасад. Аммо дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият дар ин самт корҳои назаррас бештар дида мешаванд. Масалан, дар Туркия дар давраи ислоҳоти камолизм (Камол Отатурк) забони туркӣ аз алифбои арабиасос ба алифбои лотинӣ гузаронида мешавад ва ҳамзамон барои аҳолии мамлакат насабҳои миллӣ пешниҳод мегарданд. Ғайр аз ин, дар солҳои 1920-1930 ҳамаи асарҳои мутафаккирони классик ба забони лотинӣ баргардон мешаванд ва минбаъд олимону муҳаққиқонро маҷбур менамоянд, ки ба забони туркӣ асар эҷод намоянд.

Чунин тамоюлот дар давлатҳои пасошӯравӣ низ ба мушоҳида мерасад. Чуноне пештар ҳам зикр гардида буд, баъди фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар мамлакатҳои пасошӯравӣ раванди баргузории ислоҳоти забонӣ оғоз шуд, ки асоси онро баланд бардоштани мавқеи забони расмии давлатӣ ва забони миллатҳои таҳҷоӣ ташкил медод. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун кишвар тозаистиқлол ва ҳамчун мамлакати пасошӯравӣ аз ин раванд дар канор набуд ва имрӯзҳо аз ҳарвақта бештар ба масъалаи рушди забони давлатӣ (тоҷикӣ) ва сохтмони давлатдории миллӣ аз ҷониби ҳукумати кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Қобили таъкид аст, ки ҳар як ислоҳоти забонӣ дар заминаи стратегияи махсуси давлатӣ, ки дар заминаи сиёсати забонӣ амалӣ карда мешавад, роҳандозӣ мегардад. Аз ин рӯ, стратегияҳои сиёсати забонӣ низ ба таври мухталиф зоҳир гардида, ҳар яки он хусусиятҳои хосси худро доро мебошад. Айни замон стратегияи прагматикӣ, протексионию прагматикӣ, протексионӣ ва миллиро аз ҳам фарқ менамоянд.

Стратегияи прагматикӣ дар раванди амалишавии сиёсати забонӣ самаранокии иқтисодӣ ва рушди иқтисодии кишварро дар madди аввал мегузорад. Намунаи беҳтарини стратегияи мазкур дар Ҷумҳурии Сингапур истифода бурда шудааст. Дар ин мамлакат забони англисӣ аз соли 1826 забони расмии давлатӣ ба шумор меравад. Айни замон бошад, дар Сингапур чаҳор забони давлатӣ мавҷуд аст: англисӣ, хитоӣ, малайӣ ва тамилӣ. Ба ҳамаи ин забонҳо рӯзномаю маҷаллаҳо нашр мегарданд, барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ пахш мешаванд. Дар синфҳои поёнӣ кӯдакон ба забони модарии худ дарс мехонанд. Аммо дар синфҳои болоӣ ва донишгоҳҳо дарсҳо ба забони англисӣ сурат мегиранд. Донистани забони англисӣ аз ҷониби аксарияти аҳолӣ аз худ намудани касбу ихтисосҳои мушкилро осон мегардонад ва ҳамзамон аз худ намудани техника ва технологияҳои замони муосирро имконпазир месозад.

Стратегияи протексионию прагматикӣ дар баробари самаранокии иқтисодӣ, инчунин, ба масъалаи рушди забон низ таваҷҷуҳ намуда, ба воситаи ҷорӣ намудани имтиёзҳои мушаххас ин ё он забонро дастгирӣ менамояд. Ин навъи стратегияи сиёсати забониро стратегияи омехта низ номидан мумкин аст. Намунаи беҳтарини амалишавии стратегияи мазкур дар Финляндия ва Италия ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар Финляндия тибқи Конститутсияи мамлакат ду забони давлатӣ мавҷуд аст: забонҳои финӣ ва шведӣ. Финҳо 90% аҳолӣ ва шведҳо ҳамагӣ 7% аҳолиро ташкил медиҳанд. Финляндия чунин сиёсатро ба он хотир интихоб намудааст, ки он бо Шветсия тӯли қарнҳост, ки ҳамкориҳои дӯстона дорад ва барои таҳкими шарикии стратегӣ низ ин гуна сиёсат созгор аст.

Дар Италия низ 94% аҳолӣ итолиёвиҳо мебошанд. Аммо дар як қатор вилоятҳои Италия намояндагони забонҳои дигар низ умр ба сар мебаранд. Дар ғарби мамлакат зиёда аз 100 ҳазор фаронсавизабонон, дар шимолу ғарбии кишвар зиёда аз 260 ҳазор истифодабарандагони забони немисӣ ва 53 ҳазор истифодабарандагони забонҳои славянӣ умр ба сар мебаранд.[1] Масалан, дар вилояти Валед Аост, ки дар он одатан фаронсавизабонҳо зиндагӣ мекунанд, забони фаронсавӣ бо забони итолиёвӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мақоми якхела дорад.

Стратегияи протексионистӣ бошад, одатан, барои ҳифзу ҳимояи як ё якчанд забон нигаронида шудааст. Стратегияи миллӣ барои рушди ягонагии забон ва ҷорӣ намудани забони ягонаи ҳатмӣ нигаронида шудааст. Чунин сиёсат одатан зери шиори «як мамлакат, як миллат, як забон» амалӣ мегардад.

Бо дарназардошти моделҳои гуногун, стратегияҳо, тактика ва усулҳои татбиқи сиёсати забон зарур аст, ки баррасии масъалаи забону адабиёти этникӣ, фарҳангӣ ва минтақавии шаҳрвандон ва дар баъзе ҳолатҳо бо

[1]Ниг.: Дятленко, П. Языковая политика языковые реформы в государственном и национальном строительстве (аналитический обзор) [Текст] / П. Дятленко // Социологическое обозрение. – 2007. – Том 6. – №3. – С. 54.

шахсияти динӣ, иҷтимоӣ ва идеологии одамон алоқаманд бошад. Стратегияҳои сиёсати забон дар аксарияти мавридҳо хислати дарозмуҳлат, мақсаднок ва институтсионалӣ мегирад. Онҳо, чун қоида, аз ҷониби давлат таҳия ва татбиқ карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, давлат ин стратегияҳоро мустақилона интихоб намекунад, он бо вазъияти забонӣ, равандҳо ва тамоюлҳо вобаста аст.

Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки стратегияи прагматикӣ асосан ба амалисозии чораҳои самарабахши иқтисодӣ нигаронида шудааст. Протектсионӣ-прагматикӣ тадбирҳоеро, ки ба натиҷаҳои иқтисодӣ ва ҳифзи забонҳои муайян тавассути фарогирӣ, имтиёзҳо ва ҳавасмандгардонӣ равона шудаанд, муттаҳид мекунад. Стратегияи муҳофизатӣ асосан ба ҳимоя ва ҳифзи забонҳо ё забонҳои муайян нигаронида шудааст. Ин маъмулан ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ ё забонҳои расмии гурӯҳҳои хурд, ки дар асл ё фикри сиёсии элита зери таҳдиди яке аз забонҳои ҷаҳон ё забоне, ки дар ин минтақа зиндагӣ мекунанд, ишора мекунанд. Стратегияи миллӣ барои ноил гардидан ба ташаккули забони ягонаи аҳолӣ дар мамлакати муайян амалӣ карда мешавад. Беҳтар аст, ки пеш аз ҳама, мафҳуми "як кишвар, як нафар, як забон" ифода карда шавад. Ҳар як элита ин ва ё он стратегияро интихоб мекунад ва сабабҳои муайяни онро пешниҳод менамоянд: арзишӣ, иқтисодӣ, сиёсиву идеологӣ, таърихӣ. Аксар вақт ин сабабҳо дар маҷмуъ амал менамоянд ва сиёсати забонро танҳо чун як шакли тартиботи ҷамъиятӣ дида мебароянд. Ин эътироф аз он далолат медиҳад, ки диққати аксарияти ҷомеаи муосирро масъалаҳои гунони забонӣ ҷалб менамояд.

Дар дурнамои таърихӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи ин масъала бо методҳои ҳамаҷониба ва гуногунпаҳлу эътироф шудааст. Стратегияи сотсиолингвистикӣ сохтани модели сиёсати забонии давлатҳои полиэтникиро тақозо мекунад, ки он алоқаманд бо ҳамгироӣ ва демократикунонии ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи муосир аст, ки асосан натиҷаи муошрати байниминтақавӣ мебошад. Раванди рушди ҳамгироии забон, махсусан, дар бисёр давлатҳои

полиэтникӣ ва гуногунзабон муайян кардани принсипи прагматизмии сиёсии ин давлатҳо мебошад. Сохтори методологии сотсиолингвистика имкон медиҳад, ки инкишофи вазъияти фарогирии забонҳо, муайян намудани вазъи забонҳои ақаллиятҳои этникӣ ва тасвири модели сиёсии забонҳои давлатҳои полиэтникиро муайян намояд. Хусусияти хоси этносҳо худидоракунӣ мебошад, ки он ҳамеша ҳамчун омили гуногунмиллӣ эътироф карда мешавад. Ҳар гуна қавмҳо объективона инкишоф меёбанд - аз ҳудуди ҷомеа (ё робитаҳои наздикӣ), забон, фарҳанг, иқтисод, дин ва баъдан худмуайянкунии қавмҳо инкишоф меёбад.

Бо вуҷуди ин, дар асл, худшиносии этникӣ бо усулҳои гуногун, вобаста ба омилҳои субъективӣ ва объективӣ, зоҳир мегардад. Дар соҳаи илм мафҳуми «худшиносӣ», пеш аз ҳама, ҳамаи ҷомеаҳои иҷтимоӣ (этникӣ, синф, динӣ ва ғайра) ва консепсияи ғарбии "шахсият" – инфироди алоҳида мебошад. Бинобар ин, ҳар як шахс, бошуурона ё бешуурона, худро ба ҷомеаҳои муайян нисбат медиҳад: биологӣ (аз нажодӣ то хунӣ), ҳудудӣ, динӣ, забонӣ, иҷтимоӣ (синфӣ, табақотӣ ва ғайра), динӣ ва фарҳангӣ. Омили ҳалкунанда дар ошкоркунии қавм бояд худидоракунӣ аз гурӯҳҳои этникӣ бошад. Инҳо омилҳои зеринро дарбар мегиранд: иҷтимоиву иқтисодӣ, иҷтимоиву сиёсӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ, инчунин, дараҷаи ҳамгироии дохилӣ ва берунии гурӯҳҳои этникӣ.

Дар робита ба сиёсати забонӣ давлатҳои полиэтникиро, аввалан, раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, дуюм таҳким ва густариши робитаҳои иқтисодию фарҳангӣ дар тамоми ҷаҳон дар раванди илмӣ - техникӣ ва иҷтимоӣ - фарҳангӣ дар ҷараёни рушди ҳамгироии ҷомеаи муосир ҷалб мекунанд. Ҳамаи ин ба ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ оварда мерасонад ва ба ин васила мушкилоти нав бо забонҳои мухталиф ва хусусиятҳои гуногун, пеш аз ҳама, проблемаи демократикунонии сиёсати забонӣ пеш меояд. Ҳамин тариқ, мушкилоти забонӣ дар назди халқҳои давлатҳои полиэтникӣ умумиятҳои бисёр дорад (умуман, вобаста ба омилҳои мушаххаси иҷтимоӣ,

иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологӣ, вазъияти сотсиолингвистикӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, инчунин, интихоби роҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ) хеле зиёданд ва бо роҳҳои гуногун ҳал карда мешаванд. Махсусан, бояд таъкид кард, ки дар баъзе давлатҳои полиэтникӣ мавҷудияти ақаллиятҳои этникӣ ва забонӣ дар қонунгузории дохилии ин кишварҳо эътироф намешаванд. Масалан, дар баъзе кишварҳои Аврупо (давлатҳои пештар аъзои собиқ ИҶШС) ва Амрикои Лотинӣ, ба андешаи онҳо муҳоҷирон ва насли онҳо ақаллиятҳои гуногун нестанд.

Бо вуҷуди ин, аксари кишварҳо баъзе гурӯҳҳои этникӣ ва забониро чун "ақаллиятҳои миллӣ" эътироф мекунанд, ки бояд ба фарҳанг ва забон мақоми махсус дода шавад. Дар баъзе кишварҳо, масалан, дар Кипр, Ҳиндустон, Покистон, Сингапур ва ғайра эътироф гардидани гурӯҳҳои этникӣ ба қонунгузории дохилии ин кишварҳо дар натиҷаи бастани шартномаҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои дуҷониба дохил карда шуданд.

Дар як қатор давлатҳои полиэтникӣ изҳороти эътироф намудани мақоми гурӯҳҳои этникӣ ва забонӣ барои ҳифзи фарҳанг ва забони онҳо дар қонунҳо ва асноди дахлдор инъикос ёфтаанд, аммо дар ин ҷо низ вазъиятҳое вуҷуд доранд, ки гурӯҳҳои этникӣ ва забонӣ, ки ҳуқуқашон аз тарафи қонун муайян карда мешаванд, ҳамеша ҳамчун ақаллиятҳо дониста мешаванд. Аксар вақт онҳо "ақаллиятҳои миллӣ", "ақаллиятҳои забонӣ", "этносҳо", "миллатҳо", "ҷомеаҳои фарҳангӣ", "ҷомеаҳои динӣ", "динҳо" ё танҳо "гурӯҳҳои забон" номида мешаванд.

Масалан, мувофиқи Конститутсияи Ҳиндустон, ҳар гурӯҳе аз шаҳрвандон ё қисмати он, ки дар ҳудуди кишвар зиндагӣ мекунанд ва дорои адабиёт, забон ва фарҳанги худ мебошанд, ҳақ доранд, ки ин арзишҳояшонро нигоҳ доранд.[1]

Ин ҳуқуқ ба ҳамаи ақаллиятҳо, ки дар асоси динӣ ва забон ташкил шудаанд, дода шудааст. Конститутсияи Сингапур муқаррар менамояд, ки

---

[1] Ниг.: Конституции зарубежных государств [Текст] : Учебное пособие / Сост. В.В. Маклаков. - М.: Волтерс Клувер, 2003. – 593 с.

вазифаи доимии ҳукумат ин ҳимояи манфиатҳои шахсии ақаллиятҳои этникӣ мебошад. Конститутсияи Филиппин ба анъанаҳои расмӣ, анъанаҳо, динҳо ва манфиатҳои ҷомеаҳои фарҳангии миллӣ дар таҳияи сиёсати забони давлатӣ диққати махсус медиҳад. Сарқонуни Шри-Ланка қайд мекунад, ки давлат барои таҳкими ваҳдати миллӣ тавассути рушди ҳамгирой ва эътимоди мутақобил миёни ҳамаи гурӯҳҳои одамон, аз ҷумла гурӯҳҳои нажодӣ, динӣ ва дигар гурӯҳҳо кӯшида, барои рушди фарҳанг ва забонҳои тамоми халқҳо мусоидат мекунад. Конститутсияи Бирма изҳор мекунад, ки ҳуқуқи ҳеҷ яке аз ақаллиятҳои нажодӣ ё забонӣ набояд ҳангоми қабул шудан ба муассисаҳои таълимии давлатӣ маҳдуд карда шаванд.

Дар робита ба истифодаи забонҳои ақаллиятҳои этникӣ, онҳое, ки шартномаҳоро ба ақаллиятҳои миллӣ имзо кардаанд, ҳеҷ гуна маҳдудиятро дар истифодаи озодии ҳар як забон аз ҷониби шаҳрвандони кишвар, дар муносибатҳои шахсӣ ё тиҷоратӣ, дар соҳаи дин, дар матбуоти хусусияти гуногундошта, ҷамъомадҳои ҷамъиятӣ эҳсос намекунанд, ба кӯдаконашон забони модарии худ ва фарҳанги худро бемамоният меомӯзонанд. Нақши муҳимми давлатҳои полиэтникӣ дар масъалаи рушди фарҳангӣ дар бисёр форумҳо ва конфронсҳои илмӣ дар бораи ақаллиятҳои этникӣ ва забонӣ, ки таҳти сарпарастии ЮНЕСКО баргузор мегардад, қайд карда мешавад. Тавре ки аз ҷониби ЮНЕСКО оид ба ҳуқуқҳои инсон муқаррар шудааст, хусусиятҳои фарҳангии ақаллиятҳо бо хусусиятҳои этникӣ, динӣ ва забонӣ ба таври кофӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар Ироқ ақаллиятҳои забонӣ, одатан, аз дигарон бо эътиқоди динӣ фарқ мекунанд, на дар робита бо хусусиятҳои этникӣ ва забонӣ. Масалан, гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ, аз руйи маълумоти худ, дар асли хешомади худ тафовут доранд, вале нақши асосӣ дар фарқияти гурӯҳҳои этникӣ бо забонҳо сурат мегирад. Ин асосан дар муносибат бо курдҳо хос аст. Қабули забони курдӣ ҳамчун забони давлатӣ яке аз талаботи асосии ҷомеа мебошад.

Амали гурӯҳҳои одамоне, ки хусусиятҳои этникӣ, динӣ ва забониро ба тамоюлҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ва идеологӣ ҷудо мекунанд, дар баъзе ҳолатҳо метавонанд ба ҳамгироии онҳо дар ҷомеаи муосир таъсир расонанд. Масалан, дар Нигерия, пас аз ба даст овардани истиқлолият, мушкилоти этникӣ, динӣ ва забонӣ ба миён омад. Ин мушкилот на танҳо дар сатҳҳои гуногуни рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои шимолӣ ва ҷанубӣ зоҳир гашт, балки бо сабаби мавҷуд будани фарқиятҳои этникӣ ва забонӣ фарқиятҳои сиёсӣ ва идеологӣ низ ба вуҷуд омада буданд: баъзеҳо ташаккулёбии ҷумҳурии ягонаро дастгирӣ менамуданд, дар ҳоле ки баъзеҳо иттифоқҳои озодии гурӯҳҳои этникиро ҳимоя менамуданд.

Сиёсати забон на танҳо яке аз фактҳои асосии ташаккул додани забон дар мамлакат, балки яке аз самтҳои муҳимми давлат мебошад. Ба ин масъала дар алоҳидагӣ социолингвистҳо машғуланд. Аксар вақт ибораи сиёсати забонӣ хамчун «сохтори забон», «банақшагирии забон» ва маъноҳои дигарро ифода мекунанд. Сиёсати забонӣ ин ба рушди забони асосии давлатӣ равона шудааст. Назарияи таърихи сиёсати забонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки он эҳтимолан ба ҷомеа далолат мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷаҳони мутамаддин кишварҳои тараққикардаи олам бештар ба стратегияҳои прагматикӣ ва шакли омехтаи он: протексионию прагматикӣ рӯ овардаанд. Чунин тамоюлоти рушди сиёсати забони дар давлатҳои мазкур асосан бо рушди иқтисодии он кишварҳо асоснок карда мешаванд. Забони барои аҳолии мамлакат фаҳмо ва муоширот бо забоне, ки донандагони он аксариятро ташкил медиҳанд, барои гардиши иттилоот, молу маҳсулот, хизматрасониҳои гуногун ва истифодаи технологияи ҷадид имконияти хуб фароҳам оварда, самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва устувории иқтисодиёти миллиро таъмин менамояд. Вобаста ба ин дар баъзе сарчашмаҳо забонҳои самаранок ва бесамарро аз ҳам фарқ намудаанд. Ба забонҳои самаранок, одатан, забонҳои дар сатҳи ҷаҳон истифодашаванда шомил мебошанд. Айни замон дар олам зиёда аз 2 ҳазор

забон мавҷуд аст, ки аз онҳо 259-тоашон забонҳои давлатӣ мебошанд. Аммо 90% аҳолии курраи Замин ҳамагӣ 12 забонро истифода менамоянд, ки ҳар яки онҳо аз 100 млн сар карда то 1,3 млрд намоянда дорад. Барои мисол, дар байни давлатҳои африқоӣ дар 19 давлат забони англисӣ, дар 33 давлат забони фаронсавӣ, дар 10 давлат забони арабӣ ва дар 5 давлат забони португалӣ забонҳои давлатӣ маҳсуб мебанд. [1]

Чи тавре ки дар боло иброз гардид, сиёсати забонӣ, пеш аз ҳама, ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ мебошад. Бо дарназардошти ин, объектҳои сиёсати забониро ба таври зерин муайян намудан мумкин аст:

- забонҳое, ки дар ҳудуди мамлакат истифода мешаванд, новобаста ба мақоми онҳо, ба сифати объекти сиёсати забонӣ баромад менамоянд;

- ҳама намуд фаъолиятҳое, ки барои тағйир додан, нигоҳ доштан ва ё баланд бардоштани мавқеи забонҳо нигаронида шудааст;

- истифодабарандагони забонҳо: аҳолии мамлакат, ки дар аксар маврид онро ҳамчун миллати воҳид муаррифӣ менамоянд ва ҳамаи гурӯҳҳои этникии дар ҳудуди мамлакат мавҷудбуда.

Мақомоти салоҳиятдори ҳокимияти давлатӣ, вазорату кумитаҳои дахлдор, инчунин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, фондҳо ва ҳаракатҳое, ки чунин навъи фаъолиятро пешаи худ намудаанд, ба сифати субъектҳои сиёсати забонӣ дониста мешаванд.

Ғайр аз ин, таҳлили таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки сиёсати забонӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад ва навъҳои мухталиф дорад. Аммо, пеш аз оне ки навъҳои сиёсати забонӣ нишон дода шаванд, ба масъалаи мухолифатҳои объективии забонӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намудан зарур аст. Ба андешаи Самойлова М.Н., мухолифатҳои объективии забонӣ хусусиятҳои муҳимми сиёсати забонии замони муосир мебошанд ва дар

[1]Ниг.: Тощенко, Ж. Т. Постсоветское пространство: суверенизация и интеграция [Текст] : Этносоциол. очерки / Ж. Т. Тощенко; Рос. гос. гуманитар. ун-т. – М.: РГГУ, 1997. –С.142.

аксар мавриҷ моҳияти онро низ ифода менамоянд.[1] Муҳаққиқи рус Алпатов В.М. «алоқамандии ду талаботи табиии бо ҳам мухолиф»[2] муаррифӣ намудааст.

Дар мавриди аввал сухан дар атрофи масъалаи нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ ва истифода намудани забони модарӣ меравад. Аммо дар мавриди дуюм, сухан дар бораи талаботи якдигарфаҳмӣ ва муошират бемаҳдуд меравад. Ҳар дуи ин талабот танҳо дар ҷомеаи дорои як забон метавонад дар сатҳи зарурӣ қонеъ карда шавад. Аммо ягонагии забонӣ ва якзабонӣ ҳатто дар давлатҳое, ки онҳоро шартан ҷомеаҳои якзабона муаррифӣ менамоянд (ба мисли Исландия ва Ҷопон), ба назар намерасад. Муҳаққиқи дигар Казанский Н.Н. мухолифатҳои объективии забониро аз чунин падидаҳо иборат медонад: аз худ намудани забонҳои паҳншудаи олам; нигоҳ доштани мақоми устувори забони давлатӣ ва ниҳоят, дастгирӣ намудани рушди забони ақаллиятҳои этникӣ. [3]

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки «сиёсати забонӣ» ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Аммо дар маҷмуъ ҳамаи онҳо дар ду маъно ифода меёбанд: якум, муносибати махсуси забон ва сиёсат, ки дар чунин мавриҷ забон ҳамчун восита ва объекти сиёсат баромад менамояд; дуюм, ба сифати яке аз навъҳои сиёсати давлатӣ дониста мешавад, ки он дар муносибат бо забонҳои мавҷудаи кишвар ва вазъияти лингвистии мамлакат зоҳир мегардад.

Дар мавриди аввал сухан дар атрофи сиёсате меравад, ки он ба воситаи забон амалӣ мегардад ва масъалаҳои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ, машруияти сиёсати пешгирифтаи давлат, ба даст овардани миқёси таъсиррасонии этнополитикӣ ва тобеияти оммавӣ, ба роҳ мондани назорати

[1]Ниг.: Самойлова, М.Н. Языковая ситуация и языковая политика в современном обществе [Текст] / М.Н. Самойлова // Вестник Волгоградского государственного университета. – Серия 2. – Языкознание. – 2009. – С. 160.

[2] Алпатов, В. М. Языковая политика в современном мире: «одноязычная» и «двуязычная» практики и проблема языковой ассимиляции [Текст] / В. М. Алпатов // Сравнительная политика, 2013. – №2. – С. 11.

[3]Ниг.: Казанский, Н. Н. Язык и межкультурная коммуникация [Текст] / Н. Н. Казанский // Язык и межкультурная коммуникация: Материалы 1-й межвузовской научно-практической Конференции (19-20 апреля 2004). – СПб.: СПбГУП, 2004. – С. 4.

иҷтимоию сиёсӣ аз интихоб ва истифодаи забон вобаста мебошад. Дар мавриди дуюм, сиёсате дар назар дошта мешавад, ки ба воситаи он муносибатҳои миллию этникӣ ва масъалаҳои забонӣ ҳаллу фасл карда мешаванд, ки дар аксар маврид ин навъи сиёсатро олимону муҳаққиқон, чун анъана, сиёсати забонӣ номидаанд.[1]

Дар раванди омӯзиши сиёсати забонӣ ба инобат гирифтани навъҳои мухталифи онҳо хеле зарур аст. Зеро сиёсати забонӣ дар ҳар як мамлакат дар зери таъсири омилҳои гуногун ташаккул меёбад ва тарзи зоҳиршавии он, мазмуну мундариҷаи он ва ҳатто самаранокии дар амал татбиқ гардидани он низ аз омилҳои мазкур вобастагии калон доранд. Олимону муҳаққиқон низ ҳангоми ба навъҳо ҷудо намудани сиёсати забонӣ онро бо дарназардошти як қатор омилҳо тасниф намудаанд. Аз ҷумла, мазмуну мундариҷаи забон, вобастагии он аз вазъияти забонӣ, менталитети миллӣ, асосҳои идеологии мамлакат, сохтори иҷтимоӣ, динию мазҳабӣ ва этнолигнвистии мамлакат, муносибати аҳолии мамлакат ва давлатҳо бо забонҳои хориҷӣ, воқеиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишвар ба онҳо мисол шуда метавонанд.

Ба андешаи мо, ҳангоми муайян намудани навъҳои сиёсати забонӣ ҳавзаҳои фарҳангию забонӣ, оилаҳои забонҳо, фонди луғавии забон, таркиби луғавии забон, таъсири омилҳои таърихӣ ба забон низ бояд ба инобат гирифта шаванд. Бо дарназардошти омилҳои мазкур олимону муҳаққиқон низ навъҳои гуногуни сиёсати забониро нишон дода, паҳлуҳои гуногуни онро бо ёрии меъёрҳои мухталиф баҳогузорӣ намудаанд. Дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва воқеиятҳои таърихӣ чунин навъҳои сиёсати забониро нишон додан мумкин аст:

1. Пеш аз ҳама, вобаста ба он ки мақоми забон ва сохтори он чи гуна тағйир дода мешавад, сиёсати забониро ба ду навъи асосӣ тақсим менамоянд: якум, сиёсати забоние, ки барои мустаҳкам намудани мақоми забон нигаронида шудааст ва дуюм, сиёсати забоние, ки барои ташаккул додану

---

[1]Ниг.: Григорьев, В.Д. Культура языка и языковая политика [Текст] / В.Д. Григорьев // Общественные науки и современность. / учредитель: РАН, Президиум РАН; гл. ред. В. В. Согрин. – 2003. – № 1. – С. 8.

устувор гардонидани сохтор ва шакли забон нигаронида шудааст. Навъбандии мазкурро соли 1969 олими амрикоӣ Х.Клосс мавриди истифода қарор додааст ва ба воситаи он сарҳади ин ду навъи сиёсати забониро муайян намудааст. Ба фикри ӯ, сиёсати забоние, ки барои мустаҳкам намудани мақоми забон нигаронида шудааст, фаъолиятҳое мебошанд, ки барои тағйир додан ва ё нигоҳ доштани забон ва дар муносибат бо дигар забонҳо, чи дар дохили мамлакат ва чи дар хориҷи он баланд бардоштани мавқеи он нигаронида шудааст. Сиёсати забоние, ки барои тағйир додану ташаккул додани забон равона шудааст, фаъолиятҳое мебошад, ки барои тағйири забон, таҷдиди он ва стандартикунонии орфография, сарфу наҳв, лексика ва фонетикаи он равона гардидааст. Каме дертар муҳаққиқи дигари амрикоӣ Р.Купер аз худ намудани забон аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро низ ҳамчун унсури таркибии сиёсати забонӣ муаррифӣ намуд.[1]

Бояд гуфт, ки ҳам навъи якуми сиёсати забонӣ ва ҳам навъи дуюми он бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Зеро бе стандартизатсияи лингвистии сохтори забон мақоми онро на танҳо дар арсаи ҷаҳонӣ, балки дар ҳудуди мамлакати худӣ низ мустаҳкам намудан ғайриимкон аст. Ба ҳамаи ин ингоҳ накарда сиёсати забоние, ки барои мустаҳкам намудан ва баланд бардоштани мақоми забон равона шудааст, афзалияти бештар дорад. Зеро ин навъи сиёсат, ҳарчанд фаъолияти дуру дароз, доимӣ ва пурхарҷ бошад ҳам, вале стандартизатсияи лингвистии сохтори забон дар муддати кӯтоҳ анҷом дода мешавад. Гузашта аз ин, мустаҳкам намудану баланд бардоштани мақоми забон аввал дар ҳудуди мамлакат сурат гирифта, сипас, дар хориҷи кишвар амалӣ карда мешавад.

Дар шароити муосир баланд гардидани мақоми ҷаҳонии забонҳои англисӣ ва русӣ ҳамчун забонҳои илму техника ва забони хитоӣ ҳамчун забони тиҷорат ба ин мисол шуда метавонанд. Ҳатто дар сатҳи ҷаҳонӣ мустаҳкам намудани мақоми забон ҳамчун неруи нозук метавонад ба сифати

---

[1]Ниг.: Cooper, R. L. Language Planning and Social Change [Text] / R. L. Cooper. – Cambridge University Press, 1990. – P. 49

экспансияи забонию фарҳангии замони муосир муаррифӣ гардад. Масалан, дар ҷаҳони муосир афзалияти бештар пайдо намудани забони англисӣ ба ғасбгароии забонӣ хеле шабоҳат дорад.

2. Вобаста ба мавқеи этникию ҷуғрофии мамлакат, ки сохтори забонии он аз чунин вазъият вобаста аст, сиёсати забонӣ дар ҷомеаи монолигвистӣ ва ҷомеаи полилингвистӣ амалӣ карда мешавад. Бояд таъкид намуд, ки сиёсати забонӣ дар ҷомеаи монолингвистӣ дар шароити муосир мазмуну моҳияти худро аз даст дода, камаҳаммият гардида истодааст. Зеро равандҳои ҷаҳонишавӣ, раванди муҳоҷират, рушди илму техника ва махсусан, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳар як ҷомеаро вориди сохтори полилингвистӣ менамояд.

3. Вобаста ба хусусиятҳои сиёсати пешгирифтаи давлат ва самаранокии он сиёсати забонии фаъол ва ғайрифаъолро низ аз ҳам фарқ менамоянд.[1] Вобаста ба ин меъёр, дар заминаи татбиқи сиёсати забонӣ миқёси қарорҳои сиёсӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо дар ду қутби бо ҳам муқобил зоҳир мегардад: сиёсати фаъол ва ё умуман ғайрифаъол. Моҳияти ин гуна муносибат дар он ифода меёбад, ки аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ назорат шудан ва ё нашудани забон дар кадом сатҳ қарор дорад.[2]

4. Вобаста ба ҳалли масъалаҳои забонӣ, инчунин, аз руйи интихоби забони умумӣ ва ба он додани мақоми давлатӣ сиёсати забониро боз ба ду гурӯҳи дигар ҷудо менамоянд: сиёсати эндолингвистӣ ва экзолингвистӣ.

Чунин навъбандии сиёсати забонӣ дар таҳқиқоти Гришаева Е.Б., Кобенко Ю.В., Сулейменова Э.Д., Клоков В.Т. ва чанде дигарон ба мушоҳида мерасад.[3] Сиёсати эндолингвистӣ сирф хусусияти миллатгароӣ дошта, дар

---

[1]Ниг.: Кобенко, Ю. В. Экзоглоссный и эндоглоссный типы языковой политики [Текст] / Ю. В. Кобенко // Вестник Томского государственного педагогического университета. – 2010. – №7. – С. 51.
[2]Ниг.: Лалетина, А.О. Вопросы планирования статуса языка в глобальном мире (на материале языковой политики США и РФ) [Текст] / А.О. Лалетина // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2013. –№2(1). – С. 320.
[3]Ниг.: Гришаева, Е. Б. Типология языковых политик и языкового планирования в полиэтническом и мультикультурном пространстве: функциональный аспект: [Текст] дисс. …д-ра филол. наук: 10.02.19. / Е. Б. Гришаева. – Красноярск, 2007. – 592 с.; 115. Кобенко, Ю. В. Экзоглоссный и эндоглоссный типы

шароити муосир дар шакли тозаи худ ба назар намерасад. Аммо сиёсати пешгирифтаи Олмон дар замони ҳукмронии фашистон ба ин модел мисол шуда метавонад. Дар сиёсати забонии Олмон дар он давра ҳама гуна таъсиррасонии забонӣ ба сохтори лингвистии забон ва ё ҳама гуна таъсиррасонӣ ба мақоми забон маҳкум карда мешуд.[1] Аммо таъкид ба зикр аст, ки дар замони муосир сиёсати забонии ҳар як давлат дар ин ё он дараҷа хусусиятҳои эндолингвистиро дар худ нигоҳ медорад. Махсусан, аз ҳисоби забони мардуми бумӣ ташаккул додани сохтори лингвистии ҷомеа ва ба сифати забони давлатӣ интихоб намудани забони онҳо сиёсати эндолингвистӣ ба шумор меравад. Чунин сиёсат ба он хотир аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қобили қабул дониста мешавад, ки агар давлат дар баробари сиёсати эндолингвистии худ, инчунин, ба забонҳои дигари чи дохили мамлакат ва чи берун аз он низ ҳадалимкон эҳтиром гузорад.

Сиёсати экзолингвистӣ бошад, сиёсати забоние мебошад, ки дар заминаи он забонҳои ғайрибумӣ ва хориҷӣ ҳамчун забони муоширати байналмилалӣ ва ҳатто дар мисоли баъзе давлатҳо ҳамчун забони давлатӣ интихоб мегардад. Масалан, дар Ҳиндустон дар баробари забони ҳиндӣ инчунин, забони англисӣ ҳамчун забони давлатӣ интихоб гардидааст, ки он забони мардуми таҳҷоӣ нест. Инчунин, дар аксари давлатҳои олам дар ин ё он шакл зоҳир гардидани сиёсати экзолингвистиро мушоҳида намудан мумкин аст.

5. Вобаста ба хусусиятҳои консервативии сиёсати забонӣ ва самти амалишавии он, сиёсати забонии ретроспективӣ ва перспективиро аз ҳам фарқ менамоянд. Навъи якум ба замони гузашта, ба арзишҳои фарҳангию

---

языковой политики [Текст] / Ю. В. Кобенко // Вестник Томского государственного педагогического университета. – 2010. – №7. – С.51-54.; 144. Сулейменова, Э. Д. Статусное досье русского языка и инерция традиций [Текст] / Э. Д. Сулейменова // Русский язык и литература в пространстве мировой культуры: Материалы XIII Конгресса МАПРЯЛ (г. Гранада, Испания, 13–20 сентября 2015 года) / Ред. кол.: Л. А. Вербицкая, К. А. Рогова, Т. И. Попова и др. – В 15 т. – Т.1. – СПб.: МАПРЯЛ, 2015. – С. 72-82.; Клоков, В. Т. Языковая политика во франкоязычных странах Африки [Текст] / В. Т. Клоков. – Саратов: Изд-во СГУ, 1992. – 192 с.

[1]Ниг.: Белл, Р. Социолингвистика [Текст] : Цели, методы и проблемы / Р. Белл; перевод с англ.- М: Международное отношения, 1980. – С. 224.

таърихии ниёгон нигаронида шудааст. Аммо навъи дуюм бошад, ба оянда, ба мутобиқгардонии забон ба талаботи давру замон нигаронида шудааст. Инчунин, сиёсати забонии перспективӣ дар навбати худ, боз ба сиёсати конструктивӣ ва деструктивӣ ҷудо мегардад. Типологияи мазкур аз ҷониби олими рус Швейтсер А.Д. пешниҳод гардидааст.[1]

Ба андешаи Гулинов Д.Ю., сиёсати забонии ретроспективӣ бо мақсади бе тағйир нигоҳ доштани вазъияти забонӣ амалӣ карда мешавад. Ба андешаи ӯ, сиёсати пешгирифтаи Швейтсария, ки мехоҳад мавҷудияти чаҳор забони соҳибмақомро дар сатҳи қонунгузорӣ бетағйир гузорад, ҳол он ки дар байни истифодабарандагони он забонҳо тафовути ҷиддӣ ба назар мерасад. Масалан, аз се ду ҳиссаи аҳолӣ бо забони олмонӣ суҳбат менамоянд, аммо истифодабарандагони забони ретороманӣ зиёда аз 5 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.[2]

Дурнамои сиёсати забонӣ барои тағйир додани мақом ва сохтори лингвистии забонҳо равона шудааст. Масалан, мувофиқи Конститутсияи Венесуэла, ки соли 1999 қабул гардидааст, забони испанӣ ҳамчун забони давлатӣ боқӣ мемонад, аммо забонҳои ҳиндувони таҳҷоӣ ҳамчун «забонҳои расмии мардумони таҳҷоӣ дар ҳудуди мамлакат ба таври расмӣ бояд эътироф карда шаванд».[3] Ҳамин тариқ, тағйиру иловаҳое, ки соли 1999 ба Конститутсияи Венесуэла ворид карда шуд, мавқеи забонҳои мардумони бумиро мустаҳкамтар намуд.

Чуноне ки дар боло иброз гардид, сиёсати забонии перспективӣ дар навбати худ ба сиёсати конструктивӣ ва деструктивӣ ҷудо мегардад. Сиёсати забонии конструктивӣ меъёрҳоеро тақозо менамояд, ки ба воситаи онҳо рушду инкишофи вазъияти забонӣ ва тағйир додани он ба амал бароварда

---

[1]Ниг.: Швейцер, А. Д. Современная социолингвистика. Теория, проблемы, методы [Текст] / А. Д. Швейцер. – М.: URSS, 2018. – С.145.
[2]Ниг.: Гулинов, Д. Ю. Языковая политика [Текст] : определение и характеристики / Д. Ю. Гулинов // Известия Волгоградского государственного педагогического университета. – 2011. – №5 (59). – С. 9.
[3]Фирсова, Н.М. Влияние политико-социальных факторов на языковые изменения в испаноязычных странах [Текст] / Н.М. Фирсова // Типология языковых ситуаций и языковая политика в России и мире: Коллективная монография. – М.: РУДН, 2013. – С. 92.

мешавад. Аз ҷумла, ташаккули забонҳо, нигоҳ доштану ҳифз намудани онҳо, тавсеаи сохтори лингвистии забон ва мустаҳкам намудани мақоми он, беҳтар намудани муҳити этникию лингвистии ҷомеа ба онҳо мисол шуда метавонанд. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардани забони адабӣ, ба забонҳои ақаллиятҳои маҳаллӣ додани мақоми давлатӣ, эҳё намудану барқарор сохтани мавқеи пештараи забон ба сиёсати конструктивӣ мисол шуда метавонанд.

Сиёсати забонии деструктивӣ бошад, маҷмуи чорабиниҳои баъзан расмӣ ва дар аксар маврид ғайрирасмие ба шумор меравад, ки он бо мақсади ноустувор гардонидани вазъияти этнолингвистии ҷомеа нигаронида шудааст. Чунин навъи сиёсат дар замони Шӯравӣ бо мақсади баланд бардоштани мақоми забони русӣ ҷорӣ гардида буд. Ҳарчанд илми шӯравӣ ба омӯзиши забонҳои мардумони таҳҷоӣ машғул гардида бошад ҳам, сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Шӯравӣ забонҳои этникиро аз системаи маориф берун намуда, забонҳои ақаллиятҳои этникро дар ҳолати ногувор қарор дода буд.

6. Аз нуқтаи назари фаъолияти субъектҳои сиёсати забонӣ, ҳамзамон, сиёсати забонии марказонидашуда ва ғайримарказонидашударо низ аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Сиёсати забонии марказонидашуда бевосита аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад ва тамоми фаъолиятҳои он дар ин самт хусусияти ҳатмӣ дорад. Қарорҳое, ки вобаста ба истифодаи забони давлатӣ қабул мегарданд, барои ҳама хусусияти ҳатмӣ касб менамояд. Инчунин, давлат метавонад нисбат ба забонҳои ақаллиятҳои миллию этникӣ низ қарорҳои дахлдор қабул намояд. Масалан, сиёсати забонии Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 20-30-юми асри гузашта дар асоси Директиваи Комиссариати халқии миллатҳои ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ амалӣ карда мешуд. Мувофиқи муқаррароти ин қарор он солҳо «ҳеҷ як забон наметавонист ба сифати забони ҳатмии давлатӣ эълон гардад. Ҳар як соҳаи фаъолият он забонеро интихоб менамояд, ки бо забони

аҳолӣ мувофиқат менамояд. Дар чунин шароит баробарҳуқуқии забонҳои ҳам ақаллиятҳо ва ҳам аксарият таъмин гардида буд».[1] Бояд гуфт, ки чунин сиёсат каме дертар мазмуни худро тағйир дода, истифодаи забони русиро то ба сатҳи забони ҳатмии давлатӣ оварда расонид.

Сиёсати забонии ғайримарказонидашуда аз ҷониби мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷамъиятҳои илмӣ амалӣ мегардад, ки он дар ҳудуди мамлакат хусусияти ҳатмӣ надорад. Қарорҳое, ки ташкилотҳои мазкур қабул менамоянд, хусусияти тавсиявӣ доранд ва аз тавсияву пешниҳодҳо иборат мебошанд.[2]

7. Як қатор олимон, аз ҷумла олимони амрикоӣ сиёсати забониро вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоию сиёсии мамлакат боз ба ду навъи дигар ҷудо менамоянд: расмӣ ва пинҳонӣ.

Сиёсати расмӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои расмӣ амалӣ гардида, ба таври расмӣ аз ҷониби ҳамагон эътироф мегардад ва дар доираи барномаҳои давлатӣ роҳандозӣ мешавад. Аммо сиёсати забоние, ки ба таври пинҳонӣ амалӣ мегардад, бо мақсади таъсиррасонии амиқ ва тағйир додани вазъияти забонӣ татбиқ карда мешавад. Масалан, дар солҳои 30-юми асри гузашта дар марҳилаи аввали русикунонии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамаи эъломияҳо дар бораи ҳифзи худшиносии этникӣ, баробарии забонҳо ва фарҳангҳо, ҳуқуқи бо забони модарӣ таҳсил намудан ба таври расмӣ мавҷудияти худро нигоҳ медоштанд.

Дар он солҳо тадриҷан мактабҳо ва омӯзишгоҳҳои миллӣ барҳам дода мешуданд, муассисаҳои таълимӣ фаъолияти худро ба забони русӣ ба роҳ мемонданд, барои коҳиш додани ҳувияти этникӣ ва ташаккули умумияти шӯравӣ корҳои зиёд анҷом дода мешуд. Чун қоида, чунин сиёсат зери шиори кӯмак ба халқиятҳо ва миллатҳои шӯравӣ ва ҳамроҳ намудани онҳо ба прогресси техникӣ амалӣ карда мешуд, ки дар ниҳояти кор паст гардидани

[1]Алпатов, В. М. Языковая политика в современном мире: «одноязычная» и «двуязычная» практики и проблема языковой ассимиляции [Текст] / В. М. Алпатов // Сравнительная политика, 2013. – №2. – С. 20.
[2]Ниг.: Гулинов, Д.Ю. Языковая политика [Текст] : определение и характеристики / Д.Ю. Гулинов // Известия Волгоградского государственного педагогического университета. – 2011. – №5 (59). – С.10.

мавқеи забонҳои маҳаллӣ ва поймол шудани ҳуқуқҳои истифодабарандагони онҳо ба амал меомад.

8. Аз руйи мустаҳкам намудани мақоми забони давлатӣ ва стратегияҳои дар ин самт қабулнамудани давлат сиёсати забониро боз ба сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ ҷудо менамоянд. Дар хориҷи мамлакат давлат мехоҳад шумораи донандагони забонро зиёд намояд ва бо ин роҳ мавқеи онро дар арсаи ҷаҳон мустаҳкам созад. Дар сиёсати дохилӣ бошад, сиёсати забонӣ барои тағйир додани вазъияти забонӣ ва таъмин намудани ҳамгироии гурӯҳҳои этникӣ амалӣ карда мешавад.

9. Вобаста ба ҳадафҳои стратегии давлат. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат дар доираи ҳадафҳои стратегии худ доир ба масъалаи забони давлатӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонид, ки ин усулҳои ба амал баровардани нақшаву тадбирҳои давлатиро ташкил менамоянд. Бо ин мақсад як силсила корҳои ташкилӣ андешида шудаанд, аз ҷумла:

- таъсиси комиссияи ҳукуматӣ оид ба татбиқи Қонуни забон дар вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо;

- таъсиси комиссияҳои корӣ дар идора, корхона ва муассисаҳои илмӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва ғайра;

- танзими нақшаҳои корӣ (аз мақомоти давлатӣ то муассисаҳо) баҳри татбиқи Қонуни забон;

- тарҳрезии барномаҳои нави таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз фанни забон барои мактабҳои миёна ва олӣ;

- ташкили дарсҳои забономӯзӣ дар корхонаву муассисот ва ғайра.

Вобастагии сиёсати забон бо сиёсати умумии давлат, дахолати аҳзоби сиёсии ҳукмрон ва мазҳабу дин баъзан боиси ба маҷрои номатлуб ворид шудани забон ҳам мегардад. Ин ҳолатро мо дар мисоли забони тоҷикиамон ҳам дар марҳилаҳои гузашта ва ҳам дар замони Шӯравӣ эҳсос намудаем.

Масъалаи асосии сиёсати забон дар давлати навбунёди бисёрмиллат бо интихоби забони давлатӣ ё ин ки забони расмӣ ба ҳисоб меравад. Роҳи асосии ҳал намудани масъала дар бораи ақаллияти забонҳои миллӣ инҳоянд:

1. Мақоми давлатӣ, миллӣ ё расмӣ ба ҳамаи забонҳои асосии этникӣ дода мешавад (масалан, Швейтсария, Белгия, Сингапур);

2. Баъзе забонҳои ақаллиятҳои миллӣ ҳамчун забони расмӣ (масалан, дар Зеландияи нав забони маорӣ дар баробари забони англисӣ ҳамчун забони расмӣ эътироф шудааст;

3. Мақоми расмӣ барои забонҳои баъзе ақаллиятҳои миллӣ танҳо дар сатҳи минтақавӣ (масалан, дар Гана, Нигерия, Ироқ) иҷозат дода шудааст;

4. Ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ мавқеи расмӣ дар сатҳи миллӣ ё минтақавӣ дода намешаванд, аммо истифодаи онҳо тавассути конститутсия, қонун ё шартнома кафолат дода мешавад.

Аксар вақт чунин душворӣ бо забони пештара ҳамчун забони миллии расмӣ бо як забон ё якчанд забонҳои маҳаллӣ ҳал карда мешавад ва забонҳои калони маҳаллӣ ҳамчун забонҳои расмии минтақавӣ, ки дар минтақаҳои худ мақоми расмӣ доранд, интихоб карда мешаванд. Таҳлили типологии сиёсати забон бо ин расмиятҳо дар ҳар давлат бо ҳолати гуногуни забонӣ шинохта шудаанд Аз ҷумла, забони ягонаи расмӣ (забонҳои давлатӣ), забони муштараки расмӣ, забони расмии минтақавӣ. Яъне, забони ҳар минтақа, ки ҳолати расмиро дар минтақа баробари забони давлатӣ дорад, забони ҳавасмандкунӣ, мақоми расмӣ надорад, аммо дар муассисаҳои давлатӣ истифода бурда мешавад. (Муассисаҳо, мактабҳо, корхонаҳои маҳаллӣ ва ғ.), забонҳои таҳаммулпазирӣ, ҳавасмандгардонӣ. Ин гуна забонҳо аз ҷониби ҳокимият манъ нагардидаанд ва мавҷудияти онҳо эътироф карда шудаанд.

Сиёсати забонӣ аз марҳилаҳои мушаххас иборат мебошад. Се марҳилаи асосии сиёсати забонӣ вуҷуд дорад:

- марҳилаи аввал – ин ташаккули ҳадафҳои сиёсати забонӣ (таҳияи консепсияи давлатии сиёсати миллӣ ва сиёсати забонӣ ҳамчун ҷузъи он). Дар марҳилаи якум фарзияҳои забонӣ хеле муҳим аст.

- марҳилаи дуюм – омодагӣ барои амалӣ намудани вазифа. Ин марҳила бо он алоқаманд аст, ки онро метавон «амалишавии ҳадафҳо» номид. Қабули қонунҳо дар соҳаи фаъолияти забон ва риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ дар ин соҳа.

- марҳилаи сеюм – сохтори забонӣ. Дар айни замон, баромадкунандагон тавсияҳоро пурра, қисман ё на ҳама тавсияҳоро қабул карда метавонанд. Дараҷаи қабули тавсияҳо имкон медиҳад, ки арзёбӣ намудани самаранокӣ ва дурнамои сиёсати забонӣ, натиҷаҳои он, инчунин, пешгӯии рушди забон дар кишвари муайян ё минтақа муқаррар карда шаванд.

Забон ва сиёсат ду унсури бо ҳам алоқаманд мебошанд ва онро метавон ҳамчун объекти сиёсат шарҳ дод.

Забон ҳамчун воситаи таъсирнок дар ҷамъият барои ба даст овардани мақсадҳои муайяни сиёсӣ хизмат мекунад. Дар ин ҷо сухан дар бораи «идоракунии забонӣ» меравад. Солҳои охир проблемаҳои "барномасозиҳои нейролингвистикӣ" (Neuro-Linguistic Programming – NLP) дар ин чаҳорчӯба фаъолона инкишоф меёбанд, ки он ҳамчун муоширати номаълуми мағзи инсонӣ барои дастёбӣ ба фаъолиятҳои одамон муайян карда мешавад.

Забонро ҳамчун объекти сиёсат гуфта, мо маънои сиёсатеро, ки бо забони худ амал мекунад, дар назар дорем. Онро "сиёсатгузории забонӣ" гуфтан мумкин аст. Таҳқиқгарони ғарбӣ аксар вақт калимаи «банақшагирии забон»-ро истифода мебаранд. Таърихи мафҳум алоқаи худро бо шартҳои "тарҷумаи забони барномасозӣ" (Э.Вюстер) ва "забони сохташуда" (О.Есперсен) нишон медиҳад. Аз ин лиҳоз, мафҳумҳои истеҳсолшуда лингвизикунонидашуда ва бунёдкорианд, соҳаҳои илмиро ба назар мегиранд, ки назарияи сиёсатгузории забонӣ ё бо он алоқаманд аст.

Вазифаҳои асосии сиёсати забонӣ дар муроҷиат ба забонҳои муайян чунинанд:

1. Забони мавҷудбударо нигоҳ доштан.

2. Тағйирёбии забони мавҷуда.

3. Аз нав барқарор кардани забони адабӣ аз ҳисоби забонҳои мурда (таърихи муосири яҳудиён).

4. Сохти забони нави адабӣ (таърихи Норвегия, Индонезия ва забонҳои дигар).

5. Сохтани забони минтақавӣ.

6. Сохтани забони умумиҷаҳонӣ.

Мақом ва ҷойгоҳи забон ҳамчун объекти сиёсат ниҳоят муҳим аст. Нақши забон дар давлати муайян дар муқоиса бо дигар забонҳое, ки дар як давлат фаъолият мекунанд ва нақши забон берун аз давлат, дар арсаи байналмилалӣ дар муқоиса бо дигар забонҳо, ки дар арсаи байналмилалӣ амал мекунанд муайян мегардад.

Сиёсати забонӣ, ки ба нигоҳ доштан ва ё тағйир додани вазъияти забонӣ нигаронида шудааст, ҳамзамон бо ҳамоҳангӣ бо дигар забонҳое, ки дар ҳамон як давлат ё арсаи байналмилалӣ фаъолият мекунанд, ба амал меоянд, зеро тағйир додани як забон як тағйироти якхела дар вазъият ва дигар забонҳо мебошад. Аз ин рӯ, сиёсати забони давлатӣ ҳамеша мураккаб аст. Он ба забонҳои алоҳида ва гурӯҳҳои забонҳо, умуман забони рафтору муоширати аъзои ҷомеаи забонӣ таъсир мерасонад. Таҳти мафҳуми таркиботи забон сохтори дохилии он (орфография, грамматика, лексика, терминология), инчунин, таносуби шаклҳои мавҷудияти забон (шаклҳои хаттӣ ва ғайрихаттӣ, забони адабӣ ва лаҳҷаҳо) фаҳмида мешавад. Сиёсати забонӣ, ки ба нигоҳ доштан ё тағйир додани мақоми забонӣ нигаронида шудааст (таркиби сиёсати забонӣ), ба забонҳои дигар таъсир намерасонад, он танҳо ба як забон нигаронида шудааст.

Сиёсати забонӣ вазифаҳои зеринро доро мебошад:

1. Таъмини меъёрҳои ин забон (фарҳанги сухан) ва ҳимояи он дар сатҳи сохтории ("дахолати забон") -и забонҳои дигар, таъсири диалектҳо ё забони махсус (забони заргарӣ).

2. Такмили сохтории ин забон (масалан, эҷоди забони хаттӣ ва ғайридиалектикӣ, қоидаҳои адабӣ барои забонҳои ғайрихаттии пешина.

Қобили қайд аст, ки сиёсати забон маҷмуи чорабиниҳоест, ки давлат дар бобати ҳифз ва рушди забон ба амал мебарорад. Сиёсати забон дар ҳар давлат ва дар ҳар марҳилаи таърихӣ ба таври хоса зоҳир мешавад. Чунончи, баъди Инқилоби Октябр сиёсати давлати Шӯравӣ ба он асос ёфта буд, ки барои миллатҳое, ки соҳибхат набуданд, забони адабӣ ба вуҷуд оварда шавад, вале барои онҳое, ки соҳибхат буданд табдили алифбо гузаронида шавад. Мувофиқи ҳамин сиёсат забони тоҷикӣ дар давоми солҳои 1929-1940 аз арабӣ ба лотинӣ ва аз лотинӣ ба кириллӣ иваз карда шуд.

Ҳар як давлат хоҳ бузург бошад, хоҳ кучак рушди он аз забони он вобастагии зиёд дорад. Беҳуда забонро “Рукни асосии миллат” нагуфтаанд. Пас, аз ин бармеояд, ки сиёсати забонӣ яке аз самтҳои муҳимми давлатдорӣ буда, рушди минбаъдаи давлатро таъмин менамояд.

**Хулоса,** сиёсати забонӣ маҷмуи чорабиниҳое мебошад, ки барои нигоҳ доштан ва ё тағйир додани вазъияти забонӣ равона шудааст. Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ вобаста ба хусусиятҳои сиёсати забонӣ чунин нишонаҳои онро ёдовар шудан бамаврид аст:

- сиёсати забонӣ қисми таркибии сиёсати давлатӣ мебошад, ки он ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷии давлат зоҳир мегардад;

- сиёсати давлатӣ дар соҳаи забон барномаи расмии давлатие мебошад, ки мақсади он нигоҳ доштан ва ташаккул додани ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ мебошад;

- сиёсати забонӣ воситаи муҳимми таъмини амнияти миллӣ мебошад, ки онро дар дохили мамлакат барои пешгирӣ намудани низоъҳои этникию

этнополитикӣ ва дар хориҷи мамлакат барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ истифода менамоянд;

- пешбурди сиёсати забонӣ характери умумимиллӣ дорад ва он яке аз нишонаҳои давлатдории миллӣ ва соҳибихтиёрии мамлакат дониста мешавад. Истифодаи ин ё он модели сиёсати забонӣ аз рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа вобаста мебошад. Хусусиятҳои сиёсати забонӣ аз вазъияти забонии мамлакат, афзалиятҳои сиёсати миллӣ ва сиёсати пешгирифтаи ҳукумат вобаста мебошад.

## 1.2. Хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми сиёсати давлатии забонӣ дар шароити ҳозираи инкишофи Тоҷикистон

Забон бузургтарин омили рушди инсон дар ҷомеа мебошад, ки миллату халқиятҳоро бо хусусиятҳои хосашон ба ҳамдигар муаррифӣ менамояд. Асоситарин вазифаи забон ин муоширату муносибати инсонҳо мебошад. Ҳар як давраи таърихи хусусиятҳои махсуси худро дорад, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ таъсир мерасонад. Забони тоҷикӣ низ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти иҷтимоӣ марҳилаҳои гуногуни рушдро аз сар гузаронидааст. Ҳар яке аз ин марҳилаҳои таърихӣ махсусиятҳои худро доро мебошад ва таҳлилу омӯзиши он аҳаммияти бисёр муҳим дорад.

Агар ба таърихи забони тоҷикӣ назар афканем, воқеан, ин ёдгории таърихӣ ва решаҳои бунёдии он сарчашмаи бисёр забонҳои дигари дунёст. Замоне онро ориёӣ, замоне авестоӣ, сипас, бохтариву суғдӣ, баъдан паҳлавӣ ва билохира форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ хондаанд. Замоне ин забон дар қатори забонҳои чинию ҳиндиву бобулӣ ба тамаддунҳои гуногун таъсир дошт, махсусан, ба Юнони қадим. Нақши пои вожаҳои ин забонро Куруши Кабир, Дориёвуш, Хашоёршоҳ ва Ардашер то ба ҷануби Юнон бурда буданд. Ҳатто имрӯз ҳам садои пойи вожаи “боракалло”-и мо дар тамоми Юнон гӯшрас аст.[1]

[1] Маҳмадов, А. Н. Фалсафаи забон – таронаи зиндагӣ [Матн] / А. Н. Маҳмадов // Забон ва худшиносии миллӣ. – Душанбе, 2008. – С. 4

Забоншиносии тоҷик, ҳамчун соҳаи илм, марҳалаҳои гуногуни таърихиро дар бар мегирад. Тибқи он, дар ҳар давра масъалаҳои ташаккул ва инкишофи лингвистика, лексикология, грамматика, забону услуби асарҳои бадеӣ ва дигар масъалаҳои қобили таваҷҷуҳи забонӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Мубориза устод Садриддин Айнӣ дар масъалаи воқеияти таърихӣ доштани миллати тоҷик аввалин набарди муваффақонаи забоншиносии тоҷик дар давраи нави таърихӣ буд. Дар ин мубориза се омил нақши давлатсозиро иҷро кардааст: якум, таърихи зиёда аз панҷҳазорсолаи миллати тоҷик бо забон ва фарҳанги оламшумули он, дуюм, шахсияте бо донишҳои энсиклопедӣ дар масъалаҳои таърих, забон, адабиёт, этнография, антропологияи миллати тоҷик ва мардумони минтақа, сеюм, сифатҳои ватанхоҳонаи худи Садриддин Айнӣ – ҷасорат, мардонагӣ, руйинтанӣ, сарсупурдагӣ ва шинохти хеш ҳамчун вориси ҳақиқии миллати тоҷик. Ин омилҳо дар якҷоягӣ сабабгори нотавонӣ, ақибнишинӣ ва оқибат мағлубияти душманони асолати миллати тоҷик ва забону фарҳанги он гардиданд. [1]

Мусаллам аст, ки бо ба даст овардани Истиқлолияти сиёсӣ шароити Тоҷикистон куллан тағйир ёфт. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар таърихи ҷумҳуриҳои шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, давраи нави тағйиротҳои сиёсӣ ва рушд оғоз ёфт. Ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ давлатҳои мустақил гардиданд. Вазъияти душвор, муборизаи шадиди минтақавӣ дар дохили кишвар, пайдоиши идеологияи исломи радикалӣ ва вазъи бесобиқаи иҷтимоию иқтисодии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ тадриҷан барои рушди муноқишаҳо шароит ба вуҷуд овард.[2]

Ҷараёни мунтазами вазъи иҷтимоию сиёсӣ ба норасоии захираҳо, нотавоноии ҳокимияти сиёсӣ, бетаъсир будани қарорҳои қабулшуда ва фалаҷ

---

[1]Ниг.: Ятимов, С. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат [Матн] / С. Ятимов. // Ҷумҳурият. – 2020. – 5 октябр. – № 194-195(24 050).
[2] Ниг.: Таджикистан: хрупкий мир [Текст] : Отчет № 30 МГПК – Азия, Ош – Брюссель, 2001. - С. 2.

шудани системаи муносибатҳои ҳокимият дар ҷомеа мусоидат кард.[1] Барои Тоҷикистон ин давраи хеле душвор буд ва он сарнавишти ояндаи кишвар ва миллатро муайян менамуд. Соли 1991 давраи фаъолшавии чорабиниҳои сиёсӣ, давраи ибтидоии маҷлисҳои сиёсӣ, гурезаҳои сиёсӣ, давраи қонунигардонии ҳизбҳои сиёсӣ буд. Ба ибораи дигар, дар ин давра қувваҳои мухталифи иҷтимоӣ ба мубориза барои ҳокимият ворид шуданд ва ин мубориза дар давраи муайян назоратнашаванда гардида, ба оқибатҳои сангин оварда расониданд.

Пас аз эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пайдо шудани давлати нави тоҷикон дар харитаи сиёсии ҷаҳон мушкилоти зиёде вобаста ба ташаккули ҳувияти нав ва худшиносии миллӣ ба вуҷуд омад. Аз солҳои аввали истиқлолият ва то имрӯз дар Тоҷикистон раванди дарёфти роҳҳо барои ҳалли мушкилот ва эҳёи ҳувияти миллии дунявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳкими тамоюлҳои динии бунёдӣ идома ёфта истодааст. Маҳз, бо талашу заҳматҳои Пешвои миллат имрӯзҳо ин масъала рушду инкишоф ёфта истодааст ва забони давлатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди ҳувияти миллӣ ва муарификунандаи миллати тоҷик гашта истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз шаклҳои дарёфти ҳувият ва баландбардории худшиносии миллӣ, ки аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд, инчунин, дар ҷумҳурӣ мунтазам чорабиниҳои назарраси фарҳангӣ ва ҷашнӣ гузаронида мешаванд.

Ҷашн гирифтани санаҳои бузурги таърихӣ, корҳои бузурги фарҳангию илмии тоҷикон, махсусан, иқдоми ҷавонмардонаи Пешвои миллат барои эълони соли бузургдошти Имоми Аъзам, ҳамчун чеҳраи баргузидаи миллӣ, аз ҷасорати ин пири тариқат барои ҳимояи забони модарӣ, ҳувият ва асолати миллии тоҷикон сарчашма мегирад. Маводди таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки ӯ бо дониш, ақлу заковат, далерӣ ва матонат ғосибонро маҷбур кард то бо

[1] Ниг.: Хидирова, М. У. Ҳокимияти сиёсӣ (таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ) [Матн] / М. У. Хидирова. – Душанбе: Дониш, 2011. – С. 49.

эътироф кардани забон ба миллаташ низ эҳтиром гузоранд. 1100 – солагии таъсисёбии нахустин давлати мутамаркази Сомониён, 1150 – солагии поягузори адабиёти форсу тоҷик Абӯабдулло Рӯдакӣ, соли 2006 эълон гардидани соли фарҳанг ва тамаддуни ориёӣ, 1310 – солагии Имом Абуҳанифа, асосгузори мазҳаби ҳанафӣ дар Ислом, аз ҷумлаи чорабиниҳое маҳсуб мешаванд, ки ягонагии иҷтимоиро мустаҳкам мекунанд ва ҳисси худшиносии миллиро баланд мебардоранд.

Забони тоҷикӣ, ки дар Эрон – форсӣ ва дар Афғонистон – дарӣ номида мешавад, забони давлатии кишварҳои Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон аст ва дар Ӯзбекистон забони ақаллияти тоҷик мебошад. Ин забон боз хонаводаи забонҳои ҳинду аврупоӣ дохил мешавад. Забони тоҷикӣ забони модари мардуми тоҷик, ки аҳолии асосии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, ба ҳисоб меравад. Дар масири таърих забони тоҷикӣ марҳилаҳои гуногунеро паси сар кардааст.

Аҳёнан дар ҷомеаи мо баъзе афроди худогоҳу нохудогоҳ сару садо баланд мекунанд, ки гӯё мо – тоҷикон бо тоҷикӣ ном бурдани забони хеш дар роҳи дастрасӣ ва иртиботи худ ба осори хаттии ниёгон ва ҳамзабонони бурунмарзиамон монеа ба вуҷуд овардаем. Ин иддао ҷуз ҳангоматалабӣ чизи дигаре нест ва дар ин росто аслан ҳеҷ мушкилоте ҳам наметавонад вуҷуд дошта бошад. Феълан русҳо, беларусҳо ва украинҳо миллатҳои алоҳидаанд ва давлатҳои мустақили худро доранд, аммо новобаста ба он ҳар яке аз ин миллатҳо осори таърихиву фарҳангӣ ва хаттии Руси қадимро мероси муштараки худ медонанд. Ҳамчунин “Луғати турк”-и Маҳмуди Кошғариро, ки дар асри XI таълиф шудааст, тамоми миллатҳои туркизабон ҳамчун моликияти зеҳнии умумии худ эътироф кардаанд ва аз он ҳамчун меросдори ҳақиқӣ истифода мекунанд.[1]

[1]Ниг.: Раҳимӣ, Ф. “ЗАБОНИ МИЛЛАТИ ТОҶИК – ЗАБОНИ ТОҶИКИСТ!” Президенти АИ Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ дар ҷавоб ба онҳое, ки зарурияти забони миллӣ ва ҳувияти миллиро дар давлати миллӣ нодида мегиранд (Душанбе, 14.12.2017). [Маводи электронӣ] // Агентии Миллии Иттилоотии Тоҷикистон «Ховар». – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2017/12/zaboni-millati-to-ik-zaboni-to-ikist-prezidenti-ai-to-ikiston-akademik-far-od-ra-im-dar-avob-ba-on-oe-ki-zaruriyati-zaboni-mill-va-uvviyati-milliro-dar-davlati-mill-nodida-megirand/.

Забони дарии порсӣ решаи қадима дорад ва дар Хуросону Варорӯд то истилои араб ба ин забон сухан мегуфтаанд. Ба қавли Наршахӣ, «Мардуми Бухоро намоз форсӣ хондандӣ ва арабӣ натавонистандӣ омӯхтан».[1] Ин иқтибос далолат бар он мекунад, ки забони порсии дарӣ аз замонҳои қадим забони ҳавзаи тамаддуни мо будааст. Таърихи давлатдории ориёӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои бостонии мо ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки барои устувор сохтани пояҳои давлатдорӣ ва ба вуҷуд овардану мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ ва ваҳдату ягонагӣ аз унсури забонӣ истифода бурда, барои рушду тараққӣ ва густариши забони модарии хеш тадбирҳои мушаххас андешанд.

Агар ба давраҳои дури таърихи забони тоҷикӣ назар афканем, мебинем, ки гузаштагони мо барои равнақу эътибор ва инкишофи забони худ кӯшишҳои зиёд ба харҷ додаанд, то забони модарии хешро ба пояи забони расмии давлатӣ бароваранд. Ҳахоманишиён, ки дар таърихи башар фарҳангу тамаддуни онҳо камназир аст, забони модарии худро дар баробари забонҳои қудратманду бонуфузи он замон – эломӣ ва ошурӣ ба ҳайси забони давлатии худ истифода мебурданд. Онҳо номи хат ва забони худро ориёӣ хондаанд. Инчунин, дудмони Кӯшониён ҳам оҳиста-оҳиста аз истифодаи забони юнонӣ даст кашида, забони ориёии хешро (Канишка ҳам мисли Дориюш забони навиштаҳои худро ориёӣ хондааст) забони ягона ва расмии давлати паҳновари худ қарор додаанд.[2]

Забони тоҷикӣ моро ба даврони бисёр дури таъриху фарҳанги мардумамон пайванд медиҳад. Гузаштагони мо ҳанӯз аз ҳазорсолаҳои пеш аз мелод то замони пайдоиши хат ва алифбо достонҳои бузурги шифоҳӣ офариданд, ки намунаи беҳтарини онҳо сурудҳои Авесто маҳсуб мешаванд. Яке аз нуктаҳои ҷолиб дар мавриди таваҷҷуҳи гузаштагонамон ба арзишҳои забонӣ ҳифзи матни Авесто то замони китобати он дар суннати шифоҳӣ

---

[1]Сайидзода, З. Истиқлоли давлатӣ ва гиромидошти забони модарӣ [Матн] / З. Сайидзода. – Душанбе: «Контраст», 2013. – С. 8.
[2] Ниг.: Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С.14.

мебошад. Ба тавассути чунин суннат ин осори беназири гузашта тайи ҳазорсолаҳо аз зеҳн ба зеҳн ва аз насл ба насл интиқол гардидааст. Аз он даврони дури таърих ин суннат ва равиш дар байни гузаштагон ҳамчун омили ҳифзи забон роиҷ будааст, ки ин аз далелҳои эҳтирому эътиқод ба забони модарӣ мебошад.

Ҳар яке аз давраҳои ташаккули забони тоҷикӣ дорои суннатҳои хаттӣ буда, меъёрҳои адабии забон дар асоси онҳо шакл гирифтаанд. Аз ин рӯ, ташаккули ҳар як давраи таърихӣ бар асоси осори хаттӣ мутобиқи меъёрҳои ин давраҳо мушаххас карда мешавад. Забони мо дар мақоми забони давлатӣ ва расмӣ пеш аз замони Сомониён низ таърихи худро дорад. Гузаштаи он дар се давраи таърихи ташаккулаш бо давлатҳои мутамаддини Ҳахоманишиён, Сосониён ва Сомониён марбут аст. Аз ҳамаи ин давраҳои таърих осори бисёр нодир ва арзишманде ба мерос омадааст, ки ворид шудани ин осор ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ на танҳо ифтихори ворисони забон, балки тамоми ҷаҳониён низ мебошад.

Забони мо дар мақоми забони илм низ таҷрибаи тӯлонӣ дорад, ки инро осори илмии гузаштаи мо собит намудааст. Забони тоҷикӣ дар аҳди Сомониён ва чанд асри дигар дар баробари забони арабӣ, ки ҳамчун забони илм пазируфта шуда буд, тавоноии хешро дар риштаҳои гуногуни илми он замон, ба хусус дар мисоли шоҳкориҳои Ибни Сино, Закариёи Розӣ, Берунӣ, Хоразмӣ, Форобӣ, Имом Тирмизӣ, Ҷурҷонӣ ва чеҳраҳои дигари илму адаб дар таърихи илмҳои тиб, дорушиносӣ, ҳандаса, ситорашиносӣ, кимиё, табиатшиносӣ, фалсафа ва ғайра ба ҷаҳониён муаррифӣ намудааст.

Яке аз хидматҳои бузурги донишмандони мо ҷуз таълифи осор ба вуҷуд овардани истилоҳоти илмӣ ба забони модарӣ дар соҳаҳои гуногуни илми замони хеш мебошад. Ин истилоҳот ҳамчун сарвати нодир ва бебаҳо имрӯз дар ганҷинаи луғати забон мақом ва арзиши махсус дорад. Дар ин давра донишмандон бо истифода аз равиш ва қолабҳои суннатии замони Сосониён ва забони паҳлавӣ истилоҳоти илмии замони хешро ба вуҷуд

овардаанд ва онро бо офаридаҳои худ роиҷ сохтаанд. Таҷрибаи забони лотинӣ ва арабӣ дар иртибот ба забони илм далели ин гуфтаҳо буда, имрӯз бештари кишварҳо, ки ба дастовардҳои бузурги илми ҷаҳонӣ ноил шудаанд, илми хешро тавассути забонҳои миллӣ эҷод ва муаррифӣ менамоянд.

Аз ин рӯ, забони миллӣ дар мақоми забони расмӣ ва давлатӣ асоси ташаккули илму маориф ва тамаддуни ҳар кишвар мебошад. Ба вуҷуд овардани забони илм ва танзими истилоҳоти дақиқи илмӣ аз вазифаҳои асосии ҳама сохторҳои илмӣ ва мактабҳои олии кишвар ба шумор мераванд.

Сомониён дар баробари ба даст овардани истиқлолият барои пойдории суннатҳои миллӣ ва ободонии кишвар, ба хусус ба хотири боло бурдани мақому мартабаи давлат ва забону фарҳанги мардуми хеш аз ҳамаи имкониятҳо истифода карда, донишмандону адибонро ба марказ ҷамъ оварда буданд. Ҳамин сиёсати фарҳангии Сомониён буд, ки дар он даврони таърихӣ ба забони тоҷикӣ осори зиёде таълиф гардид. Дар таърихи сиёсии халқи тоҷик сулолаи дигареро, ки ба ҳадди Сомониён чунин як сиёсати махсус ва ҳамзамон сиёсати бисёр муътадил ва одилонаи миллӣ ва забону фарҳанги ҷаҳоншумул дошта бошад, наметавон пайдо кард.

Натиҷаи ҳамин сиёсат ва хиради Сомониён аст, ки мо имрӯз соҳиби яке аз забонҳои зебо ва шевои дунё ҳастем ва барҷастатарин олимони асрҳои миёна, чун Абӯрайҳони Берунӣ, Ибни Сино, Закариёи Розӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём ва ҳамасрону пайравони онҳо низ осори маъруфи илмии хешро ба ин забон таълиф намуда, ба тамаддуни ҷаҳонӣ пешниҳод намуданд. Чуноне ки Муҳаммад А.Н. дар китоби худ қайд намудааст: «Аҳди Сомониён на танҳо давраи муттаҳидшавӣ ва ба охир расидани раванди ташаккули халқи тоҷик, балки замони ташаккули давлати ягона, фазои ягонаи иқтисодӣ, фарҳангу ҳудуди ягона ва дини ягона мебошад. Ин даврае буд, ки дар маҷмуъ, як менталитети тоҷикона ташаккул ёфта буд».[1]

---

[1] Муҳаммад, А.Н. Тоҷики тоҷвар [Матн] / А.Н. Муҳаммад. – Душанбе, 2018. – С.19.

Пас аз суқути сулолаи Сомониён ҳарчанд халқи тоҷик аз давлатдории худ маҳрум гардид, вале забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ мақоми поянда дошт. Тамоми корҳои ташкилу танзими давлатдорӣ, низоми мамлакатдорӣ, идораи девону дафтар, коргузорӣ маҳз, ба забони тоҷикӣ сурат мегирифтанд. Пеш бурдани сафорату тиҷорат, танзими дахлу харҷ, таҳкими пояҳои иқтисоди кишвар, сарварии ҳавзаҳои илмию адабӣ ва ғайра ба забони тоҷикӣ буд, аммо мақоми подшоҳӣ ва зимомдории мамлакат ба дасти дигарон буд. Вале дар ин муддати тӯлонӣ душманони миллати мо кӯшишҳои зиёд намуданд, ки номи тоҷикро аз саҳифаи таърих берун афкананд, аммо миллати сарбаланди тоҷик тавонист, ки дар марҳилаҳои ҳассос ва озмоишҳои бешумори таърих асолати миллиашро ҳифз намояд, ном, забон, фарҳанг, дину оин ва суннатҳои деринаашро нигоҳ дорад.[1]

Ҳамчун номи «тоҷик», «забони тоҷикӣ» ҳам таърихи қадима дорад ва барои нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ нақши асосӣ дошт. Пас аз ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон фаъолияти гурӯҳҳои мухталиф боз аз нав авҷ гирифт. Онҳо ба муқобили таъсисёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо баланд карда, мавҷудияти халқи тоҷик ва забону адабиёти онро инкор мекарданд.

Дар оғози давраи ба забони давлатӣ ва илмӣ табдил ёфтани забони тоҷикӣ ба сабаби забони дину сиёсат ва илм будани забони арабӣ аксари донишмандону адибон асарҳои хешро ба ин забон таълиф намудаанд. Вақте зарурати таълифи ин гуна асарҳо ба забони дарии тоҷикӣ пеш омад, донишмандон барои баёни андешаҳои худ, махсусан, баъди Сомониён аз истилоҳоту таркибҳои арабӣ бештар истифода карданд, ки ин чараён баъди асри XII сахттар ва таъсири забони арабӣ ба забони мо бештар гардид. Баъдан дар садаи XX ҳамин гуна таъсир тавассути забони русӣ ҳамчун забони расмӣ ва муоширати байни халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бори

---

[1]Ниг.: Раҳмонов, Э. Суханронӣ дар Рӯзи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1999) [Матн] // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат Э. Раҳмонов; мураттиб С. Фаттоев. – иборат аз 11 ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.3. (1999, январ – 2001, феврал). – 510 с.;

дигар шиддат гирифт, ки нуфузи ин раванд дар забони тоҷикӣ то имрӯз дар шакли сухангӯиҳои таҳтуллафзӣ ва сабку услуби нигориши як силсила ҳуҷҷату санадҳо боқӣ мондааст.

Забони тоҷикӣ ҳанӯз дар замони давлатдории Тоҳириён, Саффориён ва сипас, Сомониён ҳамчун забони илму адаб ва забони расмию коргузории вазоратҳо буда, бо ин забон дар Хуросону Мовароуннаҳр аввалин шеърҳо ва рисолаҳои илмию фалсафӣ эҷод гардиданд. Ҳатто дар аҳди Сомониён дар баробари забони арабӣ бо забони тоҷикӣ гузоштани намоз воҷиб гардид, ки ин аз нуфуз ва мақому мартабаи забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад. Паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммад (с.а.в.) забони моро дар радифи забони арабӣ забони аҳли биҳишт арз кардаанд, ки он воқеан, бо нафосат, балоғат ва фасоҳати худ шуҳрати оламгир ёфта буд.[1] Тоҷикон дар миёни халқиятҳои сершумори олам аз ҷумлаи миллатҳои соҳибтамаддуне мебошанд, ки забони адабии қадимаашро маҳфуз дошта, имрӯз низ осори ҳазорҳо шоирону адибони гузаштаашро бе душворӣ мефаҳманд ва дар гуфтугӯи ҳаррӯзаашон истифода менамоянд.

Таҷдиди назар ба таърихи миллӣ, алалхусус воқеаҳои сиёсии халқамон бе алоқамандӣ бо идеологияи синфӣ, ки аз омилҳои асосии густариши шуури таърихӣ ва худшиносии миллӣ аст, заминаҳои илмии омӯзиши ҳаводиси таърихӣ, махсусан, сабабҳои пайдоиш ва эҳёи тамаддуни Сомониёнро фароҳам меоварад. Низоми Сомониён дар қиёс бо низомҳои дигар умри начандон дарози таърихӣ дид. Вале ягон давлат ва тамаддуни он аз худ чунин таъсире ба наслҳои баъдина чун Сомониён нагузоштааст.

Анъанаҳои давлатдории Сомониён танҳо бо Инқилоби Бухоро хотима ёфт. Бузургтарин дастоварди Оли Сомон, ки тамоми мардуми эронинажодро аз маҳв шудан, аз даст додани забони миллӣ, фарҳанги миллӣ боздошт, дар он аст, ки тафаккури миллӣ, фарҳанги миллиро дар қолаби исломӣ маҳфуз

---

[1]Ниг.: Раҳмонов, Э. Паёми табрикотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати шонздаҳумин солгарди Рӯзи забон (22 июли соли 2005) [Матн] // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Э. Раҳмонов; мураттиб С. Фаттоев. – иборат аз 11 ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 2005. – Ҷ.6. (2004, ноябр – 2006, апрел). – 544 с.

дошт. Ин дастоварди бузург аз он ҷо ба даст омад, ки Сомониён тавонистанд адабиёт, илм ва умуман фарҳангро ба забони тоҷикӣ густариш диҳанд, заминаҳои тафаккури миллиро тавассути забони миллӣ фароҳам оваранд. Лозим ба ёдоварист, ки Сомониён аслан кӯшиш ба эҳёи сиёсии Эронзамин надоштанд.

Сababи асосии пойдории давлати Сомониён ва анъанаҳои он ягонагии таърихи маънавӣ ва тафаккури фарҳангӣ мебошад. Маҳз, ба шарофати фарҳанггустаронаи Сомониён ваҳдат ва ягонагии маънавии мардум ба даст омад ва қавмҳои эронӣ суннат ва вежагиҳои таърихии худро ҳифз намуда, дар муҳити нави таърихӣ барои рушди минбаъдаи он шароит фароҳам сохтанд. Ривоҷи илм, адабиёт, фарҳанг, тарҷумаи осори гаронбаҳо чи аз мероси форсии миёна ва чи аз забони арабӣ ба забони тоҷикии форсӣ, таълифи осори пурарзиши зиёд ба забони тоҷикӣ пайванди забон ва ҳувияти миллиро дар аҳди Сомониён тақвият бахшида, заминаҳои истиқлолияти сиёсӣ ва ташкили давлати миллиро ба вуҷуд овард. Забон рамзи давлат ва дилбастагии мардум ба забони хеш, рамзи иттиҳод, ваҳдат ва истиқлолияти миллӣ гардид.

Дар марҳалаи дигаргунсозиҳо ва таҳаввули забонҳои гуногуни олам кам забонеро дучор омадан мумкин аст, ки мисли забони тоҷикӣ баъди гузаштани даҳ аср ба насли имрӯз низ фаҳмо бошад. Ин нукта гувоҳи он аст, ки забони тоҷикӣ бо истилоҳоти гуногуни илмӣ дар таърихи тамаддуни тоҷикон аз ҷойгоҳи муносиб бархурдор аст.

Миллати тоҷик дар ҳама давру замонҳо рисолати инсондӯстию фарҳангпарварии худро нигоҳ дошта, барои ҳифзи истиқлолияти фарҳангӣ ва забони модарии худ кӯшиш намудааст. Ҳанӯз соли 1926 дар даврае, ки забони тоҷикӣ ҳамчун рукни ифодакунандаи номи миллат ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон пазируфта мешуд, устод Садриддин Айнӣ бо навиштани китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» собит намуд, ки забони тоҷикии адабӣ дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзанда дорад.

Баъдтар дар соли 1940 боз устод Айнӣ бо таълифи мақолаи «Маънои калимаи тоҷик» ба аҷнабиёну бегонапарастон асолати забони тоҷикӣ, мақоми ҷаҳонии он, асосҳои сарфу наҳв, савтиёт, тарзи баён, ҳусни матлаб ва раванди инкишофи забони модарии моро дар тӯли таърих исбот карда, тамоми буҳтону туҳматҳоро ботил сохт.

Беҳуда нест, ки забоншиносон ва олимони машҳури дунё забони тоҷикиро дар радифи се забони машҳури ҷаҳонӣ – англисӣ, фаронсавӣ ва итолиёвӣ яке аз ширинтарину шевотарин забонҳои олам шуморидаанд. Имрӯз пойтахти давлати тоҷикон шаҳри Душанбе яке аз марказҳои муттаҳидсозандаи тоҷикону форсизабонони ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Пас аз қабули Қонуни забон дар кишвари мо анъана ва суннатҳои аҷдодӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ боло рафта, барои амалӣ намудани санади мазкур тадбирҳои зиёде андешида шуданд.

Забони миллӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ аст. Бинобар ин дар таҳким бахшидани сохторҳои идораи давлатӣ ба рушди забони расмӣ ва умумии давлат бояд аҳаммияти махсус зоҳир намуд. Забони тоҷикӣ дар қаламрави Тоҷикистон баъд аз қабули Қонуни забон дар соли 1989 ба ҳайси забони давлатӣ амал мекунад. Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ барои инкишофи забони тоҷикӣ шароити мусоиде фароҳам омад ва забони давлатӣ дар Тоҷикистон барои рушду нуму ва инкишоф имкониятҳои хеле васеъ пайдо кард.

Пеш аз ҳама, шароити мусоиди сиёсӣ имкон додааст, ки забони тоҷикӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бидуни маҳдудиятҳо мавриди истифода қарор гирад. Масалан, имрӯз забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар сохторҳои ҳарбӣ, бонкдорӣ ва ҳисобдорӣ истифода шуда истодааст, ки дар даврони Шӯравӣ ғайри қобили тасаввур буд. Инчунин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати забонии худро тавре ба роҳ мондааст, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ, яъне, англисӣ, русӣ ва ғайра бояд ба воситаи забони давлатӣ сурат гирад. Ин нукта дар суханрониҳои

Президенти кишвар низ борҳо таъкид шудааст. Истиқлоли давлатӣ барои ташаккул ва рушди минбаъдаи забони давлатӣ ва меъёрҳои адабии он заминаҳои мусоид фароҳам оварда, ҳама гуна маҳдудиятҳо ва монеаҳоро дар роҳи ташаккули забон бартараф месозад. Ҳоло замоне фаро расидааст, ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ бояд ҷавобгӯи ниёзҳои ҷомеа ва даврони муосири муносибатҳои ҷамъиятӣ бошад ва тамоми таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаро дар худ инъикос намояд.

Забони тоҷикӣ ва рушди ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз, истиқлолияти забонӣ пояи истиқлолхоҳии кишварро ташкил медиҳад. Дар даврони истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикӣ, ки бо он аз қофиласолори адабиёти тоҷику форс Абӯабдулло Рӯдакӣ то бунёдгузори адабиёти навини тоҷик – Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва адибону олимони муосир осори гаронбаҳои илмиву адабӣ эҷод намудаанд, рушд намуда, муаррификунандаи миллати тоҷик дар ҷаҳони муосир гардид.

Забони тоҷикӣ – ин ёдгории маънавии халқи тоҷик буда, ҳамчун оинаи таърихи деринаи халқамон инъикосгари расму оин ва анъанаҳои милливу давлатдории мо мебошад. Барои гузаштагони мо ифтихор аз Ватан ва забон ҳамеша ангезандаи эҳсоси олӣ буда, дар ҳама давру замон аз ҷумлаи мафҳумҳои муқаддастарин арзёбӣ гардидааст. Ба ин маънӣ, забони давлатӣ, бешубҳа, таҷассумгари таърихи халқи тоҷик мебошад. Имрӯз забони тоҷикӣ ба ҳайси забони миллӣ ва давлатӣ дар мақоми забони сиёсат, илму фарҳанг, қонунгузорӣ, равобити дипломатӣ, тиҷорат ва дигар воситаҳои иртибот қарор дорад. Муҳимтар аз ҳама, имрӯз забони давлатӣ ҳамчун рамзи ҳамбастагӣ ва иттиҳоди тамоми сокинони Тоҷикистон мебошад. Инкишофу рушди забон нишондиҳандаи пешрафти миллат ва давлат аст. Дар даврони истиқлолияти сиёсӣ доираи истифодаи забони давлатӣ чи дар корҳои давлатдорӣ ва чи дар арсаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ инкишофу рушд ёфт.

Истиқлолияти сиёсӣ барои рушди доираи корбурди забони давлатӣ дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа имконияти мусоид фароҳам овардааст. Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавре ба роҳ монда шудааст, ки дар амалӣ намудани он ҳамаи сокинони кишварро лозим аст, ки якҷоя кӯшиш намоянд. Дар ин кор саҳми воситаҳои ахбори омма бояд назаррас бошад ва масъулони он ба покизагии забон бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, зеро воситаҳои ахбори омма оинаи забони миллӣ маҳсуб меёбанд. Забон муҳимтарин унсури муайянкунандаи ҳастии ҳар миллат аст. Бинобар ин, саъю талош барои эҳёву рушд ва корбасти забони миллӣ ба ҳайси забони давлатӣ ва ҳатмӣ гардонидани риояи он дар тамоми ташкилоту муассисаҳои кишвар як амри комилан қонунӣ ва ниҳоят муҳим мебошад.

Агар Исмоили Сомонӣ ҳамчун асосгузори аввалин давлати тоҷикон ва ҳомии забон, илм, маърифат, маданият, фарҳангу адаби миллати тоҷик маъруф гашта бошад, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз бузургтарин абармардони таърих аст, ки на танҳо давлати навини тоҷиконро дар шароити ниҳоят мураккаб ва фоҷиабори ҷанги таҳмилии дохилӣ, парокандагии миллӣ, рақобати шадиди геополитикӣ асос гузошт, балки дар роҳи эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – таърих, забони модарӣ, маданият, фарҳанг, фидокориҳои бемисл нишон дод. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид медоранд, «забон хишти аввалини кохи миллат аст. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллӣ аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад».[1] Аз ин рӯ, вазифаи ҳар фарди бонангу ор ҳифзу эҳтиром ва гиромӣ доштани забони давлатӣ аст. Ҳамчунин, бузургтарин вазифаи ҳар фарди худогоҳу ватандӯст, ки бо фарҳангу забони худ эҳтиром мегузорад, поку беолоиш нигоҳ доштани ин ганҷи бебаҳо ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани забони тоҷикӣ мебошад.

---

[1]Раҳмон, Э. Паёми табрикӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ, 4 октябри соли 2016. [Матн] / Э . Раҳмон. // «Ҷумҳурият». – 2016. – 5 октябр. - №198.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, қабл аз ҳама, дар соҳаи забон самарҳои нахустини худро ба бор овард – қабулсозӣ ва татбиқи Қонуни забон, тағйироту иловаҳои чандинкарата ва саъю кӯшиши мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон ба он мусоидат намуданд, ки забони давлатӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар мавқеи устуворро касб намуд ва дар ин самт тағйироти куллӣ ба вуқуъ пайвастанд. Ин амр шаҳодат аз он медиҳад, ки ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо дар соҳаи забон аз ибтидо сиёсати амалан дурустро пеш гирифт ва эълон доштани соли 2008 ҳамчун Соли бузургдошти забони тоҷикӣ нуқтаи баландтарини зуҳури чунин сиёсат аст.

Албатта, дар ҳалли масъалаҳои ба забони давлатӣ марбутбуда то кунун ҳам мушкилот вуҷуд доранд, аммо хушбахтона, аксарият ҷавҳарӣ набуда, ҷомеаи мо имкон дорад, ки дар бартараф сохтани онҳо низ батадриҷ комёб шавад. Вале чанд масъалае дар ин самт вуҷуд дорад, ки дар ҳалли онҳо бояд намояндагони тамоми қишрҳои ҷомеаи имрӯзаи тоҷикон, хусусан зиёиён, саҳм бигиранд ва аз пайи рафъсозии чунин мушкилот бошанд.

Яке аз масъалаҳои асоситарин дар рушди минбаъдаи забони давлатӣ ин мутобиқгардонии забони мо ба тағйироти дар ҷомеаи Тоҷикистон, кишварҳои ҳамсояи ҳамзабон ва умуман ҷаҳони муосир ба вуқуъ пайваста, назорат аз болои тағйироти забонӣ дар даврони ҷаҳонишавӣ ва амалӣ сохтани сиёсати оқилона аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар соҳаи забон аст. Пеш аз ҳама, демократикунонии минбаъдаи забон, беҳбуди истилоҳсозӣ, ҳимояи асосноки забони давлатиро аз тағйироти дар иқтисодиёт ва соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоии ҷомеа бар асари ҷаҳонишавӣ баамаломада тақозо мекунад.

Ҳар се омили дар боло зикршуда ба ҳамдигар робитаи зич доранд ва аз ин рӯ, чораҳое, ки барои амалӣ сохтани онҳо мавҷуд ҳастанд, бояд дар робита бо ҳам амалӣ гарданд: демократикунонии забон дар шароити ҷомеаи демократӣ инкишофи озодонаи забонро талаб дорад, вале чунин озодии забонӣ набояд ба ҳарҷу марҷ ё анархияи забонӣ мубаддал гардад ва аз ин

рӯ бояд фишангҳои қавии давлатию ҷамъиятии назорати равандҳо дар соҳаи забон фаъолият дошта бошанд; тағйирот дар соҳаи илму техника, ки бо суръати баланд дар ҷаҳони имрӯза ҷараён доранд, зарурати ғанисозии саривақтии забонро бо истилоҳот ва калимоти нави иқтибосшуда ва ё дар асоси қонунмандиҳои дохилии худи забон сохташуда ба миён меоранд ва ба ҳамин сабабҳо фаъолияти боз ҳам пурсамартари истилоҳшиносон ва машваратҳои кории забоншиносону забондонон талаб карда мешавад; тағйироте, ки дар иқтисодиёт ва соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоии ҷомеа бар асари ҷаҳонишавӣ ба амал меоянд, аксарият падидаи наву мусбатанд, вале дар сиёсат дар соҳаи забон вобаста ба онҳо зуҳури оқилонаи баъзе унсурҳои «кӯҳнапарастӣ» (консерватизм) ва ҳимояи забони давлатӣ тавассути маҳдудсозии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок дар кори истифодаи забонҳои дигар, унсурҳои онҳо, доираи амали забонҳои хориҷӣ ва вақту фазои дар воситаҳои ахбори умум ва дар соҳаҳои дигари илму фарҳанг ба онҳо ҷудошуда зарурат дорад.

Масъалаи дуюм, ки дар амалӣ сохтани сиёсат дар соҳаи забон дар кишвари мо бояд ҳалли он дар мадди аввал қарор бигирад, ба муайян сохтани самти минбаъдаи инкишофи забони тоҷикӣ дар муносибат бо шеваю лаҳҷаҳои худи тоҷикон ва забони мардуми Эрон ва Афғонистон – ду кишвари бародар ва ҳаммазҳабу ҳамзабони Тоҷикистон алоқамандӣ дорад. Мутаассифона, ин масъала, ки ҳанӯз дар ибтидои даврони шӯравӣ аз ҷониби зиёиён ба миён гузошта шуда буд, то кунун ҳалли худро наёфтааст ва аз ин ҷост, ки баъзан кӯшишҳои яктарафаи комилан ба забони гуфтугӯӣ наздик сохтани забони адабӣ ва ё баръакс, комилан «дарӣ» ё «форсӣ» сохтани он ба назар мерасанд. Дар ин самт, пеш аз ҳама, бояд ду нукта ба назар гирифта шавад:

Аввалан, бояд забони гуфтугӯ ба забони хаттию расмӣ наздик гардонида шавад, на баръакс. Вале дар ин раванд ба мақсади ғанӣ сохтани забони адабӣ бояд тамоми имконоти луғавию наҳвии ҳамаи шеваю лаҳҷаҳои

тоҷикон истифода бурда шаванд. Ё худ, агар мехоҳем, ки чун дар Эрон лаҳҷаи умумигуфтугӯие бо номи «лаҳҷаи Теҳрон» дошта бошем, чаро аз имконоти забонии пойтахти кишвари худ – шаҳри Душанбе, ки макони бархӯрди тамоми шеваю лаҳҷаҳои тоҷикон ва маркази қавитарини забоншиносии тоҷик аст, истифода накунем? Ба ибораи дигар, ба вуҷуд овардани забони муошират шифоҳӣ, ки шартан онро «шеваи Душанбе» номидан мумкин аст ва нишонаҳои нахустини он дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ аллакай худ ба худ зуҳур кардаанд, метавонад дар наздик сохтани забони гуфтугӯӣ ба забони адабӣ бо иштироки бевоситаи аҳли зиё нақши назаррасе бозад.

Сониян, забоне, ки бо номҳои «тоҷикӣ», «форсӣ» ё «дарӣ» ёд мешавад, дар асл ҳамон як забон аст. Вале, мутаассифона, марзҳои сиёсӣ барои пайдо шудани махсусиятҳои забонӣ дар ҳар се кишвари мазкур сабабгор гаштаанд. Аз ин ҷост, ки ин махсусиятҳоро низ нодида гирифтан метавонад ба равандҳои минбаъдаи рушди забони давлатии тоҷикон таъсироти манфӣ расонад. Ба ин мақсад истифода аз имконоти луғавию наҳвии забони мардуми Эрон ва Афғонистон низ чун истифода аз имконоти шеваю лаҳҷаҳои тоҷикон танҳо бояд ба хотири рушди забони адабии муосири тоҷикӣ сурат бигирад, на барои ба «дарӣ» ё «форсӣ» шабеҳ сохтани он.

Устувор намудани мақоми забони давлатӣ дар сиёсати кишвари мо дар соҳаи забон бояд мавқеи ҳалкунанда дошта бошад, вале барои ба ҳадафҳои геополитикӣ расидан бо ҳамин амр низ маҳдуд гардидан чандон дуруст нест. Аҳаммияти бевосита ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ё чуноне ки имрӯз мегӯянд, ба назар гирифтани омилҳои геолингвистика метавонад дурнамои чунин сиёсати пешгирифтаро боз ҳам муассиртар намояд. Ба чунин кор даст зада, қабл аз ҳама, дар хотир бояд дошт, ки омӯзиши забонҳои ғайр ҳаргиз маънии душманӣ бар забони модарӣ ё суст намудани мавқеи забони давлатиро надорад. Бисёрзабонӣ ҳамеша барои мардуми мо хос будааст.

Кофист, ки аз дузабонии тоҷикӣ-арабии адибону олимони пешгузаштаи худ ё тоҷикӣ-ӯзбекӣ ва тоҷикӣ-қирғизии сокинони баъзе мавзеъҳои Тоҷикистон ва тоҷикӣ-русии пешқадамтарин маърифатпарастони даврони шӯравӣ (ба маънии мусбати он) ёдрас шавем.

Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбии кишвари мо дар қатори забони давлатӣ зиёда аз понздаҳ забони мардуми олам омӯхта мешавад (ӯзбекӣ, қирғизӣ, русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, итолиёвӣ, арабӣ, форсӣ, урду, пашту, ҳиндӣ, чинӣ, ҷопонӣ ва кореягӣ). Дуюм, таҷрибаи омӯзиши забонҳо дар ҷумҳурӣ ва зуҳуроти геополитикӣ дар даҳсолаи охири таърихи инсоният нишон доданд, ки кишвари мо бояд аз нигоҳи амалию прагматикӣ ба се забон – русӣ, англисӣ ва чинӣ таваҷҷуҳи бештаре дошта бошад.

Дар Конститутсияи кишвар низ доир ба ин масъала дарҷ гардидааст. Чунин вазъ, қабл аз ҳама, сабабҳои сиёсию иқтисодӣ дорад. Чуноне ки маълум аст, имрӯз дар ҷаҳон ҳамагӣ се кишвари абарқудрат ҳаст, ки қобили бурдани сиёсати мустақилона буда, таъсири геополитикӣ ба тамоми минтақаҳои дигари ҷаҳон, аз ҷумла ба кишвари мо доранд. Инҳо соҳибони ҳамон се забони зикршуда ё худ Русия, Амрико ва Чин ҳастанд, ки Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир бо онҳо робитаи бевоситаи сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ ба роҳ мондааст.

Агар зарурати ҳатмии омӯзиши забони русиро, аз як тараф, шарики стратегӣ будани Русияву Тоҷикистон талаб кунад, аз тарафи дигар, ҳамчун забони асосии бадастории ахбор будани он барои мардуми тоҷик, мавҷудияти шумораи зиёди шаҳрвандони мо дар ин кишвар ва минбаъд ҳам идома ёфтани муҳоҷирати меҳнатӣ ба ин минтақа чунин заруратро бори дигар таъкид месозанд. Аз ҷониби дигар, забони русӣ дар кишвари мо ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо мебошад. Чуноне ки дар моддаи 2

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Забони русӣ ҳамчун забони муошрати байни миллатҳо амал мекунад».[1]

Дар бораи забони англисӣ ҳаминро қайд кардан ҷоиз аст, ки танҳо ба таври ғайрирасмӣ эътироф шудани он чун забони муошрати байни халқу миллатҳои ҷаҳон ва мавҷудияти ширкату корхонаҳои гуногуни кишварҳои ғарбию шарқӣ дар Тоҷикистон, ки маҳз, ҳамин забонро ҳамчун олоти коргузории худ интихоб кардаанд, бозгӯи равшани аҳаммияти амалию прагматикии омӯзиши он барои ҷумҳурии мост. Забони чинӣ бошад, имрӯз ба яке аз бозхондатарин забонҳо дар дохили кишвари мо аз ҷиҳати таъмини ҷавонон бо ҷои кори лоиқ табдил ёфтааст.

Ҳамаи ин ба сабаби амалӣ шудани лоиҳаҳои сершумори муштараки тоҷикию чинӣ ва густариш ёфтани робитаҳои мустақили сиёсию фарҳангӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Чин дар солҳои охир буда, дурнамои рушди минбаъдаи чунин алоқаҳо низ хеле нек ба назар мерасад. Сабабҳои дар боло зикршуда таъкид месозанд, ки дар ҳақиқат ҳам, имрӯз мо бояд барномаи фаъолияти худро оид ба омӯзиши забонҳои русӣ, англисӣ ва чинӣ боз ҳам мушаххастар намоем. Зиёда аз ин, вақти он фаро расидааст, ки аз ҳоло дар фикру андешаи он бошем, ки дар қатори забонҳои англисию русӣ дар баъзе мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, хусусан дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, таълими забони чинӣ ба роҳ монда шавад.

Дурнамои сиёсат дар соҳаи забон, бадастории ҳадафҳои геополитикӣ дар ҷумҳурӣ омӯзиши ҳатмии забонҳои хориҷиро тақозо дорад, вале ин кор бе болобарии минбаъдаи мақоми забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷомеаи имрӯза наметавонад пурсамар бошад. Аз ин рӯ, такмили омӯзишу таълими забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ бояд қисмҳои таркибӣ ва ҷудонашавандаи як барномаи яклухти фаъолияти минбаъда дар татбиқи сиёсат дар соҳаи забон эътироф карда шаванд.

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: матни расмӣ. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С 4.

Яке аз хидматҳои бисёр бузурги Президенти кишвар дар иртибот ба сиёсати давлатии забон ин рушд додани андешаи ҷомеа ба арзишҳои забонӣ ва иқтидору имконоти воқеии забони тоҷикӣ дар робитаҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар таърихи давлатдории навини тоҷикон дониста мешавад. Танҳо бо огоҳии амиқ аз гузаштаҳои дур ва собиқаи таърихии забони тоҷикӣ ва осори давраҳои таърихии он, ки дар чандин анвои хат ҳамчун намунаи зинда то ба рӯзгори мо расидаанд, метавон аз мақому мартабаи ин забон дар тӯли таърих натиҷагирӣ кард.

Поя ва бунёди ҳама тафаккури илмиро дар иртибот ба гузаштаи забон ва осори мардумони ориёӣ, ба вижа таърихи давлатдории тоҷикон ва мақому мартабаи забон дар он даврон то имрӯз андешаҳое ташкил медиҳанд, ки дар се китоби Президенти муҳтарами кишвар таҳти номи «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» ба таври бисёр дақиқ матраҳ ва хулоса шудаанд.[1] Ин ҳама натиҷагириҳо далели чигунагии мақоми забони модарӣ дар давлатдории тоҷикон дар давраҳои гуногуни таърихӣ мебошад. Ба ин далел дар даврони Истиқлолияти сиёсӣ ва давлатдории навин низ бо ҳифзи собиқаи таърихӣ ва имконоти рушди дохилӣ забони тоҷикӣ дар мақоми забони миллӣ ё забони давлатӣ тавонистааст дубора мавриди истифода қарор гирад.

Ҳамин сиёсати хирадмандона буд, ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони миллӣ дар даврони Истиқлолият дар мақоми забони давлатӣ пазируфта шуда ва он имрӯз ба таври озод дар умури сиёсиву иҷтимоии кишвар мавриди истифода қарор дорад. Маҳз, дар партави ҳамин сиёсати миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ забони мо бо доштани имконоти фаровон дар асоси қолабҳои меъёрии суннатӣ ва равишҳои адабӣ дар ҷомеа мақому мартаба пайдо хоҳад кард.

Ҳукумати Тоҷикистон минбаъд низ ба масъалаҳои рушди устувори забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву

---

[1]Ниг.: Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 1996. – 80 с.

фарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мақоми онро ҳимоя мекунад. Чунки маҳз, забони давлатӣ дастовардҳо ва ҳастии моддиву маънавии мардуми кишвари моро дар дохил ва хориҷи кишвар муаррифӣ менамояд. Забон нишонаи муҳимтарини миллат ва пайвандгари наслҳост. Бузургии миллатро, пеш аз ҳама, аз он эҳсос кардан мумкин аст, ки афроди он забони миллии худро то чӣ андоза ҳифзу эҳтиром менамоянд. Ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарвар ва ҳар шахсе, ки забони тоҷикиро ҳамчун забони модари худ дӯст медорад, бояд ин нуктаро дарк карда, аз руйи он амал намояд.

Забони модарӣ сарвати бебаҳои миллат ва давлат буда, дар ҳифзи асолати забони тоҷикӣ, ки бо шеъри қофиласолори шеъри Аҷам Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ оғоз мегардад ва маҳз, тавассути он меҳру муҳаббати модар дар қалбҳои мо ҷой мегирад, аз ин хотир, барои ҳифзу рушди онбояд тамоми аъзои ҷомеа ғамхор ва саҳмгузор бошанд. Вазифаи наслҳои имрӯза аз он иборат аст, ки ба фарзандони худ ва умуман ба ҷавонон ва насли наврас як масъаларо ҳамеша таъкид ва талқин намояд: забони модарӣ мисли неъматҳои худододи Модар, Ватан ва Истиқлолият арзиши ҷовидонӣ мебошад ва чун гавҳари бебаҳо эҳтиёт кардани он қарзи ҳар яки мост. Барои он ки номи миллат дар саҳифаҳои таърихи башарӣ ҷовидон бошад, миллат бояд чароғи роҳнамои худшиносиву худафрӯзии худ, яъне, забонро ҳифз кунад ва онро ҳамчун волотарин арзиши миллӣ ба наслҳои оянда поку беолоиш ва равону ширин ба мерос гузорад.

Ягона воситае, ки одамон байни ҳам муошират менамоянд, фикру ақидаҳои худро ба якдигар баён менамоянд, ин забон аст. Маҳз, забон аст, ки таърихи миллату давлатро ҳифз намуда, онро дар давоми қарнҳои зиёд нигоҳ медорад. Забон ҳамчун унсури муҳимми давлатдорӣ ва яке аз нишонаҳои асосии соҳибдавлатӣ буда, миллате дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҳар як кишвар нақши ниҳоят бузург дорад. Дар дунё забонҳои гуногун арзи ҳастӣ

менамоянд, ки ҳар кадоме аз онҳо таъриху марҳилаҳои инкишофи худро доранд.

Марҳилаи эҳё ва рушди нави эҳёи забони тоҷикӣ дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро расид. Маҳз, бо дастгириву хидматҳои шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон забони тоҷикӣ имрӯзҳо инкишофи бемайлон дорад. Ҳамин сиёсати хирадмандона буд, ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони миллӣ дар даврони Истиқлолият дар мақоми забони давлатӣ пазируфта шуд ва он имрӯз ба таври озод дар умури сиёсиву иҷтимоии кишвар мавриди истифода қарор дорад.

Маҳз, дар партави ҳамин сиёсати миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ забони мо бо доштани имконоти зиёд дар асоси қолабҳои меъёрии суннатӣ ва равишҳои адабӣ дар ҷомеа мақому мартаба пайдо хоҳад кард. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар аз минбари баланди СММ, дар ҳамоишҳои бонуфузи сиёсии байналмилаллӣ, дар корҳои муҳташами раёсати давлатҳои муътабар лафзи ширину шевои тоҷикӣ садо медиҳад. Таърихи ҷомеаи башарӣ ва таҷрибаи давлатҳои куҳан ва пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки истифода аз як забони умумӣ боиси он мегардад, ки миллатҳо бо ҳамдигар пайванди иҷтимоии қавӣ барқарор намоянд.

Забон яке аз бузургтарин омилҳоест, ки на танҳо бартарияти инсонро аз дигар махлуқоти олам нишон медиҳад, балки инчунин, бузургӣ, ифтихор ва баробарии ҳар як халқиятро муаррифӣ менамояд. Забони миллат нисбат ба забонҳои халқӣ нав буда, шакли дар давраи нави тараққиёти ҷамъиятӣ инкишофёфтаи он аст.[1] Ҳарчанд ки забони тоҷикӣ дар замони Шӯравӣ, яъне, соли 1989 мақоми забони расмиро соҳиб шуда буд, вале маҳз, дар давраи Истиқлолият, махсусан, пас аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони сиёсат, иқтисод ва илму фарҳанг табдил ёфт. Қобили

[1]Ниг.: Муҳаммад А.Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С.89.

тазаккур аст, ки пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикӣ низ ба зинаи баландтари инкишофи худ гузашт.

Бояд қайд намуд, ки дар ин замина саҳми Пешвои миллати мо бениҳоят бузург аст. Маҳз, бо роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мустаҳкам гардидани сиёсати забонӣ, рушду таҳкими забони тоҷикӣ ва ҳамқадами замон гардидани он тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. Ҳануз аз рӯзҳои аввали сарвари Тоҷикистон интихоб шуданашон забони тоҷикиро дар паноҳи давлати миллии тоҷикон ва давлати миллиро дар паноҳи забони тоҷикӣ эълон доштанд ва то ба имрӯз ин сиёсатро, ки собитқадамона амалӣ менамоянд.

«Забони миллӣ симо ва пайкараи миллати мо мебошад. Аз ин рӯ, ин симо бояд зебо ва ин пайкара тавоно бошад. Гузашта аз ин, умри миллат ба умри забон вобаста аст, яъне, бақои забон бақои миллат аст. Забон нишонаи муҳимтарини миллат ва пайвандгари наслҳост».[1] Чунин суханҳои ҳикматомӯзи сарвари давлат беҳуда набуда, арзиши волоеро сазовор мебошад. Пас, ҳар як фарди ватандӯстро зарур аст, забони миллии худро ҳамчун як арзиши бебаҳо эҳтиром намояд ва баҳри рушду такомули он талош варзад.

Чуноне ки маълум аст, давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи забони тоҷикӣ ҳамчун забони милли аҳаммияти махсус медиҳад ва аз ин ҷост, ки сиёсати давлатӣ дар самти забонӣ рӯз то рӯз қавитар мегардад. Чуноне ки Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои даврони истиқлолият дар шароити давлатдории навин барои рушди забони миллӣ дар мақоми забони давлатӣ аз тамоми шароиту имконот истифода менамояд. Рушди забони давлатӣ, ки ҳамчун муқаддасоти миллии

[1]Раҳмон, Э. Паёми телевизионӣ ба муносибати 20-солагии қабули Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон. 21 июли соли 2009. [Маводи электронӣ] / Э. Раҳмон. // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/2667

мо пазируфта шудааст, аз вазифаҳои бисёр муҳимми давлат барои ҳифзи арзишҳои волои миллӣ дониста мешавад.[1]

Бояд қайд намуд, ки миллати тоҷик дар ҳар давру замон забони худро инкишофу рушд додаанд. Аз таърих маълум аст, ки ниёгони мо ҷиҳати покизаву беолоиш нигоҳ доштани забон чи мушкилиҳоро паси сар намудаанд. Забони тоҷикӣ мероси бузурги ниёгони некноми мо, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд, ҳамчун риштаи пайванди насл ба насли миллат аз ҳазорсолаҳои дур то давлати соҳибистиқлоли тоҷикон омада расидааст ва решаҳои умри миллатамонро оби ҳаётбахш додааст. Бинобар ин, арҷгузорӣ ба забони давлатӣ, ки ҳамчун рукни муҳимтарини ҳастии миллат, пойдевори асосии давлатдорӣ ва фарҳангу маънавиёти халқамон нақши барҷаста дорад, вазифаи инсониву виҷдонии ҳар як фарди бонангу номус ба ҳисоб меравад.

Чуноне ки собит гардидааст, яке аз аломатҳои шинохти миллат соҳибзабон будани аст. Баъд аз Инқилоби соли 1917, вақте ки дар сарзамини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ созмони ҷумҳуриятҳои мухтор шуруъ шуд, бадхоҳони халқи тоҷик нахостанд, ки тоҷикон ҳамчун миллат шинохта гардида, соҳиби давлат шаванд. Мусаллам аст, ки онҳо бо ин мақсад иддао пеш овардаанд, ки гӯё таърих «тоҷикӣ» ном забонеро намедонад ва забоне, ки бо он тоҷикон гуфтугӯ мекунанд, як лаҳҷаи забони форсии Эрон мебошад. Ин даъво дар шароити мафкураи болшевикӣ, ки оламро ба ду ҷаҳони оштинопазир – сотсиалистӣ ва сармоядорӣ ҷудо карда, бо дуюмӣ ҷанги шадид эълон карда буд, дар зимн маънои сиёсӣ низ дошт: диққати сарварони давлати шӯравиро ба он равона мекард, ки аҳолии камшумор бо номии «тоҷик» дар Туркистон ҳам ба сабаби камнуфусӣ ва ҳам аз боиси забону мафкураи эронӣ доштан миллати алоҳида, зиёда аз он, дар шароити сотсиалистӣ миллати соҳибдавлат шуда наметавонад.

---

[1]Ниг.: Раҳмон, Э. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ (04.10.2012) [Маводи электронӣ] / Э. Раҳмон. // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/3520 (санаи муроҷиат 21.11.2019)

Бадхоҳон ин «бозёфт» -и худро пас аз шинохти миллати тоҷик ва таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба кор бурданд. Дар солҳои таъқиботи сиёсӣ аз сарварони давлат ва аҳли зиёи Тоҷикистон ҳар киро нест карданӣ мешуданд, «хоини Эрон» гӯён тухмат мекарданд ва ин кифоя буд, ки он шахс ё ҳукми паррон гирад, ё умрбод бадарға шавад.

Таҷрибаи таърихии расидан ба сиёсати устувори забон заминаи экстралингвистӣ дорад. Масъалаи забон ҳамеша ба сиёсати давлатӣ дар робита қарор дошт, барои пешбурди сиёсати забон силсилаи қонуну қарорҳо тадбирҳо андешида шуданд, кумита ва комиссияҳои кориву назоратӣ ташкил карда шуданд. Ин омилҳо боис гардиданд, ки дар Тоҷикистон падидаи нодири сиёсию фарҳангӣ ва илмӣ – сиёсати забон комилан ташаккул ёфт. Забон дар ҳамаи давру замонҳо як рукни давлатдорӣ буд. Аз руйи баҳои сарварони давлат бо забон ҳадафҳои сиёсии давлатдорӣ муайян мегардид. Нуқтаи назари сарвар ва ходимони баландпояи давлатӣ ба мақоми забон дар ҷамъият, тадбирҳои давлат оид ба амали забонҳо ва роҳу усулҳои иҷрои онҳо сиёсати забонро дар мамлакат фароҳам меорад. Дар Тоҷикистон ҳарчанд халқият ва миллатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, сиёсати давлатӣ асосан дар сатҳи ҷаҳонбинии иҷтимоию сиёсӣ, маданият, маънавиёт ва суннатҳои миллие сурат мегирад, ки аз халқияту миллатҳои дигар ба маротиб сернуфуз бошад. Дар навбати худ он давлат сиёсати забонро муайян ва дар қаламрави худ ҷорӣ менамояд. Ин нуктаро таҷрибаи таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол собит кард, зиёда аз он, бо далелҳои тозаи воқеӣ ғанитар намуд.

Роҳи расидан ба сиёсати устувори забонӣ дар кишвари мо нотакрор аст. Заминаҳои бунёдии роҳи ташаккули сиёсати забон – боло гирифтани ифтихори миллӣ, бархӯрди андешаҳои зиёиёни пешқадам, коркарди тадбирҳои стратегии давлатӣ, ташкили силсилаи чорабиниҳои давлат оид ба таҳкими пояҳои иҷтимоӣ ва рушди забон, ҳамчунин роҳу василаҳои гуногуни ба амал баровардани ин тадбирҳо мебошад.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит кард, ки сиёсати забон аз се марҳилаи бо ҳам марбут фароҳам меояд:

1. Нуқтаи назари давлатӣ ба мақоми забон дар ҷамъият.

Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикиро забони ягонаи давлатии худ эълон дошт. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: "Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст".[1]

2. Масъалаи дигаре, ки ба фаҳмиши моҳияти сиёсати забон марбут аст, андешидани тадбирҳои давлатӣ оид ба амали забонҳо дар мамлакат мебошад. Муҳимтарин ҳуҷҷате, ки дар асоси он фаъолияти забон ба роҳ монда шуд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забон мебошад, ки онро Иҷлосияи дахуми Шӯрои Олии Тоҷикистон 22 июли соли 1989 қабул карда буд.

3. Масъалаи дигари сиёсати забонро усулҳои ба амал баровардани нақшаву тадбирҳои давлатӣ ташкил менамояд.

Чуноне, ки аз таҳлилҳо бармеояд, сиёсати забонӣ маҷмуи принсипҳои идеологӣ ва тадбирҳои амалӣ буда, барои ҳалли мушкилоти забонӣ дар ҷамъият ва давлат амалӣ мегардад. Мушкилоти асосии сиёсати забонӣ бо чунин омилҳо ба монанди забонҳои гуногун, хусусиятҳои миллӣ дар дохили муносибатҳои байнидавлатӣ, вазифаи асосии забони ахлоҳида ва интиқоли онҳо дар хаёти ҷамъиятӣ фарқ мекунанд. Принсипҳои идеологӣ ва тадбирҳои амалӣ дар раванди сиёсати забон пайвастшаванда ва ҷудонашаванда мебошад. Сиёсати забон қисми асосии сиёсати миллӣ ҳисоб меёбад ва дорои принсипҳои умумӣ мебошад. Масалан, сиёсати забон татбиқи демократияро дар давлатҳои мухталифи миллӣ муаррифӣ мекунад, сиёсати забон таъсири оқилонаи ба ҷомеа алоқаманд мебошад. Забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ ҳамеша ҳамқадами замон буда, дар баробари ҷамъият дар таҳаввулоти доимӣ қарор дорад.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: матни расмӣ. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С.4.

Сиёсати забон, пеш аз ҳама, ба системаи лексикиву семантикӣ, ки асосан ба лексикаи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин, фарқияти услубии забони адабӣ, таснифи забони шева, аз байн рафтани калимаҳои гуногун, истилоҳоти хаттӣ ихтисос дорад, таъсир мерасонад. Забон ва сиёсат ҳамчун пояҳои муҳимму амиқи воқеияти ҷомеа асосан бо ҳам алоқаманд буда, ба ҳамдигар фаъолона таъсир мерасонанд. Дар якҷоягӣ тарҳҳои гуногуни технологияи чунин муносибатҳо дар соҳаи назариявӣ-методологӣ, таҳлилӣ, тасвирӣ, татбиқ ва амали илмию техникӣ, сиёсию эстетикӣ табдил меёбанд.

Сиёсати забонӣ ин фаъолияти давлат, мақомоти гуногуни он, неруҳои дигари сиёсӣ оид ба бунёди мақоми забон дар ҷомеа мебошад. Он шароитро барои амали забонҳо муайян намуда, доираи паҳнгардӣ ва омӯзиши онро ташхис менамояд. Вобаста ба режими сиёсии ҳукмрон ва сохти сиёсӣ, муносибатҳои ҳукмрони ҷамъиятӣ ва умуман, муносибатҳои байни умумиятҳои иҷтимоию миллӣ ҳам дар сатҳи инфиродӣ ва ҳам дар сатҳи дастаҷамъӣ сиёсати забонӣ моҳият ва хусусиятҳои хосро дарбар мегиранд. Дар бисёр ҳолатҳо сиёсати забонӣ дар санадҳои муҳимми давлатӣ ва махсусан, дар конститутсия дарҷ карда мешавад. Бахусус, мақоми забони давлатӣ мушаххасан муайян карда шуда, муносибатҳои байниҳамдигарии забонии аҳолии мамлакат ба низом оварда мешаванд. Инчунин, дар заминаи меъёрҳои конститусионӣ санадҳои дигари меъёриву ҳуқуқие тартиб дода мешаванд, ки тамоми муносибатҳои забонии умумиятҳои миллию этникии кишварро ба танзим медароранд.

Сиёсати забон дар давраҳои феодалӣ пайдо шудааст. Он дар асрҳои миёна байни арабҳо ва форсизабонон дар вилоятҳо машҳур будаанд. Барои сиёсати забон асосан дар идеологияи буржуазӣ, дар давраи гуногуни таърихӣ диққати асосӣ ба лаҳҷаҳо ва забонҳои миллӣ, асосан диққат ба забони давлатӣ дода мешуд. Ҳамчунин, ба сиёсати «вестернизатсия» (инкишофи мамлакат бо забони пешина ва истифодаи он дар шакли васеъ), муносибат ба забон ва фарҳанги халқҳо таваҷҷуҳ зоҳир мегардид.

Забон ҳамчун як падидаи ҷамъиятӣ аст. Ин чунин маънӣ дорад, ки забон бо ҷомеа ва ҷомеа бо забон алоқаи ногусастанӣ дорад. Забон дар ҷомеа инкишоф ва ташаккул меёбад ва муносибатҳоро дар ҷомеа ба танзим медарорад. Дар инкишофи забон ду омили асосӣ нақши муҳим дорад: дохилӣ ва хориҷӣ. Агар омили дохилӣ ба таҳаввули қонунҳои дохилии забон асос ёбад, омили берунӣ ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Вале, азбаски қонунҳои дохилии забон ҳам дар ҳамбастагӣ бо ҷомеа инкишоф меёбанд, ҳарчанд онҳо пойдориву устувории забонро таъмин намоянд ҳам, аз таъсири такони берунӣ барканор намемонанд. Ин махсусан, дар тағйиру таҷдиди меъёрҳои луғавӣ ва низоми овозии забон бештар эҳсос мегардад. Пас, дар ҳар ду ҳолат ҳам такондиҳандагони асосии равиши забон худи ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад. Омили иҷтимоӣ ба ду гуна арзи вуҷуд мекунад: Объективӣ – хориҷ аз иродаи ҷомеа ва субъективӣ – вобастаи хоставу иродаи ҷомеа ё ба қавли забоншиноси рус Николский Л.Б. «забонӣ» ва «ғайризабонӣ».[1]

Таъсири омили объективии иҷтимоӣ ба равиши забон ба таври табиӣ сурат мегирад. Масалан, дар натиҷаи омезиши халқҳову миллатҳо, ҳамзистӣ, шароити дузабонию бисёрзабонӣ (билингвизм) ва ғайра на фақат дар таркиби луғати забон калимаҳои забони дигар мақом пайдо мекунанд, балки дар ҷое дар сохтори овозӣ ва ҳатто сарфу наҳви он ҳам тағйирот ба вуҷуд меояд. Инро дар мисоли забони тоҷикӣ ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Омили субъективӣ бо тарзҳои гуногун зоҳир мешаванд, ки дар ин бахш асосан дар бораи ду намуди он сухан меравад. Сохтмон ва ё сиёсати забон яке аз намудҳои омили субъективиест, ки бевосита ба дахолати ҷомеа алоқаманд мебошад. Истилоҳи «Сиёсати забон» бо ду маънӣ фаҳмида мешавад: 1) қисми таркибии сиёсати умумие, ки давлат ё азҳоби сиёсӣ пеш гирифтаанд; 2) маҷмуи чорабиниҳову тадбирҳое, ки бо мақсади танзими масъалаи забон аз тарафи давлат ва сохторҳои дахлдори он ба амал бароварда мешавад.[2]

[1]Ниг.: Никольский Л.Б. Языковая политика как форма сознательного воздействия общество на языковое развитие/ / Язык и общество. М.: Наука, 1968.
[2]Ниг.: Ҷураев, Ғ. Забон дар паноҳи давлат аст [Матн] / Ғ. Ҷураев // Пешвои миллат ва сиёсати забон. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 194

Аз ин рӯ, давлат яке аз унсурҳои муҳимтарини омили субъективиест, ки ба равиши забон таъсири бузург гузошта метавонад. Зеро забон яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ба шумор рафта, масъалаи сохтмони забон ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлат дар ҳар давру замон қарор мегирад. Бинобар ин, сиёсати забон ба сиёсати дохилии давлат ва сарвари он сахт алоқамандӣ дорад. Агар давлат ва роҳбари он ба масъали забон аз диди манфиати миллӣ ва аломати муҳимми фарҳанг назар кунанд, эътибори забон дар ҷомеа ба маротиб меафзояд. Хусусан, агар давлат соҳибихтиёр ва миллӣ бошад, забон истиқлолияти онро комилтар мегардонад. Бесабаб нест, ки дар солҳои 40 - 50 - уми асри гузашта мамлакатҳои Осиё ва Африко баробари ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ забони мардуми худро давлатӣ эълон намуданд. Аз ҷумла, дар Ветнам зебони ветнамӣ, дар Индонезия забони индонезӣ ба чунин мақом соҳиб шуданд. Дар Ҳиндустон, ки дар он ҷо вазъияти забонӣ мураккабтар аст, забони ҳиндӣ дар баробари англисӣ давлатӣ гардид.

Сиёсати давлат дар кадом шакле зоҳир шавад, чораву тадбирҳои давлат дар бобати забон ҳам дар мувофиқат бо он сурат мегиранд. Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ дар ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳам масъалаи гузаронидани Инқилоби фарҳангӣ ва саросар саводноккунонии аҳолӣ ҳамчун яке аз тадбирҳои муҳимми сиёсати давлат ва ҳизби коммунист қарор гирифт. Дар ин замина, масъалаи табдили алифбо аз арабӣ ба лотинӣ ба миён омад. Ин тадбир дар роҳи маҳви бесаводӣ ва гузаронидани ба истилоҳ "инқилоби фарҳангӣ" то андозае мусоидат карда бошад ҳам, заминаи асосии рушди забонро, ки ба забони адабиёти классикии зиёда аз ҳазорсолаи форсу тоҷик вобаста мебошад, заиф кард. Забон аз сарвати гузашта ва асл бебаҳра монд.

Хулоса. Вобаста ба хусусиятҳои таърихию сиёсии сиёсати забонӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа гуфтан мумкин аст, ки миллати тоҷик баробари ба даст овардани истиқлолият дар рушди мақому манзалати забони

давлатӣ корҳои зиёдеро ба анҷон расонид. Зеро истиқлолият шароит фароҳам овард, то ки тоҷикон озодона «қадам гузоранду» арзишҳои гаронбаҳои худро бо шакли нав муаррифӣ намоянд. Забони тоҷикӣ низ дар ин давра инкишофи бемайлонро соҳиб гардид. Аз ҷониби Ҳукумати нави Тоҷикистон сиёсати оқилонае пеш гирифта шуд, ки ба рушди забон мусоидат намуд. Сиёсати забони давлатӣ ин сиёсате мебошад, ки барои пуштибонӣ аз забони давлатӣ, рушд ва такомули забон дар алоқамандӣ бо идеологияи давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Омӯхтану аз худ намудани таърихи сиёсии забони тоҷикӣ барои ҳар як фарди кишвар басо аҳаммиятнок мебошад. Зеро бе донистани таъриху тамаддуни забон рушди минбаъдаи он ғайриимкон аст. Чуноне ки қайд намудем, Истиқлолияти сиёсӣ барои рушди мибаъдаи забони тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам овард. Пас, забон асоси рушду нумуи сиёсати замони соҳибистиқлолӣ ва дурнамои пешрафти миллати тоҷик мебошад.

# БОБИ II. ҲАДАФҲО ВА САМТҲОИ ИНКИШОФИ СИЁСАТИ ЗАБОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Хусусиятҳои сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон ва масъалаҳои технологияи сиёсии татбиқи онҳо

Забон як падидаи иҷтимоӣ аст, ки бо тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсон алоқаманд аст, он на танҳо воситаи муошират, балки системаи маъно, захираи гуногунии донишҳои ҷамъшуда, таҷрибаи ҳаёт, урфу одатҳои ҷомеаи этникӣ - миллӣ мебошад, ки онро ҳифз ва ба наслҳои оянда мерос гузоштан вазифаи ҳар як шаҳрванд аст.[1] Забон аз бисёр ҷиҳатҳо ҳамчун воситаи сиёсат амал мекунад, махсусан, аз ҷиҳати идеологияи риторикӣ, муттаҳидсозӣ ва ташаккул дар заминаи он ҳамчун як субъекти раванди сиёсӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, забон берун аз сиёсат буда наметавонад ва аксар вақт ҳамчун объекти таъсиррасон ба сиёсат ба назар мерасад. Бо ишора ба нақши махсуси забон дар сиёсат, муҳаққиқ Луманн Н. менависад, ки «дилхоҳ сиёсат – ин на кам ва на зиёд аз муошират аст ва танҳо ба воситаи муошират он метавонад чун худаш дигаронро ба гумроҳӣ барад».[2]

Ҳангоми баррасии моделҳо, стратегияҳо, тактика ва усулҳои татбиқи сиёсати забон, ба назар гирифтан зарур аст, ки масъалаи мансубияти забон бо шинохти этникӣ, фарҳангӣ ва минтақавии шаҳрвандон ва дар баъзе ҳолатҳо аз дидгоҳи динӣ, иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии одамон робитаи ногусастанӣ дорад.

Пеш аз оне ки мо равандҳои забониро дар Тоҷикистон таҳлил намоем, бояд равандҳои сиёсии муосирро дар Тоҷикистон дарк намоем.

Дар охири асри XX ва аввали асри XXI дар миқёси ҷаҳонӣ, дигаргуниҳои сиёсии дорои аҳаммияти давраӣ, ки бо пошхӯрии системаҳои авторитарӣ, тоталитарӣ ва раванди демократикунонии ҷомеаро доштанд, сурат гирифт, ки характери глобалиро касб намуд. Ин тағйиротҳо дар Амрикои Лотинӣ, Аврупои Шарқӣ ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ рух додаанд.

---

[1]Ниг.: Ачкасов, В. А. Язык как инструмент «строительства нации»: [Текст] постсоветский контекст / В. А. Ачкасов. // Политическая наука. М.: 2011. - № 1: Этничность и политика. – С. 204.

[2] Юдина, Т. В. Теория общественно-политической речи [Текст] / Т. В. Юдина – М.: Изд-во Моск. ун-та, 2001. – С.31.

Ҳамин тариқ, дар даҳ соли охир дар ин кишварҳо тағироти назаррас ба амал омада, кӯшиш карданд, ки ҳолати сифатан нави муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дар навбати аввал ҳаёти сиёсии ҷомеаро фаро мегирад, таъмин карда шаванд. Тавре ки таҷрибаи амалӣ нишон дод, натиҷаи чунин дигаргуниҳо гуногун буданд. Баъзе кишварҳо давраи гузаришро зуд ва бемонеа паси сар намуданд, аммо баъзе дигар кишварҳо бо мушкилоти ҷиддӣ дучор шуданд.

Аз ин рӯ, дарк ва баррасии равандҳои сиёсӣ ва забонии давраи гузариш дар ҷомеа аҳаммияти муҳимми илмӣ касб менамояд. Дар раванди давраи гузариши сиёсӣ зарурати дарки мутобиқшавии сиёсӣ мавҷуд аст, ки бо тағйири пояҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодии ҷомеа ва вазъи бӯ,жюҳронӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Устувории низоми сиёсӣ, нигаҳдории тамомияти ҷомеа аз таҳия ва қабули меъёрҳои муайян, арзишҳо ва моделҳои рафтори сиёсӣ аз ҷониби одамон вобаста аст.

Солҳои аввали баъди ба даст овардани истиқлолият нишон медиҳанд, ки бесуботии ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии Тоҷикистон асосан бо хусусияти ноустувори муносибатҳои сиёсӣ алоқаманд буданд. Роҳи душвори ба даст овардани истиқлолият ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ки дар он кишвар дар заминаи қувваҳои душманонаи дохилӣ ва хориҷӣ қарор гирифта, ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ зарари ҷиддӣ расонидааст, фалаҷ шудани мақомоти давлатӣ ва қонунвайронкунӣ дар давраи гузариш таҳқиқоти илмиро талаб мекунад.

Аз таҳлили равандҳои сиёсии Тоҷикистон дар давраи ба даст овардани Истиқлолияти сиёсӣ маълум мегардад, ки аввалин кӯшишҳо дар он давра, пеш аз ҳама, дар масъалаи забони давлатӣ буд. Яъне, муайян намудани мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ аҳаммияти хоса дошт.

Нақши забони тоҷикӣ дар ҳаёти халқи тоҷик бағоят назаррас мебошад:

- забон ва таърихи халқ бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд, бахусус таърихи қадимаи халқи мо аз руйи далелҳои забонӣ маънидод карда мешавад;
- забони тоҷикӣ василаи маҳфуз доштани мероси гаронбаҳои маънавии беш аз ҳазорсолаи халқи тоҷик аст;
- забони тоҷикӣ дар таърихи тулонӣ дар муборизаҳо бо аҷнабиён ҳамеша муттаҳидгари халқи тоҷик буд;
- дар забони модари ҳофизаи халқ, ҷаҳони маънавӣ меъёрҳои ахлоқии халқи тоҷик нигоҳ дошта шудааст;
- забони модарӣ яке аз чаҳор аломати шинохти миллат мебошад.

Забони тоҷикӣ ҳамчун омили муҳимми пойдории миллат ва давлатдории миллӣ аз ҷониби давлат ҳимоя ва нигаҳдорӣ мешавад. Аз ин рӯ, сиёсати давлат дар бораи забон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири сиёсати давлатӣ дар таъмини рушди бомароми забони давлатӣ ва забонҳои дигари ҷумҳурӣ равона шудааст. Забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси забони муошират байни миллатҳо ва халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ низ истифода мешавад. Ин забон дар муносибатҳои расмии шифоҳӣ ва хаттӣ, дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, судӣ, дар соҳаҳои илму маориф, техника, технология, фарҳанг, воситаҳои ахбори омма, иттилоот ва бахшҳои дигари коммуникатсия истифода мешавад.

Бояд гуфт, ки сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои махсуси худро доро мебошад. Аслан, сиёсати давлатӣ чи гунае ки бошад, сиёсати забон низ дар алоқамандӣ бо он сурат мегирад. Забони ҳар давлат инъикосгари ҳувияти миллат мебошад. Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, забони тоҷикӣ забони бузурге мебошад, ки дорои таърихи бою ғанӣ аст. Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ба масъалаҳои забон

диққати хоса зоҳир менамоянд. Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ сиёсати забон дар ҷумҳурӣ боз ҳам инкишоф ёфт.

Масъалаи забон ҳамеша ба сиёсати давлатдорӣ дар робита қарор дошт, барои пешбурди сиёсати забон силсилаи қонуну қарорҳо, тадбирҳо андешида шуданд, кумита ва комиссияҳои кориву назоратӣ ташкил карда шуданд. Заминаҳои бунёдии роҳи ташаккули сиёсати забон – боло гирифтани ифтихори миллӣ, бархӯрди андешаҳои зиёиёни пешқадам, коркарди тадбирҳои старатегии давлатӣ, ташкили силсилаи чорабиниҳои давлат оид ба таҳкими пояҳои иҷтимоӣ ва рушди забон, ҳамчунин роҳу василаҳои гуногуни ба амал баровардани ин тадбирҳо мебошад.

Муҳимтарин ҳуҷҷате, ки дар асоси он фаъолияти забон ба роҳ монда шуд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забон” мебошад, ки онро Иҷлосияи даҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон 22 июли соли 1989 қабул карда буд. Дар қонуни забон 8 бобу 37 модда мавқеи забони тоҷикӣ ва забонҳои дигар, ки дар қаламрави Тоҷикистон амал мекунанд, муайян карда шудааст. Қонун як забон – тоҷикиро забони давлатӣ эълон дошт. Чунончи дар моддаи 1 омадааст: «Забони давлатии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон забони тоҷикӣ (форсӣ) мебошад».[1] Аввалин татбиқи қонун ин буд, ки коргузории мақомоти ҳокимият, идораҳои давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба забони давлатӣ сурат бигирад.

Қабули Қонуни забон ҳанӯз як тарафи масъала аст, вале татбиқи он тарафи дуюм ва ба карат душвори масъала ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дере нагузашта, 11 августи соли 1989 таҳти рақами 142 «Тадбирҳо оид ба иҷрои Қонуни забони РСС Тоҷикистон» - ро интишор карда, барои татбиқи он дар амал комиссияҳо ҷамъиятӣ таъсис дод. Дар «Тадбирҳо» вазифаҳои комиҷроияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, вазорати маориф, маданият, хидмати маишӣ, Госплан, Госснаб, Кумитаи давлатӣ оид

[1] Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989 [Матн] // Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – 1989. – №15. – моддаи 102.

ба нашриёт ва савдои китоб, сарварони корхонаву муассисаҳо бо зикри муҳлати иҷро гузориш дошт.

«Тадбирҳо» дастури барномавӣ буд, вале дере нагузашта дар кишварамон ҷанги шаҳравандӣ сар зада, имкон надод, ки барнома пурра амалӣ гардад. Гузашта аз ин иддае аз ашхоси кӯтоҳназар буҳрони иқтисодии давраи гузаришро ба масъалаи аз Тоҷикистон фирор кардани мутахассисони русзабон вобаста карданд.

Дар идораҳои давлатӣ, корхонаву муассисаҳо барои омӯзиши забони тоҷикӣ курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ ташкил карда шуданд, ки барномаҳои он бо усули дар муқоиса бо забони модарии муҳассилин омӯхтани забони давлатӣ асос ёфта буд, ки ба такмили забони модарии ғайритоҷикзабонон муфид буд.

Азбаски Қонуни забон дар марҳилаи ноком монд, корҳои анҷомдоданашуда дар марҳилаи дуюм бояд идома меёфтанд. Ин буд, ки Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади эҳёи ҷараёни татбиқи Қонуни забон боз ба чораҳои маъмурӣ даст зад ва табиист, ки онҳо бо ҳидояту некназарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун раиси Ҳукумат сурат мегирифтанд. Яке аз онҳо Таъсиси Комиссияи татбиқи Қонуни забон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 1995, № 662 сурат гирифт.[1] Чунин комиссия дар назди Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҷамъиятӣ дар соли 1990 ҳам таъсис дода шуда буд. Лекин дар солҳои пурошӯби ҷанги шаҳрвандӣ баробари ба нокомӣ мувоҷеҳ гардидан татбиқи Қонуни забон аъзои ин комиссия ҳам пароканда шуданд.

Эҳсос мешуд, ки иҷрои Қонун бе санҷиши пай дар пай ва назорати доимӣ дар ҳоли худ боқӣ мемонад. Бинобар ин дар назди комиссияи навтаъсис дар ҳайати 6 воҳиди бастӣ дастгоҳи кории доимоамалкунанда

[1]Ниг.: Саймиддинов, Д. Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон [Матн] / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – 150 с.

таъсис дода шуд. Вазифаи асосии Комиссия тибқи Низомномааш иборат аз он буд, ки иҷрои Қонуни забонро аз рӯйи 37 моддаи Қонуни забон аз тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ талаб намояд, дар танзими сиёсати забон ба ҳукумат ёрӣ расонад, аз вазъи иҷрои Қонуни забон марҳила ба марҳила ба ҳукумат ҳисобот диҳад. Фаъолияти Комиссияи навтаъсиси забон ба даврае рост омад, ки Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 4 ноябри соли 1995, № 142 муҳлати иҷрои моддаҳои ҷудогонаи Қонуни забонро то январи соли 2000 тамдид намуд. Вобаста ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо қарори худ аз 23 феврали соли 1996, №99 бо қарори номбурдаи Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 августи соли 1989, №142 тағйироти лозима ворид кард. Ҳамин тавр, дар натиҷаи чорабиниҳои фаврӣ ва пай дар пайи маъмурӣ дар татбиқи Қонун марҳилаи дуюми гузариш оғоз ёфт.

Бояд гуфт, ки онҳое, ки муҳлати давраи гузаришро барои 5 ё 6 сол муқаррар кардаанд, масъаларо саҳл пиндошта, мураккабии ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишварро ба назар нагирифта буданд. Дар ин бобат дастандаркорони чумҳуриҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дурандешонатар муносибат карда, давраи гузаришро барои 10-15 сол ва ҳатто аз он ҳам зиёдтар муқаррар карда буданд. Чуноне ки маълум аст, дар ҷумҳуриҳои дигар ҳатто дар чунин муддат ҳам ба мақсад муваффақ нагардидаанд. Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин нишасти матбуотӣ ба саволи рӯзноманигоре доир ба муҳлати татбиқи Қонуни забон посух дода, дурандешона гуфта буданд, ки барои татбиқи Қонуни забон даҳсолаҳо лозим аст. Ҳаминро дар назар дошта сарвари давлат дар мулоқот бо ҷавонон изҳор дошта буданд: «Дар бораи фазои иттилоотию фарҳангӣ сухан ронда, гуфтан мумкин аст, ки вақтҳои охир як идда одамон пайваста барои танг кардани доираи истифодаи забони давлатӣ кӯшиш мекунанд. Вазорату идораҳо ҳанӯз

ҳам ҳуҷҷатҳоро ба забони давлатӣ таҳия накарда, мукотибаи онҳо ҳанӯз ҳам ба забони давлатӣ сурат намегирад».[1]

Таъсиси Комиссияи забон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун чорабинии муҳим ба ҷараёни иҷрои Қонуни забон такони ҷиддие бахшид. Дар як муддати кӯтоҳ дар назди ҳукуматҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, вазорату кумитаҳо ва ҳатто муассисаву корхонаҳои бузург низ чунин комиссияҳо ва ё гурӯҳҳои назоратӣ таъсис ёфтанд. Татбиқи Қонуни забон хусусияти оммавӣ гирифта, дар шаҳру ноҳияҳо корхонаву муассисаҳои аввалине пайдо шуданд, ки коргузории худро пурра ба забони давлатӣ ба роҳ монданд.

Натиҷаи санҷишҳои Комиссияи забон баъди якуним соли фаъолияти он дар яке аз маҷлисҳои Ҳукумат мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори худ аз 2 июни соли 1997, №256 иҷрои Қонуни забонро дар чанде аз мақомот, аз ҷумла, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокуратураи ноҳияи Фрунзеи (ҳоло Сино) шаҳри Душанбе, прокуратураи шаҳри Хуҷанд, ҳукуматҳои ноҳияҳои Нов (ҳоло Спитамен), Ҷаббор Расулов, шаҳрҳои Қайроққум (ҳоло Гулистон) ва Чкаловск (ҳоло Бӯстон) ғайриқаноатбахш арзёбӣ кард. Вале барои он ки рафти иҷрои Қонуни забон аз рӯйи нақшаи муайян давом кунад, зарурати таҳияи барномае ба миён омад, ки он самтҳои асосии такмил ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намояд.

Бинобар он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамон қарори худ аз 31 октябри соли 1995, №662 Комиссия ва дастгоҳи кории онро вазифадор карда буд, ки барои марҳилаи дуюми гузариш то соли 1999 ва баъди он барномае таҳия намояд. Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тавсеа ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави Ҷумҳурии

---

[1]Раҳмонов, Э. Ш. Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонон, 23 майи соли 1997 [Матн] / Э. Ш. Раҳмонов // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. / мураттиб С. Фаттоев. – иборат аз 11 ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.2. (1996, август – 1998, декабр). – С.150.

Тоҷикистон аз тарафи Комиссия тартиб дода шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 1997, №459 ба тасвиб расид.

Дар муқаддимаи Барнома ҳадафи асосии он чунин баён шудааст: «Азбаски ҷумҳурии мо давлати ҳуқуқбунёд аст, дар Конститутсияи (СарҚонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамаҷониба ва истифодаи озодонаи забони модарии ҳамаи бошандагон эътибори ҷидӣ дода шудааст. Вале дар шароити истиқлоли миллӣ зарурате ба миён меояд, ки ҳамаи сокинони ҷумҳурӣ забони халқеро, ки номи ҷумҳурӣ бо он алоқаманд асту мақоми давлатӣ гирифтааст, аз худ кунанд. Мақсади Барнома аз он иборат аст, ки моддаҳои Қонуни забони ҷумҳурӣ пайгирона дар амал татбиқ гардида, тавассути тадбирҳои мушаххас дар таҳкими муносибатҳои забонӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад».[1]

Барнома бо мақсади ноил шудан ба ин ҳадаф дар назди мақомоти давлатӣ вазифаҳои муайян гузоштааст, ки иҷрои онҳо метавонад густариши забони давлатиро дар тамоми ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии мардуми ҷумҳурӣ таъмин намуда, барои инкишофи забонҳои дигар имкониятҳои мусоид фароҳам оварад, зеро ба қавли Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Имрӯз забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ қабул шуда бошад ҳам, истифодаи забонҳои дигар маҳдуд карда намешавад»[2].

Тадбирҳое, ки дар Барнома пешбинӣ шудаанд, шароит ва таҳқиқи забони давлатӣ, муайян намудани асосҳои илмию усули омӯзиши он дар ҳама навъҳои мактаб, муассисаҳои томактабӣ ва коллективҳои меҳнатӣ тадвину танзими фарҳангҳои дузабонию чандзабонӣ, тафсирӣ, лаҳҷавӣ, соҳавӣ (истилоҳот), нашри китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, табъу

---

[1]Ниг.:Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 1997, № 459 "Дар бораи Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тавсиа ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон" [Маводи электронӣ] // Бонки маркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия".

[2]Раҳмонов, Э. Суханронӣ ҳангоми вохӯрӣ бо ҷавонони лаёқатманд (16 майи соли 1998) [Матн] / Э. Ш. Раҳмонов // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. / мураттиб С. Фаттоев. – иборат аз 11 ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.2. (1996, август – 1998, декабр). – С.287.

нашри адабиёти илмию бадеӣ ба забонҳое, ки дар ҷумҳурӣ амал мекунанд, тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ, боло бурдани маданияти нутқ ва ғайраҳо барин масъалаҳоро дар бар мегиранд.

Бо назардошти пеш омадани зарурият баъдан Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2012 тасдиқ гардид, ки дар он 6 самти афзалиятноки пешбурди забони давлатӣ тарҳрезӣ шуда, ҷиҳати татбиқи он аз тамоми имконият истифода шуда, корҳои назаррасе анҷом ёфтаанд.

Бо вуҷуди ин, масъалаи рушди забон яке аз масоили мубрам дар ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад. Ҷаҳонишавии ҷомеаи имрӯза мушкилоти забонро кам намекунад, баръакс, моро водор месозад, ки ба масъалаи забон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоем ва ҳамчун рукни давлатдорӣ барои мустаҳкам будани пояҳои он муташаккилона кор кунем. Бо дарки муҳим будани масъалаҳои марбут ба забон Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, ки он барои пешбурди кори забон дар даҳ соли оянда заминаи боэътимод мегузорад. Ин Барнома ҷомеаи Тоҷикистон ва тамоми сохторҳои давлатию ғайридавлатиро водор менамояд, ки ба масъалаи забон аҳаммияти хос зоҳир намоянд.

Барномаи мазкур ҳадаф, вазифа, самтҳои асосӣ, усулҳои татбиқ ва натиҷаҳои ниҳоии амалисозии сиёсати давлатиро оид ба забон муайян намуда, муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро татбиқ намуда, ба ташаккули забони илм, рушди истилоҳоти тахассусӣ, таҳияи дастурҳо, эҳёи номҳои миллӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ мусоидат менамояд. Дар баробари ин, Барнома ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои сиёсати давлатӣ оид ба забон равона шуда, барои рушду густариш ва баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ нақши муҳим дошта, бобати инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ,

фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меорад.

Дар Барнома сиёсати давлатӣ оид ба забони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои байналмилалии баробарии забонҳо муайян гардида, дар ташаккули худшиносӣ, худогоҳии шаҳрвандон, боло бурдани ҳисси ватандӯстӣ ва рушди ҷаҳонбинии сиёсиву фарҳангии аҳли ҷомеа аҳаммияти махсус медиҳад.[1]

Ба ҳайси ҳуҷҷати расмии давлатӣ Барнома роҳҳои асосии ҳалли масъалаҳои муҳимми забониро муайян сохтаву дурнамои самти татбиқи забони давлатӣ маҳсуб ёфта, ҷиҳати таъмини маводди илмию таълимӣ ва лексикографӣ ва дар ин замина таҳия ва нашри фарҳангномаҳо, муҳовараҳо ва дастурҳои таълимиро зарур мешуморад, ки бо бознигарӣ манзури ҷомеа карда шаванд.

Иқдоми навбатии Ҳукумат дар масъалаи сохтмони забон тасдиқи таҳриру такмили нави Имлои забони тоҷикӣ гардид, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1998, №355 сурат гирифтааст.[2] Қарори мазкур бо лоиҳае, ки аз тарафи кормандони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, гурӯҳи кории таъсисдодаи Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон онро такмил дод, ҳукми қонунӣ бахшид.

Имлои забони тоҷикӣ, ки аз соли 1940 бо хатти кириллиасос мавриди истифода қарор дорад, чанд маротиба тағйиру такмил ёфтааст. Сабаби ҳар як тағйиру такмил бо талаби рӯз мувофиқат накардани имло мебошад. Баъди тасдиқи тағйиру иловаҳои соли 1972 дар сиёсат ва раванди забон

---

[1]Ниг.: Маҳмадҷонзода, О. Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 тасдиқ гардид, ки дар баланд бардоштани мақоми забони тоҷикӣ нақши муҳим хоҳад дошт 08 январи соли 2021 [Маводи электронӣ] / Агентии Миллии Иттилоотии Тоҷикистон “Ховар”. – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2021/01/barnomai-rushdi-zaboni-davlat-baroi-sol-oi-2020-2030-tasdi-gardid-ki-dar-baland-bardoshtani-ma-omi-zaboni-to-ik-na-shi-mu-im-ho-ad-dosht/

[2]Ниг.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №458 “Дар бораи тасдиқи “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” [Маводи электронӣ] // Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрас: http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/koidakhoi-imloi-zaboni-tochiki

дигаргуниҳои зиёд ба амал омаданд. Хусусан, давраи бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ барои ходимони матбуот имконият фароҳам овард, ки дар истифодаи имло озодии мутлақро ихтиёр кунанд. Дар натиҷа, дар имло хараҷу мараҷ ба вуҷуд омад. Агарчи қисми беназмиҳо дар заминаи худсариҳои ходимони матбуот рух дода бошад ҳам, қисми дигар, дар ҳақиқат, дар натиҷаи ба талаботи рӯз мусоидат накардани қоидаҳо сар зад. Ин ҳолат зарурати тачдиди назар кардани имлои онвақтаро ба миён овард. Ин буд, ки дар Институти забон ва адабиёти АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи махсуси имло таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он олимони варзида дохил гардиданд.

Комиссия баъди анҷоми таҳриру такмил ва ворид кардани тағйирот Имлоро барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисгон пешниҳод намуд. Ҳукумат Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор кард, ки муҳокимаи лоиҳаи таҳриру такмили нави Имлоро созмон диҳад. Лоиҳа дар охири соли 1996 дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум» ва «Омӯзгор» ба табъ расид. Ба нишонии КТҚЗ зиёда аз 70 мактуб ворид гардид, ки дар онҳо фикру мулоҳизот ва пешниҳодҳои гуногун баён мешуданд. Илова бар ин, дар рӯзномаву маҷаллаҳо боз даҳҳо мақола дар ин мавзуъ чоп шуданд. КТҚЗ бо мақсади омӯхтан ва ҷамъбаст кардани фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои гурӯҳи корие созмон дод. Гурӯҳи корӣ дар давоми зиёда аз як сол фикру мулоҳизаҳои мардумро, ки тариқи мақола, суҳбатҳои радиою телевизионӣ ва мактубҳо баён шуда буданд, ҷамъбаст карда, матни ниҳоии таҳриру такмили нави Имлои забони тоҷикиро барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидани имло чунин маънӣ дорад, ки он дорои аҳаммияти умумидавлатӣ мебошад.

Маълум аст, ки дар тӯли солҳои зиёд давлату ҳукумат бевосита ё бавосита ба масъалаи забон борҳо таваҷҷуҳ кардаанд. Махсусан, дар солҳои 20-30 қарни гузашта масъалаи сиёсат ва сохтмони забон дар маркази диққати

доираҳои давлатӣ ва аҳли зиё қарор гирифта буд. Табдили алифбо аз арабиасос ба лотинӣ ва баъд аз лотинӣ ба кириллӣ, муайян кардани самти инкишфои забони адабӣ, танзими истилоҳот ва ғайра масъалаҳое буданд, ки натиҷаи онҳо бо қарору ҳалли масъалаҳои марбут расмӣ кунонида мешуданд. Вале баъдҳо маълум шуд, ки он чораву тадбирҳо, ки дар чорчӯбаи сиёсати онвақта сурат мегирифтанд, на фақат ба рушди забон мусоидат накарданд, балки забонро болу парканда намуданд, онро аз гузаштаи худ то андозае ҷудо сохтанд.

Баъзе қарорҳои воқеан ояндабину ғамхоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар руйи қоғаз монданд ва нидои сарварони онвақтаи ҷумҳурӣ, мисли Қаҳрамони Тоҷикистон Шириншоҳ Шоҳтемур, ки ба ҳимояи забон баланд гардида буд, дар паси пардаи сиёсати давр пахш гардид. Вале чораву тадбирҳое, ки имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди забон меандешад, забони тоҷикиро рушд дода, мақоми онро дар пояи забони давлатӣ устувор мегардонанд.

Қонуни забон баррасии як қатор масъалаҳои илмиро, ба монанди таҳқиқи Қонуниятҳои инкишофи забони давлатӣ дар шароити истиқлолияти миллӣ, муносибати давлат ва забон, равобити забони давлатӣ (тоҷикӣ) бо забонҳои дигар (русӣ, форсӣ ва ғайра) ба миён гузошт.

Бамаврид аст, зикр намоем, ки вобаста ба вазъи тағйирпазири ҷомеа дар назди давлату ҷомеа вазифаҳои нав ба нав гузошта мешаванд. Ин буд, ки Сарвари давлат зарурати қабули Қонуни нави забонро ба миён гузошт, ки он таълиф гашт ва пас аз муҳокимаву таҳрир 3 октябри соли 2009 дар Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Ин ҳуҷҷати муҳимми давлатиро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад, бояд Қонуни комилан нав ҳисобид. Қонуни мазкур ба мисли пештара на ба ҳамаи забонҳои роиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, балки он вазъи ҳуқуқӣ ва истифодаи танҳо

забони тоҷикӣ (давлатӣ)-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин менамояд. Дар Қонуни мазкур ба ҷуз забони давлатӣ ва дар як маврид забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) ва яғнобӣ дигар забонҳо ном бурда нашудаанд. Аз ҷумла, моддае, ки дар Қонуни пештара нисбати забони русӣ вуҷуд дошт ва забони русиро «забони муошират байни халқҳо дар ҳудуди Тоҷикистон» эълон медошт, тағйир ёфтааст.

Як гурӯҳи мухолифон иддао намуданд, ки гӯё ҷониби Тоҷикистон дар Қонуни нав ба маҳдуд кардани амали забони русӣ пардохтааст. Онҳо нодида мегиранд, ки дар Қонуни нав сухан танҳо дар бораи забони давлатии ҶТ меравад, аз ҷониби дигар, дар банди алоҳидаи моддаи 4-и Қонун таъкид шудааст, ки «Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд».[1] Ҳамчунин, дар моддаҳои 8 - Забони таҳсил, 10 - Забони илм, 11 - Забони чорабиниҳои фарҳангӣ, 12 - Забони воситаҳои ахбори омма, 13 - Забони эълону рекламаҳо омадааст, ки дар ҳамаи ин мавридҳо истифодаи забонҳои дигар иҷозат дода мешавад. Каҷназарӣ ё ба ибораи дигар, таҳрифи иғвогаронаи мазмуни Қонуни нави забони давлатии ҶТ ба халқи рус, ба хусус, сарвар ва сиёсатмадорони Россия бетаъсир намонд.

Аз ин рӯ, ба Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон лозим омад, ки дар чанде аз марказҳои илмию фарҳангии он давлати абарқудрат ба асли масъала равшанӣ андозанд. Муҳтавои сухани Президенти Тоҷикистон иборат аз он буд, ки он кас ҳанӯз дар соли 2008 ба муносибати Рӯзи забон чунин иброз дошта буд: «Дар бораи забони давлатӣ сухан ронда, мо ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳем, ки ба забонҳои миллатҳои дигари ҳамватанамон беэътиноӣ сурат гирад. Баръакс, мо ба забон, фарҳанг, мактабҳои миллатҳои бародари худ

[1]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 05.10.2009 №553 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – № 9-10 – моддаи 546.

эҳтиром дорем ва ҳамеша ғамхорӣ хоҳем кард, зеро бо онҳо тақдири мо, ватани мо, ифтихори мо муштарак мебошад»[1].

Қонуни нав ба рушди забони давлатӣ дар қаламрави Тоҷикистон нигаронида шудааст. Он вазифаҳои навбатии давлат ва ҷомеаро муайян месозад. Истифодаи васеи забони давлатӣ дар соҳаи технология, компютеркунонӣ, интернет, такмили таълими забони давлатӣ дар гурӯҳҳои тоҷикию ғайритоҷикии мактабҳои миёнаву олӣ, тарбияи ифтихори миллӣ аз забони модарӣ, баланд бардоштани фарҳанги суханварӣ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи қоидаву Қонунҳои забони давлатӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми навбатӣ маҳсуб меёбанд.

Аз ин ҷост, ки барои татбиқи Қонуни нав аз мақомоти давлатӣ сар карда то муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ тадбирҳои мушаххас андешида шуданд ва дар марҳилаи иҷро қарор доранд. Таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳот дар назди мақомоти иҷроияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо воҳидҳои корӣ аз далелҳои равшани ғамхории сарвари давлат дар рушду нумуи забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Агар ба таҷрибаи таърихии Қонуни забони ҷумҳурӣ назар намоем, маълум мегардад, ки ин Қонун минбаъд барои халқҳое, ки ба роҳи истиқлолият ворид мешаванд, ибратомӯз мебошад:

1. Муҳаққиқон таҷрибаи таърихии забони тоҷикиро мавриди таҳқиқ қарор дода, аз як тараф, онро ҳамчун намуна барои халқҳои дигари пешниҳод менамоянд ва аз тарафи дигар, ба ҳамин восита бузургию азамати ин забони қадимаро муаррифӣ менамоянд.

2. Забони давлатӣ бояд заминаи аҷдодӣ дошта бошад. Он дар амиқбурди таърихи миллат мусоидат ва чун яке аз аломатҳои шинохти миллат хидмат намояд. Таҷрибаи таърихи ташкили ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри гузашта низ зарурати ин омилро собит намуд.

---

[1]Раҳмон, Э. Ба забони модарӣ чун ба модар арҷ гузорем. Суханронӣ ба муносибти рӯзи забон, 24 июли соли 2008 [Матн] / Э. Раҳмон. // Ҷумҳурият. - 2008. 24 июл. - №89 (21 446).

3. Забони давлатӣ бояд забони модарии бузургони миллат: олимон, шоирон, нависандагон, санъаткорон, сиёсатмадорон бошад. Онҳо соҳибу бонии забону халқу миллати худ мебошанд. Ба хусус адибон, ки устодони сухан ба шумор меоянд, забони халқро меомӯзанд, онро софкориҳо карда, ба меъёр даровварда, дар ташаккул ва ғаномадии забони адабии миллати худ пайваста дар хидматанд.

4. Дар забони давлатӣ бояд рӯҳи миллӣ эҳсос гардад. Дар истифодаи рамзҳо, маҷозҳо, ташбеҳҳо, истиораҳо, дар калимасозӣ, калимабандӣ ва оҳанги гуфтор табиати хоси забони миллӣ риоя шавад.

5. Забони давлатӣ бояд дорои шохаҳои услубии халқиасос бошад, ки муҳимтаринаш услубҳои адабии китобӣ, халқии гуфтугӯӣ ва шевагӣ ба шумор меравад. Моҳияти услуби адабии китобиро забони адабиёти классикӣ ташкил менамояд, асоси услуби гуфтугӯӣ ва шевагӣ бар забони халқ асг. Забони давлатӣ аз ин ду сарчашма ҳамеша шодоб гардида меистад. Ғановати забон ба сарчашмаҳои дигар низ алоқаманд аст, вале сарчашмаҳои мазкур ҷанбаи миллии забони адабиро фароҳам меоранд.

6. Забони давлатӣ воситаи инкишофи шуур ва тафаккури миллӣ мебошад. Ин аз нахустин вазифаи забони модарӣ маҳсуб меёбад. Шуур ва тафаккури инсон тавассути забон шакл мегирад ва вусъат мепазирад. Ба ибораи дигар, забон аломатҳои зоҳирӣ, ҷиҳати моддии шуур ва тафаккур ба шумор меравад. [1]

Таъкид бояд кард, ки саҳми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули сиёсати забон ниҳоят бузург аст. Зикри мақоми бузурги забон дар таърихи халқи тоҷик, Қонуниятҳои умумии инкишофи забон дар марҳилаи ҳозира, тадбирҳои беҳтар кардани таълими забонҳо ва бисёр масъалаҳои дигар дар гуфтаи зерини сарвари давлат равшан ифода ёфтааст: «Истиқлолият бо забон робитаи бевосита дорад. Инкишофу рушди забон нишондиҳандаи пешрафт ва комёбиҳои миллат ва давлат аст. Забони тоҷикӣ,

[1]Ниг.: Абдуқодиров, А. Пешвои миллат ва ташаккули сиёсати забон дар Тоҷикистон [Матн] / А. Абдуқодиров. // Пешвои миллат ва сиёсати забон. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С.175.

ки аз шевотарин, ғанитарин ва қадимтарин забонҳост, моро на танҳо бо кишварҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанг мепайвандад, балки оинаи таърих ва давлатдории мо мебошад”.[1]

Таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати сиёсати давлатии забон барои аксари кишварҳо намунаи хубе маҳсуб меёбад. Давлат бояд ғамхори забон бошад. Ғамхорӣ нисбат ба забон эҳтиром ва арҷгузорӣ ба гузаштаи таърихӣ, фарҳангӣ ва неруҳои ақлонии миллат ба шумор меравад. Воқеан, агар чунин намебуд, мо имрӯз аз амирони Сомонӣ бо ифтихор ёд намекардем, онҳоро поягузорони аввалин давлати тоҷикон намехондем.

Албатта, масъалаи сиёсат дар самти забон он вақт дар асоси кадом чораву тадбирҳо танзим мешуд, барои мо имрӯз чандон равшан нест. Аммо он чиз аён аст, ки маҳз, ғурури миллӣ ва рӯҳияи хештаншиносии амирони Сомонӣ боис гардид, ки истиклолияти комили забони тоҷикӣ ё, чунон ки он вақт мегуфтанд, забони «порсии дарӣ» таъмин гардад, забони порсии дарӣ ба пояи баланди давлатдорӣ, сиёсат, дипломатия ва илму адаби оламгир гузошта шавад. Ин поя ба дараҷае устувор ва пойдор гузошта шуда буд, ки дар давоми ҳазор сол зимоми давлатдорӣ дар дасти аҷнабиён ва намояндагони қавмҳои турк қарор дошта бошад ҳам, касе онро халалдор карда натавонист. Балки тавассути ҳамин зимомдорон ҳатто ба кишварҳои дигар, аз ҷумла ба Ҳиндустон нуфуз карда, забони давлатдорӣ ва мактабҳои адабию фарҳангӣ қарор гирифт.

Баъди Инқилоби Октябр ва пас аз ташкили ҷумҳуриятҳои иттифоқӣ масъалаи сиёсати забон ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсию иҷтимоӣ ба миён омад. Таъсиси Ҷумҳурияти Мухтори Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон дар соли 1924 ва баъд табдили он ба Ҷумҳурияти Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1929 ба бунёди давлати миллии

---

[1]Раҳмон, Э. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 15-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ. (8 сентябри соли 2006) [Матн] / Э. Раҳмон // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / мураттиб С. Фаттоев. – иборат аз 11 ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 2007. – Ҷ.7. (2006, май – 2007, апрел). – С. 203.

тоҷикон замина гузошт. Забони тоҷикӣ дар ин ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистон на дар шароити тасарруфи аҷнабиён ва қавмҳои бегона, балки акнун дар сурати зимомдории бевоситаи намояндагони худӣ ба мақоми давлатӣ соҳиб шуд. Дар солҳои бистум ва сиюми асри гузашта ин имтиёз дар коргузории идораҳои давлатӣ ҳадалимкон риоя мешуд ва дар ҳоли зарурат тарҷума таъмин мегардид. Барои мисол, Комиҷроияи шаҳри Конибодом 7 майи соли 1925, сарфи назар аз он ки ин шаҳр он вақт аз ҷиҳати маъмурӣ ба ҳайати вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон шомил буд, «Дар бораи ба забони тоҷикӣ бурдани корҳои идораю ташкилотҳо ва мактабҳо» қарор қабул карда буд.

Дарвоқеъ, чунин ташаббус на танҳо дар шаҳру ноҳияҳо зоҳир мешуд, балки он аксаран аз мақомоти олии давлатӣ сар мезад. Бесабаб нест, ки ҳанӯз ҳангоми дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Узбекистон ҳамчун Ҷумҳурии Мухтор қарор доштани Тоҷикистон Кумитаи Иҷроияи Марказии Шӯроҳо ва Шӯрои Комиссариати Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон 30 январи соли 1929 «Дар бораи тоҷикикунонии дастгоҳи давлатӣ» қароре қабул карда буданд, ки он аз 15 банд иборат буда, ба тавсеаву густариши забони тоҷикӣ дар корҳои давлатдорӣ бахшида шуда буд.

Дар муқаддимаи қарор омадааст: «Сарфи назар аз як силсила қарорҳои Ҳукумат масъалаи милликунонии (тоҷикикунонии) дастгоҳи давлатӣ, коргузорӣ, омӯзонидани забон ба кормандони миллатҳои европоӣ ниҳоят суст ва гайрқаноатбахш давом мекунад». Махсусан, банди 8 қарори мазкур ҷолиб аст, ки гуфта шудааст: «Аз 1 октябри соли 1930 шахсоне, ки забони тоҷикиро намедонанд (ба истисnoи мутахассисони варзида), барои хизмат ба дастгоҳҳои давлатӣ, хоҷагӣ ва муассисаҳои ҷамъиятӣ қабул карда нашаванд». Ин гуна чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои сиюм такрор шуда бошанд ҳам, мутаассифона, бенатиҷа монданд. Забони тоҷикӣ

дар таърихи зиёда аз ҳазорсолаи худ бори нахуст дар мактабҳо ҳамчун фанни омӯзишӣ ҷорӣ гардид.

Сиёсати давлат дар кадом шакле зоҳир шавад, чораву тадбирҳои давлат дар бобати забон ҳам бо он мувофиқ сурат мегиранд. Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ дар ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳам масъалаи гузаронидани инқилоби фарҳангӣ ва саросар саводноккунии аҳолӣ ҳамчун яке аз тадбирҳои муҳимми сиёсати давлат ва ҳизби коммунист қарор гирифт. Дар ин замина масъалаи табдили алифбо аз арабӣ ба лотинӣ ба миён омад. Ин тадбир дар роҳи маҳви бесаводӣ ва гузаронидани ба истилоҳ «инқилоби фарҳангӣ» то андозае мусоидат карда бошад ҳам, заминаи асосии рушди забонро, ки забони адабиёти классикии зиёда аз ҳазорсолаи форсу тоҷик мебошад, заиф кард. Забон аз сарвати гузашта ва асл бебаҳра монд.

Баъдтар, ки «сиёсати ба ҳам наздикшавии миллатҳо» ва «ташаккули халқи советӣ» ба вуҷуд омад, масъалаи табдили навбатии алифбо аз лотинӣ ба кириллӣ матраҳ гардид, ки ин ҳам боз як монеаи дигар дар роҳи рушди забон ба вуҷуд овард. Ҳоло зиёда аз 69 сол аст, ки алифбои кириллиасоси тоҷикӣ дар хизмати мардуми мо қарор дорад, он вобасга ба сиёсати замон чанд маротиба тағйиру такмил ёфт, ки ҳар дафъа бо қарору фармоишҳои давлат тасдиқ ва таъкид гардидааст. Вобастагии сиёсати забон бо сиёсати умумии давлат, дахолати аҳзоби сиёсии ҳукмрон ва маҳзабу дин баъзан боиси ба маҷрои номатлуб ворид шудани забон ҳам мегардад. Ин ҳолатро мо дар мисоли забони тоҷикиамон ҳам дар марҳилаҳои гузашта ва ҳам дар замони шӯравӣ эҳсос намудаем. Чунончи, ба аҳли илм маълум аст, ки фаровон воридшавии калимаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ натиҷаи истилои араб ва қабули дини ислом мебошад.

Забони адабии хаттии форсии дарӣ аз ин ҳисоб дар асрҳои баъдӣ ва махсусан, дар замони истилои муғул рӯ ба мураккабшавӣ ниҳод, аз фасоҳату

содагие, ки дар асрҳои 9-10 ҷой дошт, дур рафт, дар байни забони адабии китобӣ ва гуфтугӯи фосилаи васеъ ба вуҷуд омад.

Чораву тадбирҳои давлат дар роҳи бозсозии забон ду ҷиҳат дорад: агар чунин чораҷӯйиҳо ба зидди манфиатҳои миллӣ андешида шуда бошанд, ба пешрафти забон халал мерасонанд, вале агар онҳо ба манфиатҳои миллӣ мусоидат кунанд, барои рушди забон имкониятҳои васеъ фароҳам меоваранд. Ба ин маънӣ баъзе чораву тадбирҳои давлат барои забон воқеан ҳам сарнавиштсоз воқсъ мегарданд. Қабули Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба хотир меорем, ки 22 июли соли 1989 дар Иҷлосияи даҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта буд. Сабаб чӣ буд, ки ҳанӯз дар даврони шӯравӣ роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурии мо ба ин амали тақдирсоз иқдом кард? Сабаби асосӣ он буд, ки забони тоҷикӣ дар даҳсолаҳои ахири қарни XX дар вазъияти ногувор қарор дошт, доираи истифодаи он дар корҳои ҳизбию давлатдорӣ ниҳоят махдуд гашт, эътибори он дар назари худи соҳибзабонон беш аз пеш коҳиш меёфт.

Табиист, ки чунин вазъияти ногувори забони тоҷикӣ норозигии ахли ҷомеа, хусусан зиёиёнро, ки дар партави ғояҳои бозсозӣ ҷасорат пайдо карда буданд, ба вуҷуд наоварда наметавонисг. Дар ин бора суханони зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 16 майи соли 1998 дар мулокот бо ҷавонони лаёқатманд иброз шуда буданд, рӯҳияи ҳамон солҳоро хеле хуб ифода менамояд: «Истиқлолияти фарҳангии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир аз кӯшишу талошҳои зиёиёни равшанзамир ва аҳли ҷомеа баҳри истиқлолияти забон ва мақоми давлатӣ ёфтани он оғоз ёфт».[1] Вале барои аз вартаи ҳалокат кашидани забон дастгирии давлат лозим буд. Ин ҳолат ҳукуматдорони вақтро водор сохт, ки барои ҳимояи забон чанд чораву тадбирҳо андешанд.

[1]Раҳмонов, Э. Суханронӣ ҳангоми вохӯрӣ бо ҷавонони лаёқатманд (16 майи соли 1998) [Матн] / Э. Ш. Раҳмонов // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. / мураттиб С. Фаттоев. – иборат аз 11 ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.2. (1996, август – 1998, декабр). – С.287.

Ибтидои он қабули қарори якҷояи КМ Ҳизби Коммунисти Точикистон ва Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 1988 №127 «Дар бораи чорабиниҳо дар мавриди такмили омӯзиш ва таълими забони тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ» гардид. Дар муқаддимаи қарор чунин сатрҳо зикр шудаанд: «Забони тоҷикӣ яке аз прсдметҳои асосии таълим дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Мутаассифона, дар таълими он дар мактабҳо, мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ ва ҳамчунон дар баланд бардоштани маданияти нутқи мардум камбудиву нуқсонҳои ҷиддӣ мушоҳида мешаванд».

Бо вуҷуди ин, қарори мазкур ҳарчанд диққати аҳли ҷомеаро ба вазъияти ногувори забони тоҷикӣ ҷалб карда бошад ҳам, мақоми ҳуқуқии онро таъин карда натавонист. Бинобар ин, дар давоми як соли баъдӣ ҳам вазъият тақрибан мисли пештара боқӣ монд. Ин буд, ки қабули Қонуни забон ба забони тоҷикӣ ҳаёти нав бахшид, зеро он акнун дар мақоми забони давлатӣ имтиёз пайдо кард. Тақрибан баъди ду ҳафтаи қабули Қонуни забон Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон бо қарори худаш аз 11 августисоли 1989, № 142 ҳуҷҷатеро бо номи «Тадбирҳо оид ба иҷрои Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расонд, ки он марҳилаи гузаришро барои солҳои 1990-1995 таъйин мекард. Бар асоси ин ҳуҷҷат тамоми мақомоти давлатӣ тадбирҳо ва нақшаҳои чораҷӯйӣ тартиб доданд.

Дар назди Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон комиссияи ҷамъиятии Қонуни забон таъсис дода шуд, ки вазифаи он ёрии амалӣ расонидан ба муассисаву мақомот дар бобати татбиқи Қонуни забон буд. Гумон мерафт, ки акнун барои рушди ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам омад, чунки забон, акнун воқеан ҳам, дар ҳимояи давлат қарор гирифт. Махсусан, бо фаро расидани давраи истиқлолият имконияти бештари ба забон таваҷҷуҳ кардани давлат ба вуҷуд омада буд. Дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ шуъла зад. Давлати тозаистиқлоли тоҷик ба бухрони шадиди

сиёсию иқтисодӣ рӯ ба рӯ омад. Дар чунин вазъият, табиист, ки давлат ба масъалаи сохтмони забон диққати махсус дода наметавонист.

Танҳо баъди нишондани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва фаро расидани сулҳу субот дар кишвар масъалаи забон боз дар ҷумлаи ғамхориҳои давлат қарор гирифт. Дар ин бобат қадами ҷиддӣ таъсиси Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид, ки он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 1995, № 662 сурат гирифт. Дар банди якуми қарор вазифаи Комиссия чунин муайян шудааст: «Бо мақсади иҷрои Конуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини шароити мусоид барои тавсеаи забони давлатӣ ва забонҳои миллӣ, пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи забонҳо ва истилоҳот Комиссияи татбиқи Қонуни забон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода, ҳайати он тасдиқ карда шавад».[1]

Таъсиси қомиссияи махсус ҷиҳати санҷиши иҷрои Қонуни забон аз он шаҳодат медиҳад, ки забон дар симои давлат ҳомии боэътимоде дорад. Муаллифони баъзе мақолаҳо он солҳо забони тоҷикиро дар остонаи марг эълон карда буданд. Хавотирии онҳо шояд ба вазъи забони тоҷикӣ дар ҷумҳурии ҳамсоя ростояд, ки дар он ҷо, дар ҳақиқат, забони тоҷикӣ беш аз пеш таҳти фишор қарор дораду ба маҳдудият мувоҷеҳ гардидааст. Аммо дар дохили ҷумҳурӣ алҳол чунин хатар вуҷуд надорад, чунки давлатӣ соҳибистиқлол намегузорад, ки забон ба чунин ҳол гирифтор шавад. Ҳамаи ғамхориҳои доимии Президенти кишвар дар бораи забон, ки дар ҳар суханронии эшон зоҳир мегарданд ва тадбирҳои пай дар пайи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи пешбурди сиёсат ва бозсозии забон танзимгари пойдории он ба шумор меравaнд.

Танҳо дар чанд соли истиқлолият бо мақсади тақвияти забон чандин қарору фармоишҳо содир шуданд, ки забони тоҷикӣ дар давоми таърихи зиёда аз ҳазорсолаи худ чунин ғамхорӣ ва пуштибониро аз ҳукуматҳои давру

---

[1]Саймиддинов, Д. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон [Матн] / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – 149 с

замон надидааст. Аз ҷумла, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 4 ноябри соли 1995, №142 муҳлати давраи гузариши татбиқи Қонуни забонро то декабри соли 1999 дароз кард; Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо қарори худ аз 23 феврали соли 1996, №99 ба қарори Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон аз 11 августи соли 1989, №142 тағйироту иловаҳо ворид намуд; қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 1997, №256 ба вазъи татбиқи Қонуни забон дар ҷумҳурӣ бахшида шудааст; бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 1997, № 459 Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тавсиа ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд; баъди муҳокимаҳои тӯлонӣ таҳрир ва такмили нави Имлои забони тоҷикӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1998, №355 тасдиқ гардид ва ғайраҳо.

Ба куллӣ дигар шудани сохтори давлатӣ, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, байналмилалӣ, ҳувият, муҳит ва ҷомеа тақозо мекард, ки Қонуни забон такмил ёбад ва пас аз соле чунин ҳам шуд. Бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (05.10. 2009, № 553) забони тоҷикӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо карда, масъулияти ҳар як шаҳрванди ҷумҳуриро баланд бардошт.

Қонун 7 омили муҳимми инкишофу рушди забонро таҳким бахшид:

1. Дар қаламрави Тоҷикистон забони давлатӣ эълон шудани забони тоҷикӣ онро на танҳо забони адабию бадеӣ, балки забони илм ва расмию коргузорӣ гардонд.

2. Ҳар як шаҳрванд вазифадор гардид, ки забони давлатиро донад ва озодона аз он истифода бурда тавонад, ки ин доираи омӯзиш ва корбурди онро афзуда, боиси инкишофаш гардад.

3. Дар навбати худ давлат барои омӯзиш, истифода, интишору инкишофи забон шароити мусоид фароҳам оварда, таъмини ҳимояи онро бар ӯҳда гирифт.

4. Тамоми корхона, муассисаву ниҳодҳои давлатӣ ва шахсони ҳуқуқӣ вазифадор карда шуданд (моддаи 3, банди 4), ки барои омӯзиши забони давлатӣ ва такмили забондонии ҳайати кории худ, новобаста аз вазифаю мансабашон, шароити мусоид фароҳам оваранд.

5. Баробари интишори Қонуни забони давлатӣ он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмию таҳсилотӣ, фарҳангӣ ва сиёсии кишвар, қишрҳои мухталифи ҷомеа бо душвориву суръати суст ва сифати беҳбудиталаб, вале бо низоми мураттаб мавриди истифода қарор гирифт.

6. Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ яктост ва имлову хатти он ҳам яктост. Ин тақозо ва талаб менамояд, ки дар корбурди он ягонагӣ риоя ва бечунучаро иҷро шавад ва дар ин ҷода низ беҳбудӣ ба назар мерасад.

7. Татбиқи Қонун зери назорати воқеӣ ва ҷиддӣ қарор гирифта, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки бо сабабҳои гуногун иҷрои бандҳои Қонунро сарфи назар мекунанд, дар асоси банди 26 – и Қонуни мазкур ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Қарор

Ҳатто нигоҳи сатҳӣ ба сиёсати забонӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он чандин марҳалаҳои гуногунро паси сар кардааст ва ҳар марҳала дар назди ҷомеаи онвақта вазифа ва ҳадафҳои гуногунро гузоштааст. Таърихи сиёсати забониро дар кишвари мо метавон ба чор марҳала тақсим кард:

**Марҳилаи якум** солҳои баъди инқилоб то солҳои 30-умро фаро мегирад, мақсадҳои он тавъам бо бунёди давлати тоҷикон ва истиқрори он чун ҷумҳурии шӯравии мустақил дар ҳайъати Иттиҳоди Шӯравӣ буд.

**Марҳилаи дуюм** аз соли 1928 то соли 1940-ро фаро мегирад ва вазифаи сиёсати забонии ин марҳала тартиб додани алифбои нави тоҷикӣ дар асоси хатти лотинӣ, танзими қоидаву Қонунҳои орфографиву орфоэпӣ, мутобиқкунии меъёрҳои забони адабӣ ба хатти лотинӣ буд.

**Марҳилаи сеюм** аз соли 1940 то соли 1989-ро фаро мегирад ва бо қабули Қонуни забон хотима меёбад. Дар ибтидо вазифа ва ҳадафҳои сиёсати

забонӣ дар ин марҳала танзими боз алифбои нав, вале акнун дар асоси хатти кириллӣ ва маҳви бесаводӣ буд. Агар қоидаҳои нави имлоро, ки Шӯрои Вазирони Тоҷикистони Шӯравй соли 1972 тасдиқ кардаасту он то соли 1998 расман арзи вуҷуд мекард, ба назари эътибор нагирем, ягон қарор ё Қонуни ҷиддие дар чорчӯбаи сиёсати забонӣ дар ин марҳала қабул нашудааст. Вале ба назари эътибор нагирифтан, ба масъалаҳои забонӣ аҳаммияти ҷиддӣ надодан низ аз аломатҳои сиёсати забонии ин марҳала бояд ба шумор равад.

**Марҳилаи чорум** аз соли 1989 аз соли қабули Қонуни забон оғоз мегирад ва то имрӯз давом дорад. Ин марҳала аз марҳалаҳои ҳассостарин дар таърихи давлату давлатдории мо маҳсуб мешавад, зеро миллати мо имконияти аз нав эҳё кардани забони тоҷикӣ ва инкишофу рушд додани онро пайдо намуд.

Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон 22 июли соли 1989 (Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон, соли 1989, №15, моддаи 102) қабул шуд, ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дод. Баъди қабули Қонуни забон тибқи қарори Шӯрои Вазирони Тоҷикистон аз таърихи 11 августи соли 1989 таҳти рақами 142 «Тадбирҳои ҳукумат дар мавриди иҷрои Қонуни забон» таҳия карда шуд, ки он чорабиниҳои заруриро дар тӯли солҳои 1989-1995 муайян намуд. Тибқи ин қарор дар назди муассиса, корхона ва вазоратҳои ҷумҳурӣ курсҳои омӯзиши забони давлатӣ ва хатти ниёгон ташкил карда шуданд.

Бо ташаббуси ҳукуматҳои маҳаллӣ номҳои маҳал, кӯчаҳо, муассисаҳо иваз карда шуданд ва баргардонидани номи Хуҷанд ба маркази вилоят ва Суғд ба худи вилоят аз муҳимтарин рӯйдодҳои фарҳангиву таърихии ин давр маҳсуб мешаванд ва зухури ин воқеаҳо низ аз шарофати қабули Қонуни забон ва худшиносии миллии мардум маншаъ мегирад. Пазируфта шудани Қонуни забон ҳамчун зарурати рӯзгори ҷомеа аз дастоварди муҳимтарини ин марҳалаи таърихи Тоҷикистони нав мебошад. Бо сабабҳои маълуми сиёсиву иқтисодӣ бархе аз талаботи Қонуни забон дар амал татбиқ нашуданд.

Ин буд, ки Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 4 ноябри соли 1995 қарореро таҳти рақами 142 ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори № 99 аз 23 феврали соли 1996 қабул карданд ва муҳлати иҷрои бархе аз моддаҳои Қонунро то соли 1999 тамдид намуданд. Вале рафти иҷрои Қонуни забон ба талаботи ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ мувофиқ набуд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки зарурати фаъолтар намудани иҷрои он барномаеро таҳия кард, ки самтҳои асосии такмил ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуд. Ҳамзамон бо таҳияи барнома қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 1995 таҳти рақами 662 қабул шуд, ки тибқи он ҳайъати Комиссияи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдид ва тасдиқ карда, дар доираи ин Комиссия дар ҳайъати панҷ нафар дастгоҳи корие таъсис ёфт. Ба зимаи дастгоҳи корӣ назорати татбиқи Қонуни забон ва тартиб додану амалӣ намудани барномаи тавсеа ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуд. Ҳамзамон дар вилоятҳо сохтори марбути ин масъала ташкил дода шуд.[1]

Бо таъсиси комиссия маҷрои татбиқи Қонун ба низоми муайян даромад ва механизми татбиқи он коркард шуд ва тарҳрезӣ шудани Барномаи давлатӣ шоҳиди ин гуфтаҳоянд. Вале ҳама гуна чорабиниҳои сиёсӣ, аз он ҷумла дар чорчӯбаи сиёсати забонӣ бурдашаванда, ҳамон вақт самараи амалӣ медиҳанд, ки заминаи иқтисодӣ дошта бошанд ва зарурати татбиқи онҳо аз тарафи аксарият дар ҷомеа ва алалхусус аз тарафи мақомоти роҳбариву масъулон ва шахсони алоҳидаи ин сохторҳо дарк карда шаванд.

Ошноӣ бо Барномаи давлатӣ нишон дод, ки дар сиёсати забонии мақомоти давлати Тоҷикистон ва татбиқи Қонун марҳалаи муҳимме оғоз ёфт. Гузашта аз ин, Қонуни забон аз нав эҳё карда шуд. Дар Барнома, ки солҳои 1997-1999-ро фаро мегирад, ҳама гуна чорабиниҳо, аз қабили амали забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсй, фарҳангӣ ва иҷтимоии

[1]Ниг.: Саймиддинов, Д. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон [Матн] / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. - С. 149.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили курсҳои омӯзиши забони давлатӣ, самаранок гардонидани фаъолияти Кумитаи истилоҳот, таъмини таълими босамари забони давлатӣ дар ҳамаи мактабҳо ва синфҳои русӣ, узбекӣ ва қиргизӣ, танзим ва ҷорӣ намудани нақшаҳои таълим аз руйи ихтисоси «Забон ва адабиёти тоҷик» дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ, тайёр кардани тарҷумонҳои касбӣ дар факултаҳои марбути мактабҳои олӣ, тақвият ва тавсеаи омӯзиши хатти арабиасоси тоҷикӣ дар мактабҳои миёна ва олӣ, таҳияи барномаҳои нави таълим ва дастурҳо доир ба маҷмуи фанҳои забоншиносӣ барои мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус, тартиб додани луғатҳои тафсирӣ дар назар дошта шудааст.

Қарори Ҳукумат ҳамчунин Вазорати фарҳангро дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф вазифадор намуд, ки нашри луғатҳои имлоӣ, дастурҳои таълимӣ, асарҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, феҳристи ному насаб, ҳуҷҷату санадҳои меъёриро бо дарназардошти таҳрири нави Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик ба роҳ монад. Ҳамчунин ба Кумита оид ба телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисгон супориш шуд, ки аз тариқи барномаҳои махсус дар таблиғи Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик саҳмгузор бошанд. Муҳимтар ин аст, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ Вазорати молияро вазифадор кард, ки ба лоиҳаи буҷети давлатӣ барои иҷрои ин қарор дар доираи маблағҳои Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низ вазоратҳои дахлдор маблағҳо ҷудо намояд.

Маҳз, забон ва мақоми иҷтимоии он дар ҳамон давра тавонист, ки мардуми тоҷикро чи дар худи Тоҷикистон, чи берун аз марзи он муттаҳид кунад ва таконе ба бедории фикрии мардум диҳад. Ва имрӯз ё фардо мардуми Тоҷикистон аз дастовардҳои демократии худ ҳарф зада тавонад. Набояд фаромӯш кард, ки дар саргаҳи он ҷунбиши миллии мо аз забон ва барои забон истодааст ва забони мо боз як бори дигар, дар радифи маротибҳои пешин, вазифаи муқаддаси худ - дастҷамъии миллат ва ваҳдати онро иҷро кард. Забон омили ягонае буд, ки дар ҳамон давра халқро барои мубориза

фикрӣ аз истиқлолияти миллии хеш даъват мекард ва ҳар фарди ҷомеа аз ин масъала дур намемонд, чунки мафҳуми «забон» бо мафҳумҳои «миллат», «истиқлоли миллӣ» тавъам шуда буд.

Бинобар ин, мо бояд худи пайдоиши ғояи Қонунро дар бораи забон на танҳо чун аввалин падидаи сиёсати мустақили забонӣ, чун раванди демократӣ, балки ҳамчун ба сифати заминаи мустаҳкаму фарох барои бедории миллӣ, худшиносии таърихӣ, ваҳдати миллӣ ва пайдоиши дигар равандҳои демократӣ низ маънидод намоем. Дар Барномаи зикршудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ зарурати тақвият ва густариши омӯзиши алифбои арабиасоси тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ қайд гардида, дар амал татбиқ намудани он аз вазифаи доимии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб дониста шудааст.

Қонун дар бораи забони давлатӣ дар Тоҷикистон ва умуман сиёсати забонӣ дар ибтидо бештар ҷанбаи миллӣ дошт. Имрӯз, ки ҳайъати этникии ҷумҳурӣ ба эътидол омадаасту бархӯрди шиддатноки забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз байн рафта истодааст, сиёсати забонӣ бояд ба масъалаҳои сирф забонӣ бештар равона шавад. Мақсади асосии ҳама гуна чорабиниҳо, ки дар чорчӯбаи сиёсати забонӣ қабул мешаванд, нигоҳ доштан ё тағйир додани меъёри тақсимоти функсионалии забонҳои гуногун ё худ шаклҳои як забон, ки дар соҳаҳои мутафарриқи ҳаёти ҷамъият истифода мешаванд ва ба ин васила таъсир расонидан ба таркиби дохилии забон аст. Қонуни забони Тоҷикистон низ истисно аз ин нест, зеро сиёсати забонии давлату ҳукумати Тоҷикистон ва Қонун дар бораи забони давлатӣ аз уҳдаи ин вазифа ба хубӣ баромаданд. Аммо мақсади Қонунро фақат дар ҳукми забони давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ донистан хатои маҳз хоҳад буд, зеро баробари қабул шудани Қонуни забон ин мақсад дар амал татбиқ шуд.

Бинобар ин, имрӯз ҳадафи асосӣ тағйир додани вазъияти забонии Тоҷикистон аст. Заминаи тағйирот бояд ҳамоно Қонуни забони ҷумҳурӣ бошад, лекин Қонуни забон, мисли ҳама гуна ҳуҷҷатҳои расмӣ наметавонад

ҳамаи паҳлуҳои ин масъалаи мураккабро дарбар гирад. Вай фақат вазъи ҳуқуқии забони тоҷикиро муайян карда, кафолати ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонеро, ки забони модариашон дигар аст, медиҳад.

Аз ин рӯ, Қонуни забон ва ҳамчунин қарорҳои дигари ҳукумат, ки марбут ба амали Қонунанд, фақат бо масъалаҳои мабдаи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ алоқамандананд. Вале Қонуни забон фақат дар асоси масъалаҳои ташкилӣ амалан ҷорӣ шуда наметавонад. Татбиқи Қонун тақозо мекунад, ки барномаи давлатӣ бо маҷмуи чорабиниҳои сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ҳар чӣ пештару бештар дар ҳаёт татбиқ шавад ва тамоми кӯшиши мақомоти масъули ҷӣ ҷумҳурӣ ва ҷӣ маҳаллӣ маҳз, ба ҳамин ҳадаф нигаронида шавад. Набояд фаромӯш кард, ки тоҷикон имрӯз беш аз ҳама ниёз ба тафаккури миллӣ доранд. Аммо барои ба даст овардани ин ҳадаф, татбиқ намудани дигар ҳадафҳои зикршуда, ки Пешвои миллат муҳтарам Э. Раҳмон дар назди мақомоти давлатӣ, қишрҳои гуногуни ҷомеа, алалхусус, олимону зиёиён гузоштаанд, иҷрои амалҳои зиёдеро тақозо дорад.

Пас аз ба имзо расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз 30 октбяри соли 2009, №11 ҷиҳати иҷрои муқаррароти Қонун ба мақомоти марбута дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд. Иҷрои ин Протокол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати доимӣ қарор дорад. Мутобиқи Протоколи мазкур назорати иҷрои Қонунро дар вазорату идораҳо ва ташкилоту корхонаҳо Прокуратураи генералӣ ва Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд. Президенти кишвар дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2011 бо қаноатмандӣ чунин изҳор доштаанд: «Бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон» муносибат ба забони давлатӣ ба куллӣ тағйир ёфт ва имрӯз татбиқи Қонун муваффақона идома дорад».[1]

Тадбири бисёр муҳимми дигар дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи забон, ки дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забон (5 октбяри соли 2010) таъкид гашта буд, ин таҳияи Барномаи стратегияи рушди забони давлатӣ буда, ки он бар пояи илмӣ бо дарназардошти дурнамои рушди забон ва муқаррароти меъёрҳои он таҳия мегардад. Сарвари давлат дар амалӣ намудани ҳадафҳои ин Барнома нахуст риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро амри воқеӣ медонанд.

Таҳия ва пешниҳоди ин Барнома барои солҳои 2012-2016 дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи забон ва дурнамои рушди забони давлатӣ дар кишвар нақши муҳим мебозад. Ин Барнома дурнамои рушди забонро дар ҳама бахшҳои он таъмин намуда, меъёрҳои забонро бар асоси суннати хаттии гузашта дар қолабҳои аз нигоҳи сарфу наҳв ва вожасозӣ устувори классикӣ ташхис менамояд. Барнома татбиқи давра ба давраи сиёсати давлатӣ дар бораи забонро аз роҳи таҳия ва танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳияи барномаҳои давраҳои гуногуни омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои дигар дар бар мегирад. Сиёсати давлатӣ дар бораи забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси меъёрҳои байналмилалии баробарии забонҳо, новобаста аз мақоми ҳуқуқии онҳо ва шумораи мардумоне, ки ба ин забонҳо гуфтугӯ мекунанд, амалӣ карда мешавад.

Истифодаи фарогири забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ, бахусус дар соҳаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии кишвар, ҳамчунин робитаҳои байналмилалӣ бо дигар давлатҳои хориҷӣ зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ ва амалии онро дар як марказ дар асоси маводди муътабари забонӣ ва ганҷинаи осори гузаштаву имрӯза аз роҳи таҳлилу

---

[1]Ниг.: Раҳмон, Э. Паём ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2011. [Матн] / Э. Раҳмон // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / мураттиб А. Асадов. – Ҷ.11. (2010, июл – 2011, август). – Душанбе: «Ирфон», 2011. – С. 242.

ташхиси истилоҳоти муосир дар шароити рушди рӯзафзуни илму техника ва технологияи навин дар татбиқи сиёсати давлатии забон метавонад нақши муҳим ва асосӣ иҷро намояд.

Хулоса, аз таҳлили равандҳои муосири сиёсию забонӣ маълум мегардад, ки истиқлолият барои рушду ташаккули фарогири забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ имконоти мусоидро фароҳам овардааст. Маҳз, дар ин давраи таърихӣ давлатдории навин забони миллӣ ҳамчун неру ва омили муҳимми иттиҳоди миллату халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ пазируфта ва шинохта шуд. Масъалаи забон ҳамеша ба сиёсати давлатдорӣ дар робита қарор дошт, барои пешбурди сиёсати забон силсилаи Қонуну қарорҳо, тадбирҳо андешида шуданд, кумита ва комиссияҳои кориву назоратӣ ташкил карда шуданд. Заминаҳои бунёдии роҳи ташаккули сиёсати забон – боло гирифтани ифтихори миллӣ, густариши андешаҳои зиёиёни пешқадам, коркарди тадбирҳои старатегии давлатӣ, ташкили силсилаи чорабиниҳои давлат оид ба таҳкими пояҳои иҷтимоӣ ва рушди забон, ҳамчунин роҳу василаҳои гуногуни ба амал баровардани ин тадбирҳо мебошад. Ҳукумати Тоҷикистон минбаъд низ ба масъалаҳои рушди устувори забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мақоми онро ҳимоя мекунад. Чунки маҳз, забони давлатӣ дастовардҳо ва ҳастии моддиву маънавии мардуми кишвари моро дар дохил ва хориҷи он муаррифӣ менамояд.

## 2.2. Сиёсати забонӣ яке аз унсурҳои таркибии инкишофи иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ

Забон воситаи асосии ташаккулёбии ҳувияти миллӣ ва меъёри асосии худшиносӣ ба шумор рафта, маҳз, чунин Қонуният забонро ҳамчун воситаи сиёсат ва ҳамзамон объекти муҳимтарини сиёсати давлатӣ муайян менамояд.

Яке аз арзишҳои волои инсонӣ, нигоҳдорандаи таъриху фарҳанги миллат, ташаккулдиҳандаи идеологияи миллӣ ва рушди худшиносии миллӣ

ин забон мебошад. Маҳз, забон муаррификунандаи таъриху тамаддуни миллат мебошад. Забони тоҷикӣ таърихи бисёр қадима дорад ва муҳаққиқон пайваста талош менамоянд, ки ҷаҳониён бо таърихи гузаштаю имрӯзаи забони тоҷикӣ ошноӣ пайдо намоянд. Маълум аст, ки забони тоҷикӣ бо вуҷуди доштани таърихи бою қадима пас аз ба даст овардани Истиқлолияти сиёсӣ ба давраи нави инкишофи худ ворид гардид ва дар ташаккули идеяи миллии тоҷикон нақши муҳим гузошт.

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ба масъалаҳои рушди забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз омилҳои рушди идеологияи милии тоҷикон ба шумор рафта дар таҳкими ҷомеа нақши басо бузургро иҷро менамояд.

Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, ки дар ҷараёни рушди мамлакат нақши худро гузоштааст, аз бисёр ҷиҳат ба мустақилияти он вобастагӣ дорад. Гуногуншаклии миллӣ ва фарҳангӣ дар нақшаи дурнамои таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бартарии амиқе буд. Дар воқеъ, пас аз барҳам хӯрдани давлати Сомониён, тоҷикон қариб ҳазор сол давлати миллии худро аз даст дода буданд. Онҳо дар ҳаёти минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳудуди давлатҳои салтанатронии ғайритоҷик умр ба сар бурда бошанд ҳам, намояндагони оқилу бофарҳанги он танҳо бо сабаби маърифати баланди илмӣ, воқиф будан аз сиёсату маорифпарвариашон ба сифати кормандони зеҳнӣ, мисли муфтию қозиҳо, домуллоҳо ва роҳбаладони давлатӣ дар ҳаёти ҷомеа фаъолона иштирок менамуданд, аммо барои амалӣ намудани иродаи худ дар ҳаёти сиёсӣ онҳо имконияти васеъ надоштанд. Имрӯз бошад, ҳар як давлати соҳибистиқлол роҳи инкишоф ва тараққиёти худро муайян мекунад. Ин роҳ бояд ба талабот, таърих, хусусият ва шароити ҷуғрофии мардум мувофиқат намояд.[1]

Худшиносӣ, қабл аз ҳама, ин хештаншиносӣ ва дарк намудани арзишҳои миллӣ, забон, бунёди ҳувият ва озодӣ мебошад, ки аз ҳама

[1]Муҳаммад, А.Н. Сиёсатшиносӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад, М. У. Хидирзода, Х. Қ. Сафарализода. – Душанбе, 2018. - С. 122-131.

шаҳрвандони кишвар доштани ҳисси миллиро тақозо менамояд. Дар воқеъ, ҳисси ватандорӣ ин нишонаи музаффариятҳои ҳувияти хоси миллӣ мебошад, ки нобобаста ба дигар равандхои ҷомеа меҳру муҳаббатро нисбат ба Ватан нигоҳ медоранд. Шояд дар як марҳилаи таърихӣ бузургтарин дастоварди миллату халқиятҳо чунин буд, ки онҳо кишварҳояшонро бо номи миллати таҳҷоӣ нигоҳ дошта тавонистанд.

Худшиносӣ равандест басо душвор ва дар роҳи дарки ҳодисаҳои ҷомеаи инсонӣ, баҳо додан ба дониш, малакаю маҳорат, ба манфиат ва талабот, ба идеалҳо ва қоидаҳои рафтори хеш, баҳои умумӣ ба симои ахлоқӣ. Худшиносӣ дар сатҳи муайяни инкишофи шахсият дар зери таъсири омилҳои мухталифи тарзи ҳаёт дар заминаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, равобити мутақобилаи байни одамон, давлат ва ҷомеа ташаккул меёбад. Ҷиҳати муҳимтарини худшиносиро хосияти ҷамъиятии он ташаккул медиҳад. Зеро дар саромади он муносибати шахс бо одамони дигар меистад.

Дар раванди худшиносӣ инсон мақом ва нақши хешро дар муносибатҳои мутақобилаи табиату ҷомеа дарк намуда, ба он мекӯшад, ки дар танзиму инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ саҳм дошта бошад, ба муносибатҳои инсон ва ҷомеа таъсир расонад. Раванди худшиносӣ як навъ дарёфти хеш дар гирдоби ҳодисаю падидаҳои ҷомеа мебошад. Нигоҳдорӣ ва рушди инкишофи забони тоҷикӣ низ ҳамчун як навъи худшиносии миллии тоҷикон буда метавонад. Ҳамчунин забон худ яке аз омилҳои рушди худшиносии миллӣ мебошад.

Мавқеи забони тоҷикӣ дар ташаккули ҷомеаи тоҷикистонӣ дар зоҳир мегардад, ки маҳз он яке аз омили муттаҳидкунандаи мардумони кишвар мебошад. Яъне, нахуст идеяи миллӣ сарҷамъ шудан дар атрофи як миллат ё қавмест, ки нишонаҳои асосии миллат дар он ҳувайдо гаштааст. Муҳаққиқи ватанӣ Муҳаммад А.Н. дар китоби худ «Муқаддимаи идеяи миллӣ» қайд намудаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз нахустин ва муҳимтарин идеяи

миллии тоҷикистониён аст, ки барои рушди он камари хидмат бояд баст.[1] Ба ибораи дигар, андешаҳо перомуни идеяи миллӣ барои рушди ҷомеаи мо боз дигар идеяҳои нави созандаеро ба миён меоранд, ки боиси пешравии кишвар хоҳанд гашт.

Бояд қайд намуд, ки забони тоҷикӣ ҳамчун омили ташаккулдиҳандаи идеяи миллӣ муҳиммияти хоса дорад. Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ нақши забони тоҷикиро барҷаста нишон медиҳанд. Маҳз, дар партави ҳамин сиёсати миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ забони мо бо доштани имконоти зиёд дар асоси қолабҳои меъёрии суннатӣ ва равишҳои адабӣ дар ҷомеа ҷойгоҳи махсус пайдо хоҳад кард ва дар ташаккули идеяи миллии тоҷикон нақши муассире хоҳад гузошт. Истиқлолияти сиёсӣ барои рушди мибаъдаи забони тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам овард. Забони тоҷикӣ бо қудрату неруи худ тавонист дар баланд бардоштани ҳисси худшиносии мардум, ҳифзи арзишҳои миллӣ нақши худро гузорад.

Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқу омӯзиши забони адабии тоҷикӣ на фақат аҳаммияти фарҳангӣ, балки аҳаммияти сиёсӣ низ дорад. Яъне, дар ин ҷо, нақши забони тоҷикӣ дар ташаккули идеологияи давлатӣ баръало мушоҳида мегардад. Бинобар ин, арҷгузорӣ ба забони давлатӣ вазифаи инсониву виҷдонии ҳар як фарди бонангу номус ба ҳисоб меравад. Миллати тоҷик дар ҳама давру замон рисолати инсондӯстию фарҳангпарварии худро нигоҳ дошта, барои ҳифзи истиқлолияти сиёсиву фарҳангӣ ва забони шевои модарии худ ҷаҳду талошҳо намудааст. Пас, имрӯз ҳам мо бояд баҳри рушду такомули ин забони аҷдодӣ, саъю кӯшиш дошта бошем. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: “Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллат ва давлат пуштибони забонанд. Ин аст, ки забон ва далату миллат дар паноҳи якдигаранд».

---

[1]Ниг.: Маҳмадов А.Н. Муқаддимаи идеяи миллӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад. – Душанбе, 2003. – С. 36

Панҷуми октябри соли 2009 баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ин сана ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ дар кишвари мо эълон шуд. Ҳарчанд Қонуни забон дар давраи Шӯравӣ таҳия ва қабул гардида буд, дар даврони истиқлолият бошад, рушду инкишоф ёфт. Яъне, аз замони ба даст овардани истиқлолият забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ дар умури сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ мақому мартаба пайдо карда, дар соҳаҳои коргузориву эҷоди қонунҳо, илму маориф, фарҳанг ва робитаҳои дохиливу хориҷии кишвар ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Бо дарки ин масъалаи барои миллати тоҷик ниҳоят муҳим Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат барои равнақу ривоҷи забони тоҷикӣ тамоми имкониятҳои мавҷудаи Қонунгузорӣ ва неруи зеҳнии фарҳехтагони миллатро равона сохтанд, ки он барои ба феҳристи забони давлатҳои мустақили ҷаҳон дохил шудани забони тоҷикӣ мусоидат кард ва чуноне ки Ҷаноби Олӣ дар китоби худ “Забони миллат – ҳастии миллат” менависанд, «барои шинохти миллати тоҷик ба сифати як халқи дорои ҳама аломату нишонаҳои миллати таърихӣ заминаҳои сиёсӣ фароҳам омад ва дар ориёшиносӣ ва ё эроншиносии муосир шохаи сифатан нави тоҷикшиносӣ ҷойи расмӣ ва мустақиле барои худ пайдо намуд».[1]

Равнақу ривоҷи унсурҳои забонӣ ба истиқлолияти он вобаста аст, аммо истиқлолияти забон аз истиқлоли сиёсии кишвар маншаъ мегирад. Сиёсат ҳамеша ба забон таъсир мерасонад ва ин ҳодисаи ногузир аст. Истиқлоли сиёсии ватанамон дар ташаккули забонами тоҷикӣ таъсир расонида, бо ҳамдигар пайванд ва муносибати бевосита доранд.

Ба хотири татбиқи сиёсати ҳадафмандонаи Ҳукумат дар бораи забони давлатӣ ва амалӣ сохтани Қонуни мазкур аз 31 октябри соли 2009 сохтори нав – Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода щуд. Ин Кумита ягона ниҳоди ҷумҳуриявӣ дар амалӣ сохтани

---

[1] Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 5.

сиёсати ҳукумати кишвар дар масъалаҳои марбут ба забони давлатӣ маҳсуб мешавад. Дар тӯли солҳои истиқлолият ба масъалаҳои забони давлатӣ ва баланд бардоштани мақоми он дар муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ тадбирҳои мушаххас андешида шуда, ҳифз ва рушди он ҳамчун вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон гардидааст.

Чуноне ки маълум аст, рушди идеологияи миллӣ ба устувори забони миллии он вобастагӣ дорад. Бо дарназардошти собиқаи тӯлонии таърихӣ ва захираи бузурги луғавӣ забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ дар асри ҷаҳонишавӣ низ метавонад, иқтидори пешинаи худро эҳё ва ҳифз намояд. Забон як ҷузъи муҳим ва ҷудонопазири фарҳанги миллист. Маҳз, бо дарки ҳамин гуфтаҳо бо дастгирии Президенти кишвар ҷиҳати рушду камоли забони тоҷикӣ ва эҳё намудани ҷараёни татбиқи Қонуни забон дар ҷумҳурӣ, чуноне ки пештар низ қайд гардида буд, аз 31 октябри соли 1995 таҳти №662 Комиссияи татбиқи Қонуни забон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Комиссияи мазкур дар амалишавии Қонуни забони тоҷикӣ боз ҳам ҷиддитар муносибат намуд ва дар ин миён як қатор масъалаҳо рӯ ба беҳбудӣ ниҳоданд. Махсусан, ҳуҷҷатнигориҳову коргузорӣ пурра бо забони тоҷикӣ сурат гирифтанд.

Ҳамчунин ба мақсади он ки Қонуни забони тоҷикӣ аз руйи нақшаи муайян амалӣ шавад, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 1997, №459 барномаи нави ҳукуматӣ қабул гардид. Мақсади асосии ин барнома шароити мусоид фароҳам овардан барои рушди забони давлатӣ буд.

Боиси тазаккур аст, ки бо ташаббуси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1998 таҳти №395 Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ бо таҳрири нав пешкаши тамоми шаҳрвандон гардонида шудааст. Албатта, ба тасвиб расидани имлои забони тоҷикӣ барои ҳамагон лозим ва зарурӣ буд. Зеро аз қабули қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ки ҳанӯз соли 1972 қабул гардида буд, вақти зиёде гузашта буд ва дигар он ба

талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуд. Акнун ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳуриро лозим аст, ки барои беолоиш ва покиза нигоҳ доштани забони модарӣ пайваста талош намоянд. Чуноне ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таъкид иброз доштаанд: «Ҳар як фарзанди миллат бояд номбардори гузаштагон ва парчамбардори забону фарҳанги миллати хеш бошад. Он гоҳ мо метавонем дар тарбияи наслҳо дар рӯҳияи муҳаббат ба Модар, Ватан ва Забони миллӣ, ки ҳамчун муқаддасоти миллӣ эътироф гардидаанд, муваффақ шавем. Мо бояд барои рушди забони давлатӣ, ки имрӯз дар умури давлатдории мо фаъол мебошад, аз тамоми имконот истифода барем ва ҳифзу густариши онро дар сатҳи давлатӣ таъмин намоем».[1]

Бо мақсади арҷгузорӣ намудани забони тоҷикӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 сентябри соли 2007 «Дар бораи омодагӣ ва баргузории соли забони тоҷикӣ» қабул гардид. Ба дунболи ҷиҳати густариши боз ҳам бештару устувортар гардидани мақоми забони тоҷикӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2008 Соли бузургдошти забони тоҷикӣ эълон гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ба масъалаҳои рушди устувори забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ мунтазам таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мақоми онро ҳамчун ташаккулдиҳандаи идеологияи миллӣ ҳимоя менамояд. Зеро маҳз забони давлатӣ дастовардҳо ва ҳастии моддиву маънавии мардуми кишвари моро дар дохил ва хориҷи он муаррифӣ менамояд. Забони тоҷикӣ дар ташаккули маънавии мардум, ташаккули идеологияи миллӣ нақши бузург дорад. Дар марҳалаи имрӯзаи рушди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ ба як қатор масъалаҳо бояд бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш ба муносибати Рӯзи забон як қатор масъалаҳоеро баррасӣ намудаанд, ки

[1]Раҳмон, Э. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (05.10.2010) [Маводи электронӣ] / Э. Раҳмон. // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/284

қобили қайд аст. Аз қабили таҳқиқи фарогири лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ, истифода аз захираи луғату истилоҳоти ҳамзабонон, масъалаи забони меъёр ва ҳусни баён, татбиқи Қонуни забон.[1]

Гуфтан мумкин аст, ки яке аз омилҳои муҳимми бақои умр ва зебоиву азамати забони мо маҷмӯаи ҳамин рангорангиҳо мебошад. Инчунин, муҳаққиқ Муҳаммад А.Н. қайд намудаанд, ки забони модарии мо хусусияти омехтаю ҳал намудани вожаҳои бегонаро доро мебошад.[2] Масалан, имрӯз вожаҳои «китоб», «муаллим», «доира», «ишқ» ва ғайра сирф тоҷикӣ шудаанд. Бисёр вожаҳои дигари ин забон дар забонҳои мухталиф нақши хоса гузоштаанд.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забон дар пояи забони илм қарор додани забони тоҷикист. Забоншиносии тоҷик, ҳамчун соҳаи илм, марҳалаҳои гуногуни таърихиро дар бар мегирад.

Бар асоси таваҷҷуҳи хосе, ки Ҳукумати кишвар ба забони тоҷикӣ дорад, дар Тоҷикистон илмро набояд бо дигар забон пеш бурд ва чунин фикрҳо комилан қобили қабул нестанд, ки гӯё забони тоҷикӣ қобилияти баёни мафҳумҳои илмиро надорад. Бояд қайд намуд, ки агар мо имкониятҳои забони тоҷикии худро пурра истифода намоем, забони тоҷикиро дар самтҳои гуногуни илмӣ ба роҳ монем, ин метавонад, дар баланд бардоштани ҳисси худшиносии мардум, ташаккули идеяи миллӣ мусоидат намояд. Ҳамчунин ба ин васила мо метавонем, дар доираҳои илмии ҷаҳонӣ забони тоҷикиро муаррифӣ намоем. Дар ин замина оид ба масъалаи истилоҳот ва махсусан, таҳияи истилоҳоти илмӣ, ки барои ба забони илм табдил ёфтани забони модарии мо аҳаммияти аввалиндараҷа дорад ва аз масъалаҳои ҳалталаб барои ҷомеаи мо ба шумор меравад, тадбирҳои муассир бояд роҳандозӣ карда шаванд

---

[1]Ниг.: Раҳмон, Э. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забон (22 июли соли 2008) [Маводи электронӣ] / Э. Раҳмон. // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/3075
[2]Ниг.: Маҳмадов, А. Н. Фалсафаи забон – таронаи зиндагӣ [Матн] / А. Н. Маҳмадов // Забон ва худшиносии миллӣ: Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Душанбе; ДМТ, 2008. – С. 5.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар ин таркиботи луғавии забони тоҷикӣ мебошад. Забони тоҷикӣ дорои хазинаи бузурги луғавӣ мебошад, ки ҳар як шаҳрванди кишвар бояд аз он бохабар бошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора қайд намудаанд: «Ҳар миллат ва қавме, ки ба густаришу рушди фарҳанг ва маънавиёти хеш рӯ меорад ва мехоҳад, ки по ба пои равандҳои ҷомеаи пешқадами ҷаҳонӣ қадам бардорад, ногузир бояд ганҷина ва захираи лутавии худро ҳамеша танӣ гардонад, забони адабиро сайқал диҳад ва рушди умумии забонро бар асоси меъёрҳо ва Қонунмандиҳои инкишофи таърихии он таъмин созад».[1]

Масъалаи муҳимми дигар дар инкишофи забон ин компютерикунонии забони тоҷикӣ мебошад. Компютерӣ кардани забони тоҷикӣ яке аз омилҳои нерубахш ба раванди густариши забони тоҷикӣ мебошад. Компютерӣ кардани забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, маънои ба вуҷуд овардани фазои ягонаи компютерӣ ва ба низом даровардани коргузории расмии идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ дар асоси истифодаи василаҳои техникиро дорад. Барои ба вуҷуд овардани низоме, ки ба талаботи даврони истиқлол ва рушду тавсеаи забони давлатӣ мусоидат намояд, дар марҳалаи аввал барои ҳалли ду масъала кӯшиш бояд кард. Ин ду масъала ба ҳамаи компютерҳо насб кардани сафҳакалиди (клавиатураи) тоҷикӣ ва таъмин намудани компютерҳо бо вироишгари матнҳои тоҷикӣ мебошанд.

Имрӯз бо итминони комил метавон гуфт, ки бо компютер таъмин намудани мактабҳо, ки чанд сол идома дошт, ба охир расидааст ва ҳамаи мактабҳои ҷумҳурӣ пурра бо компютерҳо таъмин карда шудаанд. Вале дар шароите, ки компютер дар мактабҳо ба як унсури ҷудонопазири воситаҳои таълим мубаддал гаштааст, аксари ин компютерҳо то имрӯз барномаи ягонаи тоҷикӣ надоранд. Дар сурате, ки ҳоли ҳозир ҳам сафҳакалиди тоҷикӣ ва ҳам вироишгари матнҳои тоҷикӣ аз ҷониби олимони тоҷик ба вуҷуд оварда

---

[1]Сайидзода З.Ш. Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон. Нашри дуюми такмилёфта [Матн] / З.Ш. Сайидзода, Ф.З. Саидов.- Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2012. – С. 30.

шудаанд. Вироишгари матнҳо, ки ба таври худкор имлои калимаҳоро баррасӣ мекунад ва дар мавриди ташхиси хатое дар вожаҳо шакли дурусти онҳоро пешниҳод менамояд, ба коҳиш ёфтани ғалатҳои имлоӣ кумак хоҳад кард ва дар роҳи тавсеаи забони давлатӣ ба андозаи қобили мулоҳизае мусоидат хоҳад намуд.

Дурусту беғалат нигоштани лавҳаву овезаҳо, боннерҳову плакатҳо низ яке аз мушкилот дар иҷрои муқаррароти Қонуни забон ба масъалаи эълону реклама, лавҳаю овезаҳо, номгузории муассисаҳо, нуқтаҳои савдо ва марказҳои хизматрасонӣ марбут аст. Дар баъзе мавридҳо навиштаҷоти рекламаи ороиши берунӣ ва дигар лавҳаю овезаҳо бар хилофи Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия мешавад, ки ин як навъ Қонуншиканӣ мебошад. Имрӯзҳо дар кӯчаву хиёбонҳои пойтахт ва шаҳру ноҳияҳо номҳои фаровони хориҷӣ, ки ба Қонунгузории мо мухолифат доранд, ба мушоҳида мерасанд. Номгузорӣ ба забонҳои хориҷӣ беэҳтиромӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ мебошад. Дар баъзе лавҳаҳо, боннерҳо ва овезаҳо бо табрику таманноҳои идона қоидаҳои одитарини имлои забони тоҷикӣ риоя карда намешаванд ва онҳо пур аз ғалату иштибоҳ мебошанд. Ҳатто дар лавҳаҳое бо дуруди наврӯзӣ ғалатҳои имлоӣ ба чашм мерасанд.

Матни норавону пурғалати овеза ва шиору рекламаҳо беэҳтиромиро ба забон ба миён меоварад. Ин падидаи номатлубро на фақат дар шаҳру ноҳияҳо, балки дар пойтахт низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Чуноне ки қайд карда шуд, забони тоҷикӣ бо бузургони худ дар тамоми олам маъруф гаштааст. Донистану аз худ намудани мероси ниёгонамон як навъ баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ ва рушди идеологӣ мебошад. Ҳукумати кишвар пайваста ба омӯзиши хатти ниёгонамон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Алифбои ниёгон барои миллати тоҷик муҳимтарин арзиш аст, зеро бо ин хат аз устод Рӯдакӣ то устод Айнӣ осори гаронбаҳои адабиёти тоҷику форс, ки таҷаммулгари нубуғи нажоди ориёӣ

пеши ҷаҳониён аст, навишта шудааст. Аз ин рӯ, барои ҳар касе, ки худашро ворисии ин осор медонад ва бо номи ниёгони бузурги хеш ифтихор мекунад, донистани ин хат зарур аст. Имрӯз таълими алифбои ниёгон дар саросари низоми омӯзишии Тоҷикистон роҳандозӣ шудааст ва китобҳои марбут мавҷуданд.

Ҷаҳоне, ки ба далели густурдагӣ ва бисёрнуфусиаш ҷараёнҳои умдаи забонӣ аслан он ҷо сурат мегиранд. Фақат дар шабакаи интернет садҳо сомонаҳо ба хатти ниёгон мавҷуданд, ки дар ҳама риштаву соҳа метавон мақолаву матолибу пажӯҳишҳои ҷолибу хонданӣ пайдо кард. Бинобар ин, агар мо хоҳем, ки вориди ҳавзаи густурдаи форсизабонони ҷаҳон гардем ва аз додугирифтҳои судманди фарҳангӣ баҳраманд шавем, бояд ки алифбои ниёгони хешро ёд бигирем.

Ҳифз ва зинда сохтани номҳои таърихии ҷуғрофӣ низ яке аз масъалаҳои дорои аҳаммияти муҳим, ки нақши забони тоҷикиро дар ташаккули идеологияи миллӣ нишон медиҳад, ин шинохти суннат ва арзишҳои фарҳанги миллӣ, ҳифз ва зинда сохтани номҳои таърихии ҷуғрофӣ мебошад. Номҳо чеҳраи воқеӣ ва таърихи гузаштагони ҳар қавму миллат мебошанд, ки бо мурури замон тағйир ёфтаанд. Дар шакли дуруст барқарор кардани онҳо маънои баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ, ташаккули ҳувияти миллиро дорад. Забони тоҷикӣ бо гузашти асрҳо ҳамчун омили ваҳдат ва ифтихори миллӣ дар давлатдории навини мо дар мақоми забони давлатӣ қарор гирифт.

Ҳар як фарди соҳибзабон бояд забони модарӣ ва ба воситаи он ҳувияти миллӣ ва фарҳанги миллии худро ҳифз кунад ва гиромӣ дорад. Пас, барои дарёфти худшиносӣ моро лозим аст, ки пеш аз ҳама забони модарии худро шиносем ва онро гиромӣ дорем. Бузургдошти забони давлатӣ ин арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанги миллат аст. Аз ин рӯ, рӯзи забони давлатӣ ҳамчун ҷашни умумимиллӣ ва рамзи худшиносиву худогоҳӣ дар саҳифаҳои таърихи давлатдории навин ваояндаи пурсаодати он пойдор ва ҷовидон

хоҳад монд. Ҳамин тавр, имрӯз дар Тоҷикистон номгузории бомароми осоишгоҳҳо, номҳои шаҳрҳо, майдонҳои аҳолинишин, кӯчаҳо ва хиёбонҳо идома доранд. Мақсад аз ислоҳот инҳоянд: «татбиқи вариантҳои ватандӯстона ва орзуҳои халқ дар бораи барқарорсозии номҳои таърихии онҳо, паҳн намудани арзишҳои миллӣ, баррасии ҷойҳои онҳо, ташвиқи ҳисси ифтихори миллӣ, махсусан, бедоршавии хотираи таърихии ҷавонон ва насли наврас дар бораи фарҳанги бойи гузаштагон ва давлати муосири халқи тоҷик мебошад»[1].

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва пешрафти бесобиқаи илму техникаву технологияҳо яке аз роҳҳои ғанӣ гардонидани забони илм ва иттилооти илмӣ тарҷумаи осори илмӣ аз забонҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Бо пайравӣ аз таҷрибаи кишварҳои дигар, ки муддатҳо пеш ин марҳаларо гузаштаанд, тарҷумаи осори илмии олимони хориҷӣ бояд дар сатҳи баланди илмӣ ва бо ҷалби мутахассисони варзидаи соҳаи забон сурат гирад. Иқтибосгирӣ аз забонҳои дигар набояд аз ҳадди эътидол барояд ва дар иқтибоспазирӣ имконоти фаровони дохилии забон дар қолабҳои мухталифи вожасозӣ, ки яке аз роҳҳои пайдоиши мафҳумҳо ва истилоҳоти нав мебошад, истифода шавад. Зеро вақте ба забон анбуҳи калимаҳо ва ҳатто таркибҳои фаровоне аз забонҳои дигар бидуни зарурат ворид мешаванд, он гоҳ мавҷудияти ин забон ҳамчун як забони мустақил зери хатар қарор мегирад.

Ёддовар бояд шуд, ки олимону муҳаққиқон дар аксар маврид омилҳои дохилии сиёсати забониро ба инобат гирифта, ба масъалаи мақоми ҷаҳонии он таваҷҷуҳи камтар зоҳир намудаанд. Аммо тӯли чанд даҳсолаи охир ин масъала аз ҷониби як қатор давлатҳои олам ба таври ҷиддӣ роҳандозӣ гардида истодааст. Масалан, паҳн намудани забони англисӣ дар ҷомеаҳои ғайрианглисӣ сиёсати дарозмуддати хориҷии давлат мебошад, ки барои баланд намудани мақоми ҷаҳонии забон роҳандозӣ мешавад.

---

[1] Тағйири номи 10 шаҳру ноҳия ва обанбори Қайроққум (01.02.2016) [Маводи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/10689.

Тӯли ду даҳсолаи охир ташкилотҳои расмӣ ва ҷамъиятии Олмон барои паҳн намудани забони немисӣ фаъолона амал намуда истодаанд. Худи Ҳукумати Олмон бошад сиёсати забониро «қисми таркибии сиёсати хориҷӣ ва воситаи хубтару беҳтар амалӣ намудани мақсадҳои хориҷии давлат»[1] номидаанд. Тӯли ду даҳсолаи охир Ҳукумати Чин дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Паҳн намудани забони хитоӣ дар саросари олам стратегияи махсуси сиёсати хориҷии Чин маҳсуб меёбад. Барои ин Ҳукумати Чин мақомоти махсусгардонидаи давлатиеро зери унвони «Ханбан» таъсис додааст, ки вазифаи асосии он паҳн намудани забони хитоӣ дар олам мебошад. Ханбан дар навбати худ дар кишварҳои олам Институтҳои Конфутсийро таъсис дода, дар он хоҳишмандонро забони хитоӣ меомӯзонад. Соли 2011 Ҳукумати Чин барои фаъолияти марказҳои мазкур зиёда аз 500 млн. доллар ҷудо намуда буд, айни замон ин маблағ қариб 1 милиардро ташкил медиҳад.[2] Тӯли солҳои охир чунин фаъолнокӣ аз ҷониби Россия низ ба мушоҳида мерасад. Мувофиқи консепсияе, ки соли 2015 зери унвони «Консепсияи дастгирии давлатӣ ва тавсеаи забони русӣ дар хориҷа» забони русӣ яке аз «воситаҳои асосии амалисозии стратегияҳои хориҷӣ ва воситаи муҳимми ҳимояи манфиатҳои хориҷии Россия» муаррифӣ гардидааст.[3]

Забони тоҷикӣ ва ҳамзамон ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсии мо ба ҳисоб меравад. Забони миллӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ буда, дар пойдорӣ ва таҳкими давлати миллӣ мақом ва нақши муҳим дорад ва ба ҳамин далел забони миллат бунёд ва пояи давлат маҳсуб мешавад. Имрӯз равшан аст, ки гуногунрангии забон, фарҳанг, сиёсат, иқтисод, дин ва дигар шаклҳои зиндагии маънавии одамон бояд дар асоси масъулияти баланд ва ҳисси ҳамаи

[1] Bericht der Bundesregierung. Die Stellung der deutschen Sprache in der Welt. – Auswaertiges Amt, Bonner-Universitaets-Buchdruckerei, 5300 Bonn 1, 1985. – S. 14

[2]Русские массово учат китайский язык. Как будущий государственный? [электронный ресурс]. URL:http://kolokolrussia.ru (дата обращения: 25.04.2019 г.)

[3]Ниг.: Концепция государственной поддержки и продвижения русского языка за рубежом [электронный ресурс]. URL: http://kremlin.ru (дата обращения: 12.05.2019 г.)

шаҳрвандон, новобаста аз мансубияти миллӣ ва мавқеи диннӣ ва сиёсӣ ба таърих, ҳаёт ва қудрати Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид мешаванд. Ин асос барои рушди устувори инсон дар Тоҷикистон мебошад. Дар бораи мероси тоҷикӣ, ки имрӯз дар кишвар зиндааанд, зарур аст, ки принсипи муҳимми мавҷудияти он - муттаҳидшавии зиддиятҳои марҳилаҳои гуногун қайд карда шавад, онҳо дар ақлу дили мо ҳастанд, онҳо ифтихори миллӣ ва сарвати миллӣ мебошанд.[1]

Ҳамин тавр, сиёсати забонӣ ҳамчун унсури таркибии инкишофи иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ мавқеи хоса дорад. Маҳз, ба воситаи забон халқи тоҷик метавонад арзишҳои фарҳангии худро ҳифз намояд, баҳри рушди худшиносии миллӣ, ташаккули идеяи миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ талош намоянд. Агар мо худшиносии миллӣ, идеяи ягонаи миллӣ дошта бошем, ҳеҷ як гурӯҳ ё хатаре забону миллати моро таҳдид карда наметавонад. Зеро дар атрофи идеяи ягонаи миллӣ муттаҳид гардидани мардуми кишвар омили рушди давлат ва ҷомеа мебошад. Забони миллӣ ва ҳамзамон ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсии мо ба ҳисоб меравад. Забони миллӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ буда, дар пойдорӣ ва таҳкими давлати миллӣ мақом ва нақши муҳим дорад ва ба ҳамин далел забони миллат бунёд ва пояи давлат маҳсуб мешавад.

### 2.3. Мақом ва нақши Истиқлоли сиёсӣ таҳкими сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон: дарёфти роҳу воситаҳои зиддиятҳо ва муқовиматҳои эҳтимолӣ

Миллати тоҷик баробари ба даст овардани истиқлолият дар рушди арзишҳои фарҳангиву инкишофи тамаддуни худ, махсусан, забони тоҷикӣ ва рушди забони тоҷикӣ қадамҳои боз ҳам боҷуръаттар гузошт. Зеро Истиқлолияти сиёсӣ шароит фароҳам овард, то ки тоҷикон боз ҳам рушд

[1]Ниг.: Махмадов, А. Н. Современный Таджикистан [Текст] : диалектика независимости и интеграции (политико-правовой анализ) / А. Н. Махмадов, Л. Л. Хопёрская. – Душанбе, 2016. -С. 52.

намуда, арзишҳои гаронбаҳои худро бо шакли нав муаррифӣ намоянд. Забони тоҷикӣ низ дар ин давра инкишофи бемайлонро соҳиб гардид. Аз ҷониби Ҳукумат ва Пешвои муаззами миллат сиёсати оқилонае пеш гирифта шуд, ки ба рушди забон мусоидат намуд. Сиёсати забони давлатӣ ин сиёсате мебошад, ки барои пуштибонӣ аз забони давлатӣ, рушд ва такомули забон дар алоқамандӣ бо идеологияи давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Имрӯз ҳам ин сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гашта истодааст.

Истиқлолияти давлатӣ дар посдории забони давлатӣ низ нақши бориз дорад. Он забони модариро ба шоҳроҳи инкишоф бароварда, имконият фароҳам овард, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Ин чунин маъно дошт, ки дар кишварамон тамоми фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, моддӣ ва маънавию маърифатӣ ба забони тоҷикӣ сурат гирад.

Бояд аз мадди назар дур насозем, ки забон дар ҳамаи давру замонҳо як рукни давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи диди сарварони давлат нисбат ба забон ҳадафҳои сиёсӣ муайян мегардид. Нуқтаи назари сарвар ва ходимони давлатӣ ба мақоми забон дар ҷамъият, тадбирҳои давлатӣ оид ба амали забонҳо ва роҳу усулҳои иҷрои он тадбирҳо сиёсати забонро дар мамлакат фароҳам меорад.

Дар ҳар маърузаву суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии забони тоҷикӣ аён мегарданд. Чунончи, Пешвои муаззами миллат ҳанӯз 21 июли соли 2009 зикр намуда буданд, ки «забони давлатӣ, бешубҳа, яке аз арзишҳои бузурги миллӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ, гузашта аз ин, нишонаи возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи пуршебу фарози халқи тоҷик маҳсуб мешавад».

Дар ин як ҷумла сухан аз арзиши миллӣ, пояи давлатдории миллӣ, нишони возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи халқи тоҷик будани забони тоҷикӣ меравад.

Забон дар ҳамаи давру замонҳо як рукни давлатдорӣ буд. Аз рӯйи диди сарварони давлат ба забон ҳадафҳои сиёсии онҳо муайян мегардид. Нуқтаи назари сарвар ва ходимони давлатӣ ба мақоми забон дар ҷамъият, тадбирҳои давлатӣ оид ба амали забонҳо ва роҳу усулҳои иҷрои он сиёсати забонро дар мамлакат фароҳам меорад.

Ин иддаоро таҷрибаи таърихии Тоҷикистони тозаистиқлол собит кард, зиёда аз он бо бурҳону далелҳои воқеӣ ғанитар намуд. Падидаи Тоҷикистон дар бобати ҷойгоҳи иҷтимоию сиёсии забон дар давлатдорӣ ғанитар аст. Он дар гузоришоти Сарвари давлати мо бисёрҷабҳа, яъне, дар робита бо таърихи миллат, дар давлатдорӣ, ташаккули маънавияти ҷомеа, ифтихори миллӣ, масъалаҳои бузургдошт, тозаву беолоиш маҳфуз доштани забони модарӣ маънидод мешавад.

Дар суханрониҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии забони тоҷикӣ аён мегардад. Чунончӣ, ӯ дар Паёми телевизионии худ ба муносибати 20-солагии Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон (21 июли соли 2009) чунин гуфта буд: «Забони давлатӣ, бешубҳа, яке аз арзишҳои бузурги миллӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ, гузашта аз ин, нишонаи возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи пурнишебу фарози халқи тоҷик маҳсуб меёбад».

Дар ин як ҷумла сухан аз арзиши миллӣ, пояи давлатдории миллӣ, нишони возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи халқи тоҷик будани забони тоҷикӣ меравад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки андешаҳои Сарвари давлат дар амалияи зиндагиву фаъолияти халқи тоҷик таҷассум ёфт, ки ин падидаи серҷабҳаро дар таърихи забон бояд аз дастовардҳои пурарзиши илми забоншиносии иҷтимоӣ (сотсиолингвистика) шумурд. Алҳол метавон гуфт, ки дар Тоҷикистон ба туфайли ташаббус ва кӯшишҳои пайгиронаи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кутоҳи таърих дар фаҳмиши моҳият ва корбурди забони миллӣ нуқтаи назар ва таҷрибаи

ғаноманди амалӣ ба даст омад, ки аз он дар маҷмӯъ сиёсати забон фароҳам мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик профессор Абдусаттор Абдуқодиров сиёсати забон аз се масъалаи ба ҳам марбут фароҳам меояд:[1]

1. Нуқтаи назари давлатӣ ба мақоми забон дар ҷамъият. Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикиро забони ягонаи давлатии худ эълом дошт. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст». Дар воқеъ, чаро забони тоҷикӣ ба мақоми давлатӣ бардошта шуд? Он дар қисмати халқи тоҷик чӣ нақши боризе дорад? Чанд масъалаи муҳимми ҷавоби ин суолро номбар мекунем:

- забон ва таърихи халқ бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд, бахусус, таърихи қадимаи халқи мо аз рӯйи далелҳои забонӣ маънидод шудаанд;

- забони тоҷикӣ василаи маҳфуз доштани мероси гаронбаҳои маънавии беш аз ҳазорсолаи халқи тоҷик аст;

- забони модарӣ дар таърихи тӯлонӣ дар муборизаҳо бо аҷнабиён ҳамеша муттаҳидгари халқи тоҷик буд;

- дар забони модарӣ ҳофизаи халқ, ҷаҳони маънавӣ, меъёрҳои ахлоқии халқи тоҷик нигоҳ дошта шудааст;

- забони модарӣ яке аз чаҳор аломати шинохти миллати тоҷик мебошад.

Сиёсати забонӣ маҷмуи принсипҳои идеологӣ ва тадбирҳои амалӣ доир ба ҳалли мушкилоти забонӣ дар ҷомеа мебошад. Сиёсати забонӣ қисми сиёсати миллӣ буда, бо таъсири муассири ҷомеа бо забон алоқаманд аст. Сиёсати забонӣ – маҷмуи тадбирҳои андешидаи давлат, ҳизб, синф, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ дар самти тағйир ё ҳифзи тақсимоти мавҷудаи вазифавии забонҳо ва зернизомҳои забонӣ барои қабули чораҳои нав ё ҳифзи низоми

---

[1]Ниг.: Абдуқодиров, А. Президент ва сиёсати забон дар Ҷумхурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ] / А. Абдуқодиров // Ҳақиқати суғд. – Низоми дастрасӣ: http://www.hakikati-sugd.tj/index.php/politics/2109-prezident-va-sijosati-zabon-dar-to-ikiston

истифодашуда мебошад. Аввалин воситае, ки муносибатҳои байни забонҳоро танзим мекунад, афзалиятҳои муайяни забонҳоро дар бар мегирад.

Маҳз, сиёсати забонӣ рушди минбаъдаи забонро фароҳам месозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати забонӣ ба тарзи комилан дуруст ба роҳ монда шудааст ва татбиқи самараноки он рушду инкишофи забони тоҷикиро таъмин менамояд.

Забони тоҷикӣ дар шумули қадимтарин забонҳои Хуросону Мовароуннаҳр меросбари забонҳои бостонии ориёист. Олимону донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ эътироф кардаанд, ки дар таърихи тамаддуни башар тоҷикон ҳамчун халқи ориёинажод яке аз миллатҳои қадимтарин ва забони модарии мо, яъне, забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои бостонии сайёра ба ҳисоб мераванд.

Решаҳои забони мо ба садсолаҳои пеш аз мелод ва асрҳои аввали солшумории нав, бахусус, ба даврони мавҷудияти забонҳои суғдӣ, бохтарӣ, портӣ ва паҳлавӣ рафта мерасанд.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш қайд намудаанд: “Имрӯз аҳли олам моро бо номи «тоҷикон», давлатамонро бо номи «Тоҷикистон» ва забонамонро бо номи «забони тоҷикӣ» мешиносанду эътироф мекунанд”.[1]

Бо ин забон садҳо ва ҳазорон бузургмардону нобиғагон дурри сухан суфтаанд ва осори безаволу мондагорро ба ояндагон мерос гузоштаанд.

Муҳаққиқи олмонӣ Зандерман бар ин ақида аст, ки дар марҳилаи таҳаввули забони форсии миёна ба форсии нав вожаи “tajik” дар баробари вожаи «parsig» -форсии миёна ва «al-fahlaviya» (забони портӣ ё паҳлавӣ – забоне, ки дар панҷ минтақа: Исфаҳон, Рай, Ҳамадон, Маҳи Наҳованд ва Озарбойҷон бо он гуфтугӯ мекарданд) барои афроди ориёиасле таалluқ мегирад, ки ба забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекарданд. Ӯ дар мавриди шарҳи ибораи “par tazigane awak”, ки дар нусхаи хаттии портӣ дарҷ шудааст ва ин

---

[1] Раҳмон, Э. Табрикот ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ (04.10.2015) [Маводи электронӣ] / Э. Раҳмон. // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/10059

нусха феълан дар Германия нигаҳдорӣ мешавад, гуфтааст, ки мазмуни он “бо забони тоҷикӣ” суҳбат кардан аст. Дар матни ин навишта ба он ишора шудааст ки рӯҳониёни монавӣ ҳангоми ибодат бо забони тоҷикӣ ниёиш мекарданд.[1]

Беҳуда нест, ки хислати миллатро бо меъёри забонӣ муайян мекунанд. Масалан, итолиёиҳо ё ин ки фаронсавиҳо маъниро бештар ба имову ишораи дасту баданашон баён менамоянд. Онҳо зарбулмасале доранд, ки “Агар дасти итолиёиро ба пушт банданд, он дигар гап зада наметавонад”. Замоне, ки лашкари араб ба кишварҳои мо ҳамла кард ва нуфузи дину забонашро афзун намуд, касе аз мардуми таҳҷойии номдори форсу тоҷик араб нашуд. Аммо, вақте ки арабҳо Мисру Сурияро тасарруф намуданд, онҳоро араб карданд ва имрӯз Мисру Сурия сарзамини арабист. Чунин аст хусусияти ҷаҳонии забони тоҷикӣ, ки дар тӯли қарнҳо асолати миллиро нигоҳ дошта тавонист. Ҳатто муғулҳои бодиянишин тавассути он исломро қабул намуда, ин забонро то ба Ҳиндустон бурданд.[2]

Забон василаи ифодаи фикру андеша аст, бо тафаккур пайванди азалӣ ва абадӣ дорад. Муҳаққиқон ҳар гуна нишонае, ки ба василаи он зиндае (мавҷуде) битавонад ҳолат ё маъонии мавҷуд дар зеҳни худро ба зеҳни мавҷуди зиндаи дигар интиқол диҳад, забон номида, муносибати мутақобилаи онро бо тафаккур дар масири зиндагии инсонӣ арзёбӣ кардаанд.

Дар бораи таърих, мақом, бузург будани забонҳо таҳқиқоти мухталиф мавҷуд ҳастанд, ки инсонҳо дар бораи мавҷудияти забонҳои гуногун, мураккабу оддӣ будани гуфтори онҳо қисса ва таълимоти зиёде доранд. Масалан, дар нимаи дуюми асри XX бостоншинос ва мардумшиноси боливиягӣ Дик Грассо дар пойтахти Боливия шаҳри Ла-Пас бо нафароне вохӯрд, ки хатҳои иероглифиро, ки таърихи 400 сола доштанд, хонда метавонистанд. Яъне, сухан дар бораи тамаддуни инкҳо меравад, ки

[1]Ниг.: Sundermann, W. An early attestation of the name of the tajiks. Berlin, 1993.
[2]Ниг.: Муҳаммад, А. Н. Инсон, сиёсат ва ҷомеа [Матн] / А. Н. Муҳаммад. – Душанбе: Империал-групп, 2018. – С. 86.

ғосибони испанӣ маданияти онхоро дар асри XV несту нобуд карда буданд. Он нафаронеро, ки Дик Грассо пайдо карда буд, алифбои лотинӣ ва забони испаниро намедонистанд, аммо ба усулҳои авлодии ниёгонашон системаи хатти иероглифиро, ки решаҳои он то ба ҳазораи пеш аз милод мерасад, озодона мехонданд.

Ё ин ки мо бештар дар мақолаву китобҳо бо чунин мафҳумҳо рӯбарӯ мегардем: забони фарҳанги мо, донишкадаи забонҳо, робитаи байни забон ва тафаккур, забони аҳли биҳишт, забони ишқ ва ғ.

Ҳамзамон, бо рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ мафҳумҳои забонҳои иттилоотӣ, алгоритмӣ ва техникӣ ба миён омадаанд, ки бо онҳо ягон халқ ва ё миллат муошират надорад, аммо бе онҳо имрӯз ҷомеаи инсонӣ худро тасаввур карда наметавонад. Ҳамин тавр, маънои забон бо тамоми гуногунии системаи аломатҳояш аҳаммияти худро абадан нигоҳ дошта, моро водор менамояд, ки нисбати бузургии чунин арзиши бебаҳо ифтихор дошта бошем ва забони давлатиро муқаддас донем. Забон яке аз бузургтарин омилҳоест, ки на танҳо бартарии инсонро аз дигар махлуқоти олам фарқ мекунонад, балки бузургӣ, ифтихор ва бобарории ҳар як миллату халқиятҳоро муаррифӣ менамояд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш қайд намудаанд: «Имрӯз қаламрави забони форсӣ дар марзҳои якчанд кишвари мустақили ховарзамин ва нуфуси форсигӯён дар бисёр кишварҳои Аврупо ва Амрико паҳну парешон аст. Ва фақат нобиғаҳое чун Рӯдакию Фирдавсӣ тавонистанд, ки ҳатто ҳазор сол баъд аз сари худ ҳамаи моро гирди ҳам оранд. Ин гирдиҳамоӣ маҳфили ақлу хираду фаросату башардӯстист». [1]

Истиқлолияти давлатӣ дар посдории забони давлатӣ низ нақши бориз дорад. Он забони модариро ба шоҳроҳи инкишоф баровард, имконият фароҳам овард, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Инчунин

[1]Раҳмонов, Э. Суханронӣ дар Симпозиуми байналхалқӣ бахшида ба ҳазораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ 5 сентябри соли 1994 [Матн] / Э. Раҳмонов. // Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. – Душанбе, 1995. – 208 с.

маъно дошт, ки дар кишварамон тамоми фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, моддӣ ва маънавию маърифатӣ ба забони тоҷикӣ сурат гирад.

Албатта, дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо кӯшиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии забони тоҷикӣ ба куллӣ дигар шуд. Бо дарки муҳимтарин ва умдатарин масъала, яъне, хусусияти муттаҳидгардонӣ ва ваҳдатофарии забон Роҳбари давлатонро ҳамчун рукни устувору побарҷои давлатдории навини тоҷикон эътироф намуданд, ки аз азамату ҷалол ва иқтидору нерую тавоноии забони тоҷикӣ сарчашма мегирад.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва ташаббусҳои пайвастаи Пешвои миллат забони тоҷикӣ ба феҳристи забони давлатҳои мустақили ҷаҳон дохил шуд, барои шинохти миллати тоҷик ба сифати мардуми дорои ҳама аломату нишонаҳои миллати таърихӣ заминаҳои сиёсӣ фароҳам омад ва дар ориёшиносӣ ва ё эроншиносии муосир шохаи сифатан нави тоҷикшиносӣ ҷойи расмӣ ва мустақиле барои худ пайдо намуд.

Дар баробари ин, чунонки Пешвои миллат таъкид мекунанд, ҳар шаҳрванди кишвар барои поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ кӯшиш карда, падару модарон бояд ба наслҳои оянда одоби муошират ва суханвариро бо ин забони ширину шоирона омӯзонанд, зеро беэътиноӣ ба забони модарӣ беэҳтиромӣ нисбат ба миллату Ватан, модар ва таъриху фарҳанги хеш аст.

Бахусус, ташкил намудани мулоқоту суҳбатҳо бо ҷалби олимону адибони маъруф, омӯзишу мутолиаи асарҳои илмиву адабӣ, аз бар кардани шеърҳо ва ғайра, ки имконияти бештари бедор намудани завқу шавқи ҷавононро дар пай доранд, барои қавӣ гардонидани ҳофизаи таърихии хонандагону донишҷӯён зарур мебошад.

Дар партави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бевосита бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ду марҳила ҳуҷҷатҳои барномавӣ ҷиҳати

ташаккул ва рушди забони давлатӣ қабул карда шуданд. Аз ҷумла, «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012 ва «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020 тасдиқ гардиданд.

Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои сиёсати давлатӣ оид ба забон қабул гардида, дар рушду густариш ва баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ нақши муҳим дошта, бобати инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меорад.

Бояд зикр намуд, ки барномаи мазкур барои ташаккули худшиносӣ, худогоҳии шаҳрвандон, боло бурдани ҳисси ватандӯстӣ ва рушди ҷаҳонбинии сиёсиву фарҳангии аҳли ҷомеа таҳия шудааст.

Ҷавҳари сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатамонро дар самти сиёсати давлатӣ оид ба забон, эътирофи забони давлатӣ ҳамчун омили муҳимтарини ҳастии давлат ва миллат, густариши истифодаи забони давлатӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани омӯзиши забони адабӣ, инчунин, ҷараёни мукаммалу муназзами риояи қоидаҳои он ба сифати арзиши олии давлатӣ ташкил додааст.

Бори нахуст дар таърихи давлатдории мо забони тоҷикӣ аз муқаддасоти давлат дониста шуд, ки нишони аҳаммияти махсуси давлатӣ нисбат ба забони модарист. Дар ин росто, муҳиммияти муқаддасоти мазкур, қабл аз ҳама, дар асарҳои калидӣ ва оламшумули Пешвои миллат инъикоси пурвусъат ёфтаанд. Яъне, китобҳои Роҳбари давлат худ таҷассумгар ва таҳкимбахши заминаҳои таърихӣ ва рушди забони тоҷикӣ мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки Пешвои муаззами миллат дар таълифоти илмию таҳқиқотиашон муҳимтарин масъалаҳои миллат ва забонро мавриди баррасӣ қарор дода, иртиботи бевоситаи ин ду рукни муҳимми миллатсоз ва давлатсозро пайваста таъкид месозанд. Аз ҷумла, асарҳои «Тоҷикон дар

оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён» (2002), «Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён» (2002), «Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориёнто Сомониён» (2006), «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», (2006), суханрониҳояшон дар маҳфилу чорабиниҳои гуногун оид ба сиёсати забонии давлат, муайян кардани самтҳои асосии инкишофи забон ва забоншиносии тоҷик нақши бунёдӣ ва раҳнамоӣ доранд.

Дар ин радиф, махсусан, асари дуҷилдаи «Забони миллат – ҳастии миллат», ки сайри таърихии забони тоҷикиро аз замони қадим то имрӯз дар бар гирифтааст, бори дигар собит сохт, ки Пешвои муаззами миллат нисбат ба тақдири забони давлатӣ таваҷҷуҳи хоса дошта, оид ба рушду такомули минбаъдаи он пайваста андешаронӣ мекунанд.

Дар ин асари бунёдӣ дастовардҳои навтарини забоншиносиву тоҷикшиносии ватаниву ҷаҳонӣ ҷамъбаст гардида, аз лиҳози сабку ҷо баҷогузории мавод ва тарзи пешниҳод аз дигар осори забоншиносӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Аз ин рӯ, дар марҳалаи сифатан нави давлатдории мо — тоҷикон, таълиф ёфтани асари гаронбаҳои «Забони миллат – ҳастии миллат» аз як ҷиҳат барои муаррифии забони мо – нишони ҳастии мо хизмати бузургро ба анҷом расонида бошад, аз ҷониби дигар арҷгузорӣ ба забони миллат, ҳалли якчанд масъалаҳои баҳсталаби забоншиносии тоҷик ва бозгӯи қудрату манзалат, ҳифзи асолати забони тоҷикӣ аз гузашта то ба имрӯз аст.[1]

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи устувори хешро пайдо кардааст. Имӯз кишвари мо бо зиёда аз 140 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, 150 давлат истиқлолияти моро эътироф кардааст. Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуда, узви комилҳуқуқи 80 созмони байналмилалӣ, минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ мебошад ва бо аксари

---

[1]Ниг.: Насриддинзода, Э. Эҳё ва рушди забони давлатӣ дар партави сиёсати фарҳангии Пешвои миллат [Маводи электронӣ] / Э. Насриддинзода // Агентии Миллии Иттилоотии Тоҷикистон «Ховар». – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2022/09/e-yo-va-rushdi-zaboni-davlat-dar-partavi-siyosati-far-angii-peshvoi-millat-ba-r-zi-zaboni-davlatii-um-urii-to-ikiston-bahshida-meshavad

мамлакатҳои ҷаҳон робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намудааст. Дар ин замина, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва поку бегазанд нигоҳ доштани онҳо бисёр муҳим мебошад.

Мувофики таҳқиқоти Академияи илмҳои Фаронса дар дунё зиёда аз 2796 забон мавҷуд аст, ки онҳо ба ёздаҳ гурӯхи калон ва понздаҳ гурӯҳи забонҳои хурд тақсим мешаванд. Мардумоне, ки бо ин забонҳо сухан меронанд, аз ҳафт то ҳашт ҳазор лаҳҷаву гуйишро истифода мебаранд. Олимони немис бошанд, тасдиқ менамоянд, ки халқҳои ҷаҳони имрӯза бо 4 ҳазор забон суҳбат мекунанд. Дар таҳқиқоти илмӣ қариб, ки 5600 забони зинда ва мурдаро мавҷуд медонанд.[1] Умуман, дар илмҳои забоншиносию ҷомеашиносӣ дар бораи шумораи умумии забон ва диалекти гӯйиши гуногуни мардумони кураи Замин баҳсҳои хеле шавқоваре мавҷуд аст, ки диққати ҳаводорони ин мавзуъро ба худ ҷалб менамояд. Аммо муҳим он аст, ки ҳар кас мехоҳад мақоми забони модарии худро хубтару авлотар донад. Асрори мантиқии ин ҳолат бештар аз тарбияи шахсият ва ифтихори ватандорӣ вобастагӣ дорад, ки дар қатори дигар омилҳо забонро яке аз воситаҳои асосии миллатсозӣ ба ҳисоб мегирад.

Хусусиятҳои гуногуни забонҳои бузург метавонанд мардумони дигар қавму миллатҳоро ба худ ром намуда, зеҳнияти онҳоро тағйир диҳад. Ба замми ин, боз дигар равандҳои тағйирёбандае маълум аст, ки забони гуфтугӯйи одамон аз хотираҳо ба фаромушӣ мераванд. Масалан, тоҷикони бумии Чин забони тоҷикиро кариб, ки фаромӯш кардаанд. Забони муошироти онҳо дар раванди таълиму тарбия забони уйғурӣ ҳаст ва дар вақти суҳбат вожаҳои зиёди архаистиеро истифода мебаранд, ки бо мурури замон шакл ва мазмуни дигар гирифтаанд.

Дар Афғонистон низ ормуриҳо ва пошоиҳо, ки ба забони форсӣ гап мезананд, худро тоҷик меҳисобанд. Бояд гуфт, ки этноними «тоҷик» дар чунин ҳолат бештар бо ду маънӣ истифода мешавад. Якум, он ҳамчун

[1] Михневич, А. Е. Язык которого нет… [Текст] / А. Е. Михневич. – Минск: Нар.асвета, 1988. – С. 5-6.

умумияти генетикию этнозабонии одамонро ифода менамояд, ки забони форсӣ-тоҷикӣ барои онҳо забони модарӣ мебошад. Дувум, мафҳуми «тоҷик» бештар умумияти генетикӣ ва фарҳанги як қатор халқҳои Осиёи Миёнаро низ ифода менамояд. Барои мисол, мо метавонем инро ба мафҳуми «славян» ё «миллатҳои славянӣ» муқоиса намоем, яъне, ба мисли мафҳумҳои «тоҷик» ва «тоҷиктаборон».

Дар ин ҷо бояд тазаккур дод, ки Ҳокимияти Шӯравӣ соли 1929 дар Тоҷикистон ба ҷойи алифбои арабиасос алифбои лотиниро ҷорӣ намуд ва баъдан соли 1940 ба ҷойи он ҳуруфи кириллиро бо шаш ҳарфи нав ворид кард. Аввалин маротиба забони тоҷикӣ соли 1989 мақоми давлатӣ гирифт ва Қонун дар бораи забони давлатӣ қабул шуд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда замони соҳибистиқлолӣ боз барои рушду пешрафти забону анъанаву дигар суннатҳои миллӣ уфуқҳои нави таҳлилу баррасиҳоеро пайдо намуд, ки барои устувории хотираи таърихӣ ва аз нав барқарор намудани саҳифаҳои фаромӯшшудаи таърихӣ заминаи воқеӣ ба миён овард.

Новобаста аз тағйироги гуногуни ҷаҳонишавӣ, нақши инсон дар таърих ва тамаддуни башар беназир аст. Ҷаҳонишавӣ равандест, ки зери таъсири он фазои гуногуни иҷтимоӣ марҳала ба марҳала ба низоми ягонаи ҷаҳонӣ табдил меёбад. Зери таъсири ҷахонишавӣ шабакаҳои иттилоотӣ, андеша, арзиш, сармоя, молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, намунаҳои рафтор ва шаклҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ бе ягон монеа дар низоми ягонаи ҷаҳонӣ омезиш ёфта, фаъолияти одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ниҳодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва муносибати мутақобилаи миёни онҳоро тағйир медиҳад.

Ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ зери таъсири омилҳои зерин вусъати тоза пайдо намудааст:

а) пайдоиши иттиҳодия ва ҷамъиятҳои саҳомии фаромиллӣ, афзоиши иқтидори сиёсию иқтисодии онҳо (айни замон дар ҷаҳон аз 5/1 ҳиссаи маҳсулоти хоҷагии халқ ва саноатӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои мазкур истеҳсол мегарданд);

б) рушди босуръат ва ба таври фавқулода сарватманду ғанӣ гардидани бонкҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳои молиявию суғуртавӣ;

в) рушди бомаром ва фаъолияти самараноки шабакаҳои тиҷоратии ҷаҳонӣ (айни замон шабакаҳои тиҷоратии мазкур ҳамаи сарҳадҳои гумрукӣ ва байнидавлатиро убур намуда, дар муқоиса бо иқтисоди миллии давлатҳои алоҳида мавқеи мустаҳкамтарро соҳиб гардидаанд);

г) инқилоби компютерӣ, пайдоиши технологияҳои нави иттилоотӣ ва шабакаҳои пуриқтидори иттилоотӣ, ки тамоми минтақаҳои ҷаҳонро фаро гирифта, зери таъсири онҳо тарзи зиндагӣ ва шакли муносибати одамон дигаргун гардида истодаанд.

Рушди иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки кишварҳо бо суръати тез ба ҳам наздик мешаванд ва ин наздикшавӣ ба ҷаҳонишавии устувор оварда мерасонад. Масъалаҳои глобалӣ ин масъалаҳое, ки мансуб ба миқёси тамоми курраи замин мебошанд. Дар раванди ҷаҳонишавӣ масъалаи асосиро мақом ва нақши давлатҳои миллӣ ташкил медиҳад. Давлати миллӣ то кадом андоза нуфузашро нигоҳ медорад ё мавқее, ки то ин дам дошт, аз даст медиҳад. Масъалаи мазкур диқати бештари муҳаққиқонро ҷалб намудааст ва табиист, ки андешаи якранг низ вуҷуд надорад ва буда ҳам наметавонад. Зеро тамоми таҳлилҳо дар доираи манфиятҳои субъектони татқиқот сурат мегирад. Аммо як чизро бояд гуфт, ки дар раванди глобализатсионӣ мавқеъ ва нуфузи ширкатҳои фаромиллӣ барзиёд мегардад. Он бештари вазифаҳои давлати миллиро ба зиммаи хеш мегирад ва аз бисёр ҷиҳат мақоми давлати миллиро танг менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати соҳибистиқлол имрӯз дар шароити глобализатсионӣ рушд намуда истодааст. Дар ин замина, ҳифзи арзишҳои миллӣ бисёр муҳим мебошад. Хусусияти Тоҷикистон дар он аст, ки минтақаҳои танзими гурӯҳҳои этникӣ бо сарҳадҳои давлатӣ мувофиқ нестанд. Тоҷикон, Тоҷикистон ва тоҷикистониён дар саросари ҷаҳон ва тамаддунҳои мухталиф қарор доранд ва танҳо таносуби дурусти сиёсат дар

саросари ҷаҳон сулҳ, субот ва рушди устуворро таъмин хоҳад кард. Самти сиёсии яке аз гурӯҳҳои этникӣ ва динӣ, ба монанди фоҷиа, ба мисли он ки дар аввали солҳои 90-ум пайдо шуда буд, ҳангоми кӯшиши хароб кардани табиати дунявии давлат сурат гирифт. Бинобар ин, зарурати муҳимтарини устувории геополитикии минтақаи сарҳадӣ ва мақоми геополитикии Тоҷикистон - татбиқи тавозуни сиёсат, мувофиқат ва ваҳдат бо номи сулҳ, субот ва рушд мебошад. Ин ягона будани Тоҷикистон аст, ки манфиатҳои миллии худро муайян мекунад, таъмини суботи иҷтимоиву сиёсӣ, амнияти миллӣ, милитсия ва ҳамоҳангии байнидавлатӣ, ки бе он рушд ва мавҷудияти давлат ғайриимкон аст.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ донистани забонҳои хориҷӣ аҳаммияти басо муҳим дорад. Як нуктаи бисёр ҷолибе, ки дар суханронии Сарвари давлат ба муносибати Рӯзи забон (22 июли соли 2008) таъкид гардида буд, ин омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар заминаи забони тоҷикӣ ва ё забони давлатӣ дониста мешавад. Ин ҳидояти Президенти муҳтарами кишвар водор месозад, то забонҳои хориҷӣ на дар заминаи забони бегона, ки он низ забони хориҷӣ маҳсуб мешавад, балки бояд бар пояи меъёрҳои забони модарӣ ва риояи вижагиҳои он омӯхта шавад. Ин шеваи омӯзиш барои робитаҳои озоди мо бо кишварҳои ҷаҳон ва арҷ гузоштан ба забони давлатӣ дар баробари забонҳои дигар равиши мусбат арзёбӣ мегардад. Бояд эътироф кард, ки меъёри донистани чандин забон на танҳо барои робитаҳо дар ҷаҳони муосир, балки ин меъёр ҳанӯз дар чандин кишварҳои шарқи бостон, аз ҷумла Шумер, Бобул, Элам, давлатдории Ҳахоманишиён, Портҳо ва Сосониён низ роиҷ будааст. Ҳамчунон ки аз таърих медонем, тақрибан ҳама тамаддунҳои шарқи бостон бар пояи тамаддунҳои чандинзабонӣ ва дар ниҳоят дузабонӣ пайдо шудаанд. Дар ин кишварҳо ҳар фард ҳадди ақал ба ду забон тасаллут доштааст.

Сиёсати донистани чандин забон, ки имрӯз аз ҷониби Сарвари давлати мо аз тамоми ҷавонон ва кормандони мақомоти идораи давлатӣ тақозо

мешавад, барои рушди солими шахсият ва ҷомеа ва дастрасии ҳар як фард ба иттилооти ҷаҳонӣ дар замони муосир аз падидаҳои хеле мусбат арзёбӣ мегардад. Дар масоили омӯзиши забонҳо дар партави ин сиёсат мо дастовардҳои хуберо дар кишвари хеш мушоҳида мекунем. Ҳоло сафи ҷавононе, ки ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забонҳои шарқӣ ва ғарбӣ талош меварзанд, аз даврони қабл аз Истиқлолият ба маротиб бештар буда ва дар ҷумҳурӣ барои омӯзиши забонҳо имконоти фаровон фароҳам оварда шудааст, ки ин ҳама аз баракати Истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати миллии Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар Тоҷикистон забон ва лаҳҷаҳои зиёде мавҷуданд: ба монанди яғнобӣ, шуғнонӣ, бартангӣ, сариқулӣ язғуломӣ, ишкошимӣ, мунҷонӣ, вахонӣ, ринӣ, сангличӣ ва ҳоказо.[1] Баъзе забонҳои ВМКБ аллакай дар Китоби сурх дохил карда шудаанд, ки дар бунбасти нобудӣ қарор доранд ва дар ҳалли ин масъала ва нигоҳдории ин забонҳо барои наслҳои оянда бисёр зарур аст. Умуман, гурӯҳи забонҳои помирӣ хатти мустақил надоранд ва ҳамаи онҳо ба шохаи эронии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансубият доранд. Дар вақти гуфтугӯ танҳо намояндагони се диалекти онҳо ҳамдигарро мефаҳманду халос. Аз ин рӯ, забони муошırати байни ин гуфторҳо аз қадимулайём забони ноби тоҷикӣ мебошад. Ҳамзамон, аҳолии ин минтақаи Тоҷикистон аксар ду ва ё сезабона буда, дар фаҳмашон хусусиятҳои билингвистӣ доранд. Ҳамин тавр, забони тоҷикӣ забони муошират, забони дину ойин ва такягоҳи асосии ҳувияти миллии тоҷикистониён мебошад.

**1.** Забони шуғнонӣ (ё шуғнӣ) бо гӯйишҳои балҷувӣ, шоҳдарагӣ ва дарвозӣ. Таъсири забонҳои шуғнонӣ ва гӯйишҳои мазкур зиёд аст ва ва гӯйишварони балҷувӣ, шохдарагӣ ва дарвозӣ берун аз макони ривоҷи ин гӯйишҳо мекӯшанд, ки бо шуғнонӣ такаллум кунанд.

**2.** Забони рӯшонӣ. Дар ноҳияи Рӯшон, ки марказаш шаҳраки Вомар аст, аз резишгоҳи рӯди Бартанг, рустои Йемс қад-қади рӯдхонаи Панҷ то

[1] Муҳаммад, А. Н. Инсон, сиёсат ва ҷомеа [Матн] / А. Н. Муҳаммад. – Душанбе: Империал-групп, 2018. – С. 94

рустоҳои Вознав ва Шиз ва минтақаи ҳамҷавори он дар Афғонистон ин забон ривоҷ дорад.

**3.** Забон ё гӯйиши мардуми водии Хуф, ноҳияи Рӯшони Тоҷикистон. Бархе аз помиршиносон онро забони хуфӣ[1] бархи аз дигар гӯйиши хуфии забони рӯшонӣ муаррифӣ кардаанд. Бояд зикр намуд, ки хуфиён дар муҳити гӯйишварони рӯшонӣ дар такя бо забони рӯшонӣ суҳбат мекунанд ва дар байни гӯйишварони шуғнонӣ мекӯшанд ба забони шуғнонӣ наздик такаллум кунанд.

**4.** Забони бартангӣ дар байни сокинони ду соҳили рӯдхонаи Бартанг дар ноҳияи Рӯшони Тоҷикистон мустаъмал буда, шомили гӯйишҳои сипинҷӣ ва равмедӣ мебошад.[2]

**5.** Забони рошорвӣ ё орошорӣ дар ду соҳили қисми болооби рӯдхонаи Бартанг роиҷ аст. Гуфтори зодагони деҳоти минтақае, ки бар асари зилзилаи соли 1912 зери об монд ва дар ҷои он кӯли Сарез пайдо шуд, низ яке аз гӯйишҳои забони рошорвӣ будааст.[3]

**6.** Забони сариқулӣ - дар минтақаи Тошқӯрғони ноҳияи худмухтори Ӯйғуристони Чин мустаъмал аст ва ба забонҳои бартангӣ ва рошорвӣ қаробат дорад. Чунонки Т.Н Пахалина зикр кардааст, ба ин забон ҳудуди 10 ҳазор нафар аҳолии ин макон такаллум мекунанд ва се гӯйиши он роиҷ аст[4]. Теъдоде аз сарикулиҳо дар ноҳияи Мурғоби Бадахшони Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд. Забони қирғизӣ дар гуфтори сариқулиёни Мурғоб таъсири зиёде бар ҷой гузоштааст.

**7.** Забони ванҷии қадим то аввалҳои асри 19 мелодӣ дар ноҳияи Ванҷи Бадахшони Тоҷикистон ривоҷ дошт ва калимоте аз он тавассути

[1]Ниг.: Соколова, В.С. Рушанские и хуфские тексты и словарь [Текст] / Акад. наук СССР. Ин-т языкознания. – М.-Л.: Изд-во Акад. наук СССР, 1959. — 336 с.
[2]Ниг.: Соколова В. С. Бартангские тексты и словарь [Текст] / Акад. наук СССР. Ин-т языкознания. — М.-Л.; Изд-во Акад. наук СССР, 1960. — 197 с.
[3]Ниг.: Зарубин, И.И. Орошорские тексты и словарь [Текст] / И.И. Зарубин // Тр. Памирской экспедиции 1928 г. Вып. VI: Лингвистика. - Л., 1930. – 375 с.
[4]Ниг.: Пахалина, Т.Н. Сарыкольский язык: (исследование и материалы) [Текст] / Т.Н. Пахалина. — М.: Наука, ГРВЛ, 1966. – 239 с.

шарқшиносии рус И.И. Зарубин то ба имрӯз расидааст. Муҳаққиқони эронишинос ин забонро низ мансуб ба гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ донистаанд.[1]

Бояд гуфт, ки намояндагони забону лаҳҷаҳои гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ гуфтори ҳамдигарро хуб дарк мекунанд ва матлабро бидуни тарҷумон мефаҳманд. Танҳо дарки забони сариқулӣ барои дигар намояндагони ин забону лаҳҷаҳо мушкил аст.

Забонҳои дигари бадахшонӣ (помирӣ) то он ҳадде аз забонҳои гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ мутафовитанд, ки матлаби ҳамдигарро намефаҳманд ва бинобар ин бо ҳамдигар бо забони тоҷикӣ ҳарф мезананд. Забонҳои помирие, ки шомили гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ намебошанд, дар осори эроншиносӣ ба таври зайл зикр шудаанд:

1. Забони язғуломӣ - дар водии Язгуломи ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва қисман дар води Вахши вилояти Хатлони Тоҷикистон мустаъмал аст ва теъдоди гӯйишваронаш ҳудудан ду ҳазор нафар аст. Ин забон ду гӯйиш (лаҳҷаҳои саргаҳ ва поёни водии Язгулом) дорад.[2]

2.Забони ишкошимӣ - дар деҳаҳои Рэн ва Сумҷини ноҳияи Ишкошими Тоҷикистон ва низ ба унвони забони сангличӣ ва зебокӣ дар Бадахшони Афғонистон мустаъмал аст. Дар байни гӯйишҳои ишкошимӣ сангличӣ ва зебокӣ тафовутҳои фонетикӣ ва луғавӣ ба назар мерасад.[3] Муҳаққиқон сангличиро ба унвони забон низ баррасӣ кардаанд. Теъдоди гӯйишварони забони ишкошимӣ дар Тоҷикистон ҳудуди ҳазор нафар аст.

3. Забони вахонӣ - дар ҳудуди ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон, дар қисмати чапи водии Вахони Афғонистон, дар манотиқи Чатрор ва Хунзои Покистон ва, ҳамчунин, дар

---

[1]Ниг.: Зарубин, И.И. К списку памирских языков [Текст] / И.И. Зарубин // Доклады российской академии наук. Л., 1924. – С. 79-81.
[2]Ниг.: Эдельман, Д.И. Язгулямский язык [Текст] / Д.И. Эдельман; АН СССР, Ин-т языкознания. - М.: Наука, 1966. – 219 с.
[3]Ниг.: Пахалина, Т.Н. Ишкашимский язык: [Текст] Очерк фонетики и грамматики, тексты и словарь / Т.Н. Пахалина; Акад. наук СССР. Ин-т языкознания; отв. ред. В. И. Абаев. - М. : Изд-во Акад. наук СССР, 1959. – 254 с.

Сариқули Чинривоҷ дорад.[1] Ин забон ҳам дар водии Вахон ва ҳам дар манотиқи дигар гӯйишҳои сершумор дорад.

4. Забони мунҷонӣ - дар водии Мунҷони вилояти Бадахшони Афғонистон роиҷ аст ва баъзе аз муҳаққиқон онро бозмондаи забони бохтарӣ шумурдаанд. Дар деҳаи Торҷи водии Шохдараи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мунҷониҳое иқомат доранд, ки дар гузашта аз Мунҷон ба ин ҷо муҳоҷират кардаанд. Акнун мунҷониҳои солманди ин деҳа ба форсӣ-тоҷикӣ ва ҷавонону кӯдакон ба лаҳҷаи шохдарагии забони шуғнонӣ такаллум мекунанд.

Аз байн рафтани забони мунҷонӣ дар Шохдара, забони сариқӯлӣ дар Мурғоб ва забони ванҷии қадим дар Ванҷ гувоҳӣ медиҳад, ки теъдоди забонҳои эронии шарқии Бадахшон ба тадриҷ коҳиш меёбад.

Таърихи ташаккул ва таҳаввул, сохтори савтӣ ва луғавию грамматикии забонҳои помирӣ дар китобу мақолаҳои сершуморе баррасӣ гардида, ҷамъбасти ин пажӯҳишҳо дар ҷилди сеюми силсилаи китобҳои «Асосҳои забоншиносии эронӣ» оварда шудааст. Ҳамчунин, фарҳангҳои забонҳои помирӣ низ ба забонҳои русӣ ва англисӣ таҳия гардидаанд. Дар чанд соли охир «Фарҳанги этимологии забони вахонӣ», «Фарҳанги шуғнонӣ ба русӣ» шомили се ҷилд ва «Фарҳанги русӣ ба шуғнонӣ» низ ба табъ расиданд.[2]

Ҳамин тавр, забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимтарин ба шумор меравад. Давраи нави инкишофи он дар асрҳои VII-VIII сар шудааст. Забони тоҷикӣ — забони модарии мардуми тоҷик, ки аҳолии асосии Тоҷикистонро ташкил медиҳад (88%), ба ҳисоб меравад. Берун аз марзи ин давлат забони тоҷикиро тоҷикони маҳаллӣ дар қисмати аъзами аз шаҳру ноҳияҳои кишвари Ӯзбекистон (ба хусус, дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Термез, Намангон,

[1]Ниг.: Пахалина, Т.Н. Ваханский язык [Текст] / Т.Н. Пахалина; АН СССР, Ин-т языкознания. – М.: Наука, 1975. - 341 с.
[2]Ниг.: Карамшоев, Д.К. Шугнанско-русский словарь: 30000 слов и словосочетаний [Текст] / Д. К. Карамшоев; под ред. А.Л. Грюнберга; АН СССР, Ин-т востоковедения, АН ТаджССР. Ин-т яз. и лит. им. Рудаки. - М.: Наука, 1988.

Хуканд ва ҳатто дар ш. Тошканд ба ҳайси забони модарии хеш зиёда аз 15 миллион мешиносанд ва ҳамчун воситаи гуфтугузори ҳаррӯза истифода мебаранд.[1]

Ҳатто дар шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд гуфтугӯи мардуми ин шаҳрҳо ба забони тоҷикӣ сурат мегирад. Танҳо дар як шаҳри Тошканд зиёда аз 1 млн тоҷикон сукунат доранд. Бо забони тоҷикӣ инчунин, намояндагони миллатҳои дигар, ки маскуни Тоҷикистон ҳастанд, ҳангоми муомила бо тоҷикзабонон тоҷикӣ ҳарф мезананд. Зиёда 45 дарсади аҳолии Афғонистон, ки аз лиҳози этнологӣ тоҷик ҳисоб мешаванд (зиёда аз 15 миллион) ва худро тоҷик меноманд, ҳарчанд ба забони аз тоҷикии Осиёи Марказӣ фарқи бузург надошта гуфтугӯ мекунанд, валекин забони хешро расман форсӣ — дарӣ ва ё кобулӣ мегӯянд ва худро тоҷик ном мебаранд. Аксари кулли мардуми Афғонистон ба забони тоҷикӣ (88%) гуфтугӯ мекунанд. Ҳатто ҳамаи паштунҳо бо тоҷикӣ шинос ҳастанд ва ин забонро медонанд.

Тайи солҳои охир забони тоҷикиро аз муҳоҷирони миллаташон тоҷик дар гӯшаҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, махсусан, Россия, зиёда 222 ҳазор расмӣ ва ҳамчун муҳоҷир зиёда аз 1,5 миллион, инчунин, дар шаҳрҳои Эрон, Сурия, мамолики Иттиҳоди Аврупо ва дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Канада шунидан мумкин аст. Аз чиҳати забоншиносӣ забони тоҷикӣ ба гурӯҳи ғарбии забонҳои эронӣ, оилаи калони ҳинду аврупоӣ дохил карда мешавад. Ба ин гурӯҳ аз забонҳои имрӯзаи зинда ғайр аз тоҷикӣ ду забони дигар, ин ҳам бошад, форсии навин (теҳронӣ), яъне, забони Эрони имрӯза ва забони дарӣ - кобулӣ, ки дар боло аз он сухан рафт, тааллуқ доранд.

Ҳар сеи ин забони имрӯза давомдиҳандагони бевоситаи забони форсии нав, ки ҳамчунин бо номҳои порсӣ (форсӣ - ин шакли арабикунондашудаи ин калима аст), форсии классикӣ - адабӣ ё форсии дарӣ маъруф аст, мебошанд. Он забон, дар навбати худ, аз забони форсии миёна, ки дар аҳди Сосониён чорсад сол нақши забони давлати суннатии империяи

[1] Ниг: Забони вахонӣ [Маводи электронӣ] // Википедия. – Низоми дастрас: https://tg.wikipedia.org/wiki/Забони_вахонӣ

бузургро ичро мекард ва имрӯзҳо дар байни забоншиносон чун забони паҳлавӣ шинохта мешавад, сарчашма гирифта, дар садсолаҳои ҳаштум ва нуҳум ба вучуд омада буд. Аз ҳамон вақт инҷониб дар таркиби луғавии забони форсӣ аз калимаҳои арабӣ хеле васеъ истифода карда мешавад. Дар забони форсӣ - классикӣ дар давоми қарнҳои 9-17 дар сарзаминҳои Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон, инчунин, дар Озарбойҷон, Покистон ва Ҳиндустон, ки дар давраҳои гуногуни таърих забони давлатиашон форсӣ буд, адабиёти бойи оламшумул эҷод карда шуд.

Таҷрибаи таърихӣ собит сохтааст, ки ҳар як миллат ва давлати миллӣ бо доштани забони миллии худ устувор ва пойдор мемонад. Дар таърих мардумоне, ки аз худ осор ва тамаддуни бузург ба мерос гузоштанд, кам нестанд. Аммо бештари ин мардумони соҳибтамаддун ва соҳибдавлат имрӯз бо номи қавму миллати хеш дигар вуҷуд надоранд ва ба иллати аз даст додани рӯҳи миллии хеш, яъне, забони модарӣ аз саҳифаҳои таърих хориҷ шудаанд. Аз ин воқеияти таърих метавон чунин хулоса кард, ки маҳви забон дер ё зуд сабабгори маҳви миллатҳо ва мардумони соҳибзабон мегардад. Ин панди таърих дар замони муосир бо хатарҳои раванди ҷаҳонишавӣ барои аксарияти миллатҳо ва халқиятҳои хурду бузурги сайёра низ омӯзанда мебошад. Бинобар ин, ҳар як давлат дар дифои арзишҳои миллӣ, ба хусус забон масъулияти волои таърихӣ дорад.

Забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар чандин суннати хаттӣ то замони мо ташаккул ёфтааст. Давраи нави таърихи забони тоҷикӣ аз асрҳои VIII - IX мелодӣ оғоз ёфта ва он дар рушди меъёрҳои адабии ин забон нақши муҳим дорад. Дар оғози давраи мазкур забони тоҷикӣ (форсӣ ва ё форсии дарӣ) дар аҳди Сомониён дар мақоми забони давлатӣ қарор гирифта, аз он давра ба баъд ин забон дар ҳама сабкҳои адабӣ ташаккул пайдо кардааст. Забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақоми забони давлатӣ дар корҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии кишвар дубора ба таври озод

мавриди истифода қарор дода шуд. Ин забон ҳамчун забони давлатӣ дар замони Истиқлолият омили муҳимми иттиҳод ва ҳамбастагии миллатҳо ва халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Имрӯз забони тоҷикӣ дар робита бо кишварҳои ҳамзабони минтақа ва тақвияти рушди пайвандҳои муштараки фарҳангӣ бо мардумони Эрону Афғонистон ва ҷомеаи форсизабонони ҷаҳон нақши бузург дорад, ки инро дар фаъолияти Анҷумани «Пайванд» ва робитаи форсизабонони ҷаҳон ба хубӣ метавон мушоҳида кард. Дар замони Истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикӣ дар таҳким ва густариши робитаҳои фарҳангӣ бо тоҷикони сокини ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Федератсияи Россия, ҳамчунин тоҷикони сокини кишварҳои Аврупо ва Штатҳои Муттаҳидаи Амрико нақши муҳим дорад.

Пойдорӣ ва бақои суннату фарҳанги миллӣ дар шароити кунунии таъсири ҳамарӯзаи омилҳои ҷаҳонишавӣ ва нуфузи забонҳои муқтадир тавассути технологияи пешрафтаи муосир аз бисёр ҷиҳат ба қудрату тавоноии забон вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, моро лозим аст, то аз имконоти фаровони дохилии забонамон дар мисоли қолабҳои вожасозӣ ва луғоту истилоҳоти маҳфуз дар осори давраҳои таърихӣ истифода намоем.

Бо дарназардошти собиқаи тӯлонии таърихӣ ва захираи бузурги луғавӣ забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ дар асри ҷаҳонишавӣ низ метавонад иқтидори пешинаи худро эҳё ва ҳифз намояд. Забон, ки як ҷузъи муҳим ва ҷудонопазири фарҳанги миллист, ҳар як халқу миллатро дар таърих маҳз, ба тавассути забон, осор ва фарҳанги он мешиносанд ва эътироф мекунанд. Аз ин рӯ, забону таърихи гузаштаи он дар ҳама давру замон барои мо мояи ифтихор ва омили асосии ҳамбастагии миллат мебошад. Гузаштагони мо ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои пеш аз мелод дорои як забони муштараки ориёӣ буданд. Дар тӯли садсолаҳо аз шохаҳои ин забон дигар забонҳои ориёии бостон, сипас, аз ин забонҳои бостон забонҳои дигари

давраи миёна ва аз ин гурӯҳи забонҳо бо номи ин мардумон ва сарзаминҳои зисти онҳо забонҳо ва лаҳҷаҳои дигари маҳаллӣ пайдо шуданд.

Мо бояд барои рушди забони давлатӣ, ки имрӯз дар умури давлатдории мо фаъол мебошад, аз тамоми имконот истифода барем ва ҳифзу густариши онро дар сатҳи давлатӣ таъмин намоем. Дар масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус русӣ ва англисӣ дар баробари забони давлатӣ мо аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат ҳамеша пуштибонӣ мекунем. Бо содир шудани Фармони Президент дар соли 2003 «Дар бораи такмил додани таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014» ба тасвиб расида буд. Мутобиқи ин барнома имрӯз дар кишвари мо омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба таври ҷиддӣ роҳандозӣ шудааст. Бори дигар таъкид намудан ҷоиз аст, ки дар замони рушди босуръати илму техника ва технологияҳои нав ҷавонон бояд дар қатори забони давлатӣ на камтар аз ду забони хориҷиро низ донанд ва бо онҳо озодона муошират карда тавонанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи меъёрҳои байналмилалӣ барои истифодаи озоди забонҳои дигар, аз ҷумла забонҳои модарии ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳои сокини кишвар шароит ва заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки бо мо дар як сарзамин зиндагии муштарак доранд, тибқи Қонунгузорӣ дар интихоби забони таҳсил озод мебошанд. Мо ба ҳама забонҳо ва фарҳангҳо арҷ мегузорем. Дар оғози давраи ба забони давлатӣ ва илмӣ табдил ёфтани забони мо ба сабаби забони дину сиёсат ва илм будани забони арабӣ аксари донишмандону адибон асарҳои хешро бо ин забон таълиф намудаанд. Вақте зарурати таълифи ин гуна асарҳо ба забони дарии тоҷикӣ пеш омад, донишмандон барои баёни андешаҳои худ, махсусан, баъди Сомониён аз истилоҳоту таркибҳои арабӣ бештар истифода карданд, ки ин ҷараён баъди асри XII сахттар ва таъсири забони арабӣ ба забони мо бештар гардид.

Баъдан дар садаи XX ҳамин гуна таъсир тавассути забони русӣ ҳамчун забони расмӣ ва муоширати байни халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бори дигар шиддат гирифт, ки нуфузи ин раванд дар забони тоҷикӣ то имрӯз дар шакли сухангӯиҳои таҳтуллафзӣ ва сабку услуби нигориши як силсила ҳуҷҷату санадҳо боқӣ мондааст. Мо соҳиби забонем ва тарзи андешаю баёни мо бояд ба забони модарӣ сурат гирад. Раванди ҷаҳонишавӣ ё глобализатсия имрӯз на танҳо ба забону фарҳанги мо, балки ба бисёр дигар забонҳои нисбатан камшумори дунё таҳдид менамояд. Пеш аз ҳама, дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ ва тавсеаю нуфузи забонҳои муосири байналмилалӣ, инчунин, дар ҷараёни баҳравар шудан аз дастовардҳои илму техника миллату қавмиятҳои камшумор бо мурури замон тарзи тафаккури миллии худро аз даст дода, ба арзишҳо ва дастовардҳои фарҳангии халқҳои дигар рӯ меоваранд. Ин раванд нахуст бо омезиш ва баъдан бо маҳвшавии арзишҳои фарҳангӣ ва забонии миллату қавмиятҳои дигар анҷом меёбад, ки ин паёмадҳоро дар таърихи башар зиёд метавон мушоҳида кард.

Хулоса, забон воситаи муомилот ва муоширати одамон аст. Донистани ин ё он забон ба кас имконият медиҳад, ки аз бурду бохт, имконияту вазъият ва камбудию талаботҳои рӯзмарраи ҳаёт огаҳ гардад. Донистани забонҳои хориҷӣ донистани воқеияти хаёти миллати дигар ва кулли дигаргуниҳои олам аст. Барои омӯхтани забони хориҷӣ мо бояд, пеш аз хама забони модарии хешро ба хубӣ донем. Чуноне ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Миллате, ки арзишҳои миллии хешро қадр карда наметавонад, қиммату манзалати забони миллати ғайрро низ эътироф наметавонад кард».[1]

Ҳамин тавр, аз махсусияти бевоситаи забони тоҷикӣ бармеояд, ки забони тоҷикӣ на танҳо дар дохили кишвар, балки дар саросари ҷаҳон метавонад мавқеи худро устувор созад ва пайваста рушду инкишоф ёбад. Яке аз роҳҳои нигоҳ доштани худшиносии миллӣ дар арсаи байналмилалӣ маҳз,

---

[1]Раҳмон, Э. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забон (22 июли соли 2008) [Маводи электронӣ] / Э. Раҳмон. // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/3075

тавассути забони давлатӣ сурат мегирад. Бояд тазаккур дод, ки истиқлолияти сиёсӣ барои миллати куҳанбунёди мо боз аз нав заминаҳои наверо пайдо намуд, ки барои рушду инкишофи забони давлатии мо уфуқҳои нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ба миён омаданд.

# ХУЛОСА

## I.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ муайян гардид, ки равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ ва таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологӣ хусусиятҳои полиэтникӣ ва гуногунзабонии аксари давлатҳои оламро боз ҳам қавитар намуда истодаанд. Дар чунин шароит пешбурди сиёсати оқилонаи забонӣ зарурати давру замон буда, танҳо ба воситаи он метавон симои фарҳангию маънавии миллатро ҳифз намуд. Сиёсати забонӣ унсури таркибӣ ва яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии ҳар як кишвар ба шумор рафта, дар рушду инкишоф ва мустаҳкамнамоии муносибатҳои дохилӣ ва вазъияти забонӣ нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин, ҷиҳатҳои зеринро дар шакли хулосаи таҳқиқоти илмӣ пешниҳод намудан аҳаммиятнок аст:

1. Сиёсати забонӣ имкон медиҳад, ки меъёрҳои ризоияти миллию ҷамъиятӣ, якрангии иҷтимоӣ, таҳаммулпазирии этникӣ аз байн бурдани шиддати этнополитикӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Сиёсати забонӣ барои мамлакатҳое, ки ба тозагӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардаанд, хеле аҳаммиятнок буда, дар раванди сохтмони давлатӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ нақши меҳвариро иҷро менамояд.

Омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни сиёсати забонӣ тӯли се даҳсолаи охир аз ҷониби сиёсатшиносону ҷомеашиносон ба таври фаъол амалӣ гардида истодааст. Дар таҳқиқоти олимони мазкур дар раванди баррасии сиёсати забонӣ ба категорияҳои «сиёсати забонӣ», «банақшагирии забонӣ» ва «сохтмони забонӣ» диққати аввалиндараҷа дода шудааст. Дар анъанаҳои мактабҳои илмии Ғарб дар аксар маврид ба ҷойи мафҳуми «сиёсати забонӣ» мафҳуми «банақшагирии забонӣ» мавриди истифода мебошад. Дар раванди баррасии масъалаҳои забонӣ мафҳуми банақшагирии забонӣ ҳамаҷониба ташаккул ёфта, аз ҷониби муҳаққиқони зиёд ҷонибдорӣ меёбад. Дар аксар маврид ҷонибдорони ин ҷараён банақшагирии забониро раванди дар амал татбиқ намудани сиёсати забонӣ муаррифӣ намудаанд.

Сиёсати забонӣ – маҷмӯи принсипҳои идеологӣ ва тадбирҳои амалӣ доир ба ҳалли мушкилоти забонӣ дар ҷомеа ё давлат мебошад. Сиёсати забонӣ қисми сиёсати миллӣ буда, бо таъсири муассири ҷомеа бо забон алоқаманд аст. Сиёсати забонӣ – маҷмӯи тадбирҳои андешидаи давлат, ҳизб, синф, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ дар самти тағйир ё ҳифзи тақсимоти мавҷудаи вазифавии забонҳо ва зернизомҳои забонӣ барои қабули чораҳои нав ё ҳифзи низоми истифодашуда мебошад. [1–М].

Амалӣ гардидани сиёсати забонӣ ва ба роҳ мондани идоракунии давлатӣ дар соҳаи забон дар аксар маврид бо ислоҳоти забон робитаи ногусастанӣ дорад. Ислоҳоти забон ҳарчанд барои беҳтар намудани мақоми забони расмӣ нигаронида шуда бошад ҳам, баъзан вақт ин гуна сиёсат натиҷаҳои дилхоҳ намедиҳад ва бар зарари худи забон анҷом мепазирад. Дар раванди амалишавии сиёсати забонӣ ва махсусан, анҷом додани ислоҳоти забон бояд паёмадҳои он ба инобат гирифта шаванд. Мувофиқи мақсад мебуд, агар ислоҳотчиёни ин соҳа қабл аз оғози ислоҳоти забон тағйиротҳои ояндаро аввал дар қолаби манфиатҳои миллӣ ҷойгир намуда, мухолифат ва мувофиқати онро муайян менамуданд. Ҳар як ислоҳоти забонӣ дар заминаи стратегияи махсуси давлатӣ, ки дар заминаи сиёсати забонӣ амалӣ карда мешавад, роҳандозӣ мегардад. Аз ин рӯ, стратегияҳои сиёсати забонӣ низ ба таври мухталиф зоҳир гардида, ҳар яки он хусусиятҳои хосси худро доро мебошад. Айни замон стратегияи прагматикӣ, протексионию прагматикӣ, протексионӣ ва миллӣ мавҷуданд, ки давлатҳои гуногун вобаста ба хусусиятҳои этникию фарҳангии ҷомеа ин ё он стратегияро интихоб намуда, истифода мебаранд. [3–М].

Дар раванди омӯзиши сиёсати забонӣ ба инобат гирифтани навъҳои мухталифи онҳо хеле зарур аст. Зеро сиёсати забонӣ дар ҳар як мамлакат бо таъсири омилҳои гуногун ташаккул меёбад ва тарзи зоҳиршавии он, мазмуну мундариҷаи он ва ҳатто самаранокии дар амал татбиқ гардидани он низ аз омилҳои мазкур вобастагии калон доранд. Дар робита, ба хусусиятҳои

сиёсати забонӣ чунин нишонаҳои онро ёдоварӣ намудан мумкин аст: сиёсати забонӣ қисми таркибии сиёсати давлатӣ мебошад, ки он ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷии давлат зоҳир мегардад; сиёсати забонии давлат барномаи расмии давлатие мебошад, ки мақсади он нигоҳ доштан ва ташаккул додани ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ мебошад; сиёсати забонӣ воситаи муҳимми таъмини амнияти миллӣ мебошад, ки онро дар дохили мамлакат барои пешгирӣ намудани низоъҳои этникию этнополитикӣ ва дар хориҷи мамлакат барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ истифода мебаранд; пешбурди сиёсати забонӣ хусусияти умумимиллӣ дорад ва он яке аз нишонаҳои давлатдории миллӣ ва соҳибихтиёрии мамлакат дониста мешавад; истифодаи ин ё он амсилаи сиёсати забонӣ аз рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа вобаста мебошад; хусусиятҳои сиёсати забонӣ аз вазъияти забонии мамлакат, афзалиятҳои сиёсати миллӣ ва сиёсати пешгирифтаи Ҳукумат вобаста мебошад.

Сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хосаи худро доро мебошад. Забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Ин забон дар муносибатҳои расмии шифоҳӣ ва хаттӣ, дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти Қонунгузор, иҷроия, судӣ, дар соҳаҳои илму маориф, техника, технология, фарҳанг, воситаҳои ахбори омма, иттилоот ва дигар бахшҳои коммуникатсия ба кор меравад. Масъалаи забон ҳамеша ба сиёсати давлатдорӣ дар робита қарор дошт, барои пешбурди сиёсати забон силсилаи Қонуну қарорҳо, тадбирҳо андешида шудаанд, кумита ва комиссияҳои кориву назоратӣ ташкил карда шудаанд. Заминаҳои бунёдии роҳи ташаккули сиёсати забон – боло гирифтани ифтихори миллӣ, бархӯрди андешаҳои зиёиёни пешқадам, коркарди тадбирҳои старатегии давлатӣ, ташкили силсилаи чорабиниҳои давлат оид ба таҳкими пояҳои иҷтимоӣ ва рушди

забон, ҳамчунин роҳу василаҳои гуногуни ба амал баровардани ин тадбирҳо мебошад. [2–М].

Истиқлолияти сиёсӣ барои рушди доираи корбурди забони давлатӣ дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа имконияти мусоид фароҳам овардааст. Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавре ба роҳ монда шудааст, ки дар амали намудани он ҳамаи сокинони кишварро лозим аст, ки якҷоя кӯшиш намоянд. Дар ин кор саҳми воситаҳои ахбори омма бояд назаррас бошад ва масъулони он ба покизагии забон бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, зеро воситаҳои ахбори омма оинаи забони миллӣ маҳсуб меёбанд. Забон муҳимтарин унсури муайянкунандаи ҳастии ҳар миллат аст. Бинобар ин, саъю талош барои эҳёву рушд ва корбасти забони миллӣ ба ҳайси забони давлатӣ ва ҳатмӣ гардонидани риояи он дар тамоми ташкилоту муассисаҳои кишвар як амри комилан қонунӣ ва ниҳоят муҳим мебошад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид медоранд, «забон хишти аввалини кохи миллат аст. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллӣ аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад»[1]. Аз ин рӯ, вазифаи ҳар фарди бонангу номус ҳифзу эҳтиром ва гиромӣ доштани забони давлатӣ аст. Зеро бузургтарин вазифаи ҳар фарди худогоҳу ватандӯст, ки ба фарҳангу забони худ эҳтиром мегузорад, поку беолоиш нигоҳ доштани ин ганҷи бебаҳо ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани забони тоҷикӣ мебошад.

Бояд дар назар дошт, ки Истиқлолияти сиёсию давлатии мо дар шароити ҷаҳонишавӣ рушд намуда истодааст. Аз ин рӯ, ҳимояи ҳамаҷонибаи истиқлолияти сиёсӣ ва забони давлатӣ муҳиммияти махсус дорад. Бояд ёдовар шуд, ки ҷаҳонишавӣ раванди ҳамгироии фарҳангу тамаддунҳо, бо ҳам омехта гардидани арзишҳои умумиинсонӣ мебошад. Дар замони ҷаҳонишавӣ ва пешрафти бесобикаи илму техникаву технологияҳо яке аз роҳҳои ғанӣ

[1] Паёми табрикии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ (4 октябри соли 2016) [Матн]. // Ҷумҳурият. – 2016. – 5 октябр. – №198

гардонидани забони илм ва иттилооти илмӣ тарҷумаи осори илмӣ аз забонҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Бо пайравӣ аз таҷрибаи кишварҳои дигар, ки муддатҳо пеш ин марҳаларо гузаштаанд, тарҷумаи осори илмии олимони хориҷӣ бояд дар сатҳи баланди илмӣ ва бо ҷалби мутахассисони варзидаи риштаи забон сурат гирад. Мо ҳеҷ гоҳ иқтидору имконоти забонамонро дар мақоми забони илм набояд нодида гирем ва онро камарзиш шуморем. Забони миллии мо тавоноии забони илмро, чунонки аз аҳди Сомониён ва минбаъд дошта буд, ҳоло низ аз чунин имконот бархурдор мебошад. Донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ дар роҳи таблиғи забони илм дар кишвар бояд фаъолтар бошанд ва дар ин кор саҳми бевосита гузоранд.

Забон бузургтарин омили рушди инсон дар ҷомеа мебошад, ки миллату халқиятҳоро бо хусусиятҳои хосашон бо ҳамдигар муаррифӣ менамояд. Асоситарин вазифаи забон ин муошırату муносибати инсонҳо мебошад. Ҳар як давраи таърихӣ хусусиятҳои махсуси худро дорад, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ таъсир мерасонад. Забони тоҷикӣ низ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти иҷтимоӣ марҳилаҳои гуногуни рушдро аз сар гузаронидааст. Ҳар яке аз ин марҳилаҳои таърихӣ махсусиятҳои худро доро мебошанд ва таҳлилу омӯзиши онҳо аҳаммияти бисёр муҳим доранд.

Таҷрибаи таърихӣ собит сохтааст, ки ҳар як миллат ва давлати миллӣ бо доштани забони миллии худ устувор ва пойдор мемонад. Дар таърих мардумоне, ки аз худ осор ва тамаддуни бузург ба мерос гузоштанд, кам нестанд. Аммо бештари ин мардумони соҳибтамаддун ва соҳибдавлат имрӯз бо номи қавму миллати хеш дигар вуҷуд надоранд ва ба иллати аз даст додани рӯҳи миллии хеш, яъне, забони модарӣ аз саҳифаҳои таърих хориҷ шудаанд. Аз ин воқеияти таърих метавон чунин хулоса кард, ки маҳви забон дер ё зуд сабабгори маҳви миллатҳо ва мардумони соҳибзабон мегардад. Ин панди таърих дар замони муосир бо хатарҳои раванди ҷаҳонишавӣ барои аксарияти миллатҳо ва халқиятҳои хурду бузурги сайёра низ омӯзанда

мебошад. Бинобар ин, ҳар як давлат дар дифои арзишҳои миллӣ, ба хусус забон масъулияти волои таърихӣ дорад. [4–М].

Воқеан, ҳувияти миллӣ, фарҳанг ва ойину суннатҳои мардуми бостонии мо дар ҳама давру замонҳо тавассути забон ҳифз мегардад. Забон инчунин, воситаи муқтадири сарҷамъии миллат ва ҳамаи онҳоест, ки дар гӯшаҳои гуногуни олам ҳастии ин сарвати бебаҳоро пос медоранд. Таърих бисёр мисолҳоро медонад, ки дар баробари аз байн рафтани забон миллат низ аз байн меравад. Яъне, бақои забон бақои миллат ва фанои забон фанои миллат аст. Раванди ҷаҳонишавӣ ба мероси маънавии халқу миллатҳо таҳдид карда истодааст. Ягона роҳи ҳифзи ин мерос талоши ҳарчи бештар мустаҳкам намудани пояҳои муқаддасоти миллист, ки забони давлатӣ яке аз он шоҳсутунҳои муқаддасоти миллӣ ба ҳисоб меравад. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои даврони истиқлолият дар шароити давлатдории навин барои рушди забони миллӣ дар мақоми забони давлатӣ аз тамоми шароиту имконот истифода менамояд. Рушди забони давлатӣ, ки ҳамчун муқаддасоти миллии мо пазируфта шудааст, аз вазифаҳои бисёр муҳимми давлат барои ҳифзи арзишҳои волои миллӣ дониста мешавад. [5–М].

Ҳамин тариқ, сиёсати забонӣ маҷмуи чорабиниҳое мебошад, ки барои нигоҳ доштан ва ё тағйир додани вазъияти забонӣ равона шудааст. Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ вобаста ба хусусиятҳои сиёсати забонӣ чунин нишонаҳои онро ёдоварӣ намудан мумкин аст: сиёсати забонӣ қисми таркибии сиёсати давлатӣ мебошад, ки он ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷии давлат зоҳир мегардад; сиёсати забонии давлат барномаи расмии давлатие мебошад, ки мақсади он нигоҳ доштан ва ташаккул додани ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ мебошад; сиёсати забонӣ воситаи муҳимми таъмини амнияти миллӣ мебошад, ки онро дар дохили мамлакат барои пешгирӣ намудани низоъҳои этникию этнополитикӣ ва дар хориҷи мамлакат барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ

истифода менамоянд; пешбурди сиёсати забонӣ характери умумимиллӣ дорад ва он яке аз нишонаҳои давлатдории миллӣ ва соҳибихтиёрии мамлакат дониста мешавад; истифодаи ин ё он модели сиёсати забонӣ аз рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа вобаста мебошад; хусусиятҳои сиёсати забонӣ аз вазъияти забонии мамлакат, афзалиятҳои сиёсати миллӣ ва сиёсати пешгирифтаи ҳукумат вобаста мебошад. [6–М].

Сиёсати забони давлатӣ ин сиёсате мебошад, ки барои пуштибонӣ аз забони давлатӣ, рушд ва такомули забон дар алоқамандӣ бо идеологияи давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Омӯхтану аз худ намудани таърихи сиёсии забони тоҷикӣ барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон басо аҳаммиятнок мебошад. Зеро бе донистани таъриху тамаддуни забон рушди минбаъдаи он ғайриимкон аст. Чуноне ки зикр намудем, Истиқлолияти сиёсӣ барои рушди мибаъдаи забони тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам овард. Пас, забон асоси рушду нумуи сиёсати замони соҳибистиқлолӣ ва дурнамои пешрафти миллати тоҷик мебошад. [7–М].

## II.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Дар марҳалаи имрӯзаи рушди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ, ба андешаи мо, ба масъалаҳои зерин бояд таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад:

1. Таҳқиқи фарогири лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ. Маълум аст, лаҳҷаҳо яке аз муҳимтарин манбаъҳои такмили забон буда, адибони гузашта ва муосири мо ҳамеша бо истифода аз захираҳои ин ганҷина луғату истилоҳоти фаровонеро ба забони меъёр ворид кардаанд. Аз ин рӯ, забоншиносон ва лаҳҷашиносон бояд ин сарчашмаи бебаҳоро мавриди омӯзишу баррасии ҷиддӣ қарор диҳанд ва забони адабиро аз ҳисоби дурдонаҳои он такмил диҳанд ва ғанӣ гардонанд.

Солҳои бистуми асри гузашта, яъне, дар шароити барои халқи тоҷик ва забони модарии он басо ҳассосу тақдирсоз забони мо расман номи «забони

тоҷикӣ»-ро соҳиб шуд ва яке аз далелҳои ҷиддии ташкил ёфтани давлати миллиамон гардид.

Бинобар ин, барои омӯзишу таҳқиқи таърихи забонамон муҳаққиқонро зарур аст, ки ҳарчи бештар талош намуда, ҷиҳати омода кардани мутахассисони таърихи забон, бахусус, донандагони забонҳои қадима, ки имрӯз ангуштшумор мебошанд, инчунин, шевашиносону хатшиносон чораҷӯӣ намоянд, то ки дар асоси калимаву ибораҳои зебову шевои бостонӣ нуқсу камбудиҳои забони имрӯзаамонро бартараф сохта, онро боз ҳам ғанӣ гардонем.

2. Истифода аз захираи луғату истилоҳоти фалсафию сиёсии ҳамзабонон. Додугирифти калима ва истилоҳоти нав дар байни кишварҳои ҳамзабон ҳамеша як амали маъмулӣ ва амри воқеӣ будааст. Вале дар ҷараёни ҳама гуна робитаҳои забонӣ бояд хусусиятҳои хоси забони тоҷикӣ ва оҳангу савтиёти таърихиву суннатии он нигоҳ дошта шаванд.

Дар замони пешрафти бесобиқаи илму техника таҳияи истилоҳ ё истилоҳсозӣ ба сифати омили тавонбахши забон дар ҷомеаи мо аҳаммияти мубрам пайдо кардааст. Ба вуҷуд овардани забони илм бе таҳияву танзими истилоҳоти соҳаҳои мухталифи илм ва то ҳадди забони меъёр такмилу сайқал додани он ғайриимкон аст.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки барои тавсеаи доираи калимасозиҳои мавзуӣ, аз қабили истилоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра аз имкониятҳои забони модарӣ ҳамаҷониба истифода карда шавад.

Бо мақсади ҳифзи асолати забон ҳангоми истифодаи истилоҳот бояд ҳам зарфияти унсурҳои пойдори забони давлатӣ ва ҳам иқтибосгирии оқилонаву санҷида ба таври мутавозин дар мадди назар бошад.

3. Масъалаи забони меъёр ва ҳусни баён. Забони адабии тоҷикии муосир имрӯз кори бештареро дар таҳияи меъёри ягонаи мақбул тақозо дорад. Ҳар кас дар баёни матлаб вобаста ба завқу салиқа ва донишу огоҳии

худ амал карда, гоҳе калимаю истилоҳоти аз нигоҳи дастури забон ғалат ва дурушту нохушояндро истифода мебарад.

Дар воситаҳои ахбори омма, махсусан, дар баъзе рӯзномаҳои ғайридавлатӣ, вайрон кардани талаботи имлои забони тоҷикӣ, чунончи бо аломати сакта навиштани аввали калимаҳо, ба талаффузи арабӣ тобеъ кардани имло бе риояи хусусияти савтии талаффузи забони модарии мо хеле ривоҷ ёфтааст. Истифодаи бемавриди калимаву ибороти забонҳои бегона фаровон ба мушоҳида мерасад. Бинобар ин, зарур аст, ки ба масъалаи ҳусни баён ва покиза нигоҳ доштани забони модарӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад. Дар ҳамаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ омӯзиши забони адабиро дар заминаи адабиёти классикиву муосир ба роҳ бояд монд. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ - англисӣ, русӣ, арабӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, чинӣ ва забонҳои дигар низ дар заминаи забони тоҷикӣ бояд амалӣ гардад.

4. Тоҷикистон аз қадим макони густариши забонҳои форсӣ буда, ҳамчун осорхонаи зинда ва озмоишгоҳи бебаҳои таърихи забонҳои форсӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ин ганҷинаи таърих низ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба бояд қарор дода шавад. Боиси сарфарозиву ифтихори мо - ворисон аст, ки забони тоҷикӣ то ба имрӯз ба шарофати хизматҳои бузург, заҳматҳои бедареғ ва корнамоиҳои беназири фарзандони фарзонаи халқи тоҷик аз Исмоили Сомониву устод Рӯдакӣ то устод Айниву Бобоҷон Ғафуров ба ҳамон гунаи асилу ноб, бо ганҷинаи ғаниву рангини калимаву истилоҳот ва таъбиру таркиботи зебову дилчасп то ба рӯзгори мо расидааст.

5. Татбиқи Қонуни забон. Дар масъалаи татбиқи Қонуни забон ҳанӯз ҳам норасоиҳо мавҷуданд. Пеш аз ҳама, корхона ва муассисаҳои хурду калони мамлакат, сарфи назар аз шакли моликият вазифадоранд, ки муқаррароти ин Қонунро пурра иҷро кунанд. Дар хотир бояд дошт, ки эҳтироми мо ба забони давлатӣ аз сатҳ ва сифати риояву иҷрои ин Қонун маълум мегардад.

Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазъи ҳуқуқӣ ва доираи истифодаи забонро муайян карда, дурнамои рушди онро дар замони истиқлоли давлатӣ - дар шароити дигаргуниҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба танзим медарорад.

Яъне, тавассути ин Қонун забони тоҷикӣ ҳамчун забони сиёсату Қонунгузорӣ ва коргузориву муошират эътироф гардид. Бо вуҷуди ин, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар вазифадоранд, ки иҷрои ҳатмии талаботи Қонуни мазкурро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда, барои риояи меъёрҳои он ва рушди бемайлони ин забони шоирона талош варзанд.

Мо бояд барои устувор гардонидани забони давлатиамон мунтазам саъю талош намоем, ҷиҳати ғаниву рангоранг сохтани фонди луғавии он кӯшиш кунем, мақоми забони давлатиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат баланд бардорем. Омӯхтану донистани ин забони ширину шоирона ва ғамхорӣ барои рушд ёфтану фарогир шудани он қарзи ҳар як фарди соҳибмаърифату бонангу номуси миллат ва тамоми соҳибзабонон мебошад.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки бар асари назорати нокифоя аз тарафи мақоми назораткунандаи татбиқи Қонун талабот ва муқаррароти он аз ҷониби баъзе вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҳанӯз ҳам пурра амалӣ нагардида, дар ин самт як силсила мушкилоте боқӣ мондаанд, ки бояд ҳал карда шаванд.

6. Масъалаи ба пояи забони илми муосир расонидани забони тоҷикӣ аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳоест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш борҳо таъкид намудаанд. Дар замони мо тавоноиву қудрати ҳар забон дар баёни матолиби илмӣ ва ифодаи комили мафҳуму истилоҳоти илмҳои гуногун зоҳир мешавад ва бақову идомаи он низ ба доираи истифода ва корбурдаш дар илм вобаста аст. Муҳаққиқонро лозим аст, ки барои ҳамқадами замон

шудани забони давлатӣ ва бар пояи забони илм рушд кардани он дастҷамъона кӯшиш намоянд.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд ва таълифи рисолаҳои илмӣ ба забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои илм ба роҳ монда шуд, ки ин яке аз ҷанбаҳои муҳимми сиёсати забонӣ дар кишвар мебошад. Таъсиси Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” воқеан як рӯйдоди фараҳбахш дар ҳаёти илмӣ ва фарҳангии кишвар буда, дорои аҳаммияти сиёсӣ мебошад[1].

Масъалаи дигаре, ки имрӯз дар атрофи он баҳсу мунозираҳо бархостаанд, мавзуи бозгашт ба алифбои арабиасос, яъне, алифбои ниёгон аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки хатти арабиасоси мо таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Бештари мардумон гумон мекунанд, ки мо хатти ниёгони худро аз арабҳо мерос гирифта бошем, вале ин тавр нест, гузаштагони мо дар шаклгирии ин хат саҳми босазое дошгаанд. Онҳо дар асоси ниёзҳои забонии худ алифбои мехӣ- бобоиро падид оварданд. Бе донистани таърих ва хазинаи бузурги фарҳангии мардуми форсизабон, ки бо алифбои ниёгон навишта шудааст, фарҳангу тамаддуни гузаштаи хешро азхуд кардан мушкил аст. Донистани ин хат барои забоншиносон, адабиётшиносон, таърихшиносон, файласуфон ва мутахассисони дигар илмҳои иҷтимоӣ бисёр муҳим мебошад.

Имрӯз дар кишвари мо барои омӯхтани хатти ниёгон ягон мамониат вуҷуд надорад. Ҳамзамон бояд гуфт, ки онҳое, ки ҷонибдори якбора ба хатти арабӣ мубаддал сохтани хатти кириллӣ ҳастанд, мушкилоти воқеӣ ва марҳалаи таърихиро ба инобат намегиранд. Гузашта аз ин, ба назар чунин мерасад, ки ин баҳс аз ҷониби баъзе доираҳои ҳавасманди хориҷӣ ва дохилӣ

---

[1] Розиқзода, А. Таъсиси Комиссияи олии аттестатсионӣ яке аз талаботҳои Истиқлолияти давлатист (27 ноябри соли 2017) [Маводи электронӣ] / А. Розиқзода. // Агентии Миллии Иттилоотии Тоҷикистон “Ховар”. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2017/11/tasisi-komissiyai-olii-attestatsion-yake-az-talabot-oi-isti-loliyati-davlatist-raisi-in-komissi-abdul-akim-rozi-zoda-ba-a-li-shaku-shub-a-posuh-meg-yad/

бе ягон зарурат ба таври сунъӣ дар ҷомеаи мо барангехта мешавад. Бидуни шак, ин боз як кӯшиши тафриқаандозӣ дар байни зиёиёни мо мебошад.

Мо, ки ҳанӯз як маротиба оқибати ногувори чунин баҳсҳои бебунёди зиёновар ва тафриқаандозиро аз сар гузаронида будем, бояд сари ин масъала ҷиддӣ андеша намоем ва фирефтаи дасисабозиҳои нав нагардем.

Ҳамин тавр, истиқлолияти сиёсӣ такони ҷиддие барои тағйири системаи алифбоии забон муҳайё намуд, ки бисёриҳо онро ҳамчун аслиҳаи ғайришӯравикунонӣ ва чун воситаи фардӣ ё «миллатсозӣ» қабул намуданд. Чунин ҳолат бештар дар ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ба амал омад. Баръакси ин, дар Қазоқистон ва Қирғизистон масъалаи тағйири алифбо бештар мавриди баҳси нишасту маҳфилҳои илмӣ ва шахсиятҳои алоҳида қарор гирифт. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон ягона кишвар дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки баъди ба даст овардани истиклолият бо роҳи тағйиру иловаҳои алифбои кириллӣ масъалаи мазкурро дар амал ҷорӣ намудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар дар инкишофи забон ин компютерӣ кардани забони тоҷикӣ мебошад. Зери ин мафҳум, пеш аз ҳама, ба вуҷуд овардани фазои ягонаи компютерӣ ва ба низом даровардани коргузории расмии идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ дар асоси истифодаи василаҳои техникӣ мебошад.

Бештари мафҳумҳои наве, ки ба таркиби луғавии забони модарии мо роҳ меёбанд, натиҷаи пешрафту дигаргуниҳои ҷаҳони имрӯза мебошанд. Ба ибораи дигар, раванди ҷаҳонишавӣ, пешрафти босуръати илму техника, аз ҷумла технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, фаъол гардидани шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин, бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо дар замони муосир ба забони давлатӣ низ таъсир мегузорад ва дар роҳи рушди табиии он монеаҳои сунъӣ эҷод мекунад.

Бинобар ин, зарурат ба миён омадааст, ки милликунонии забони технологияҳои навин дар кишвар дар меҳвари таваҷҷуҳи сохтору мақомоти марбута қарор дошта бошад.

Масалан, таъсири манфии ихтилофи баъзе бандҳои Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки муайянкунандаи шакли хаттии забон мебошанд, дар таҳияи барномаи компютерии «Санҷиши дурустнависии калимаҳои тоҷикӣ» ба мушоҳида мерасад ва ин мушкилот то имрӯз ҳаллу фасл нашудааст.

Имрӯз мо дар садаи XXI зиндагӣ дорем ва ба вуҷуд овардани ин низом талаби замони муосир аст. Аз тарафи дигар, тарғиби забони давлатӣ ба воситаи расонаҳои иттилоотии компютерӣ яке аз омилҳои асосии густариши забони тоҷикӣ мебошад. Барои ба вуҷуд овардани низоме, ки ба талаботи даврони истиқлол ва рушду тавсеаи забони давлатӣ мусоидат намояд, дар марҳалаи аввал бояд ба ҳалли ду масъала кӯшиш намуд. Ин ду масъала ба ҳамаи компютерҳо насб кардани сафҳакалиди (клавиатураи) тоҷикӣ ва таъмин намудани компютерҳо бо вироишгари матнҳои тоҷикӣ мебошанд.

Яке аз мушкилот дар иҷрои муқаррароти Қонуни забон ба масъалаи эълону реклама, лавҳаю овезаҳо, номгузории муассисаҳо, нуқтаҳои савдо ва марказҳои хизматрасонӣ марбут аст. Дар баъзе мавридҳо навиштаҷоти рекламаи ороиши берунӣ ва дигар лавҳаю овезаҳо бар хилофи Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия мешавад, ки ин як навъ Қонуншиканӣ мебошад. Имрӯзҳо дар кӯчаву хиёбонҳои пойтахт ва шаҳру ноҳияҳо номҳои фаровони хориҷӣ, ки ба Қонунгузории мо мухолифат доранд, ба мушоҳида мерасанд. Номгузорӣ ба забонҳои хориҷӣ беэҳтиромӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ мебошад.

Яке аз масъалаҳои дорои аҳаммияти муҳим дар шинохти суннат ва арзишҳои фарҳанги миллӣ ҳифз ва зинда сохтани номҳои таърихии ҷуғрофӣ мебошад. Номҳо чеҳраи воқеӣ ва таърихи гузаштагони ҳар қавму миллат мебошанд, ки бо мурури замон тағйир ёфтаанд. Дар шакли дуруст барқарор

кардани онҳо маънои дар дилу ҳофизаи насли имрӯз зинда кардани рӯзгорони пурифтихори гузаштагон ва ному кори неки онҳоро дорад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи баррасишуда чунин хулоса намудан намудан зарур аст, ки масъалаи мазкур дар оянда аз ҷониби ҷомеашиносон бояд мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шавад. Зеро оид ба таҳлилу пажӯҳиши сиёсати забони давлатӣ ва паҳлуҳои гуногуни он имрӯз дар илми сиёсатшиносӣ таҳқиқоти комилу ҷомеъ ба анҷом нарасидааст. Бинобар ин, таҳқиқи минбаъдаи густурдаву ҳамаҷонибаи ин мавзуъ барои муайян кардани ҷанбаҳои сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амри воқеӣ маҳсуб меёбад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### 1. Санадҳои сиёсӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ

1. Закон РСФСР "О внесении изменений и дополнений в закон РСФСР «О языках народов РСФСР»" от 24.07.1998 № 126-ФЗ [Текст] // Собрание законодательства Российской Федерации. 1998 г. № 31. Ст. 3804

2. Закон СССР "О языках народов СССР" от 24.04.1990 № 1451-I [Текст] // Ведомости Съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. 1990 г. № 19. Ст. 328

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: матни расмӣ. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

4. Концепция государственной поддержки и продвижения русского языка за рубежом от 3.11.2015 № Пр-2283 [Текст] // Российская газета. 2015 г. № 252(6823).

5. Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз 20 апрели соли 1972 №111 "Дар бораи Қоидаҳои орфографияи забони ҳозираи адабии тоҷик" [Матн] // Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон/ Д. Саймиддинов. Душанбе: «Шарқи озод», 2011. – 169 с.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" аз 30.08.2019 № 438 [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи Концепцияи маълумоти этникию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаи татбиқи он" аз 18.02.1998 № 50 [Маводи электронӣ] // Сайти Маркази миллии Қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Низоми дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=401

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 31.10.2009 № 604 [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи чараёни иҷрои Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 02.06.1997 № 256 [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 1997, № 459 "Дар бораи Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тавсиа ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон" [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия".

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик” аз 03.09.1998 № 355 [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”

12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №458 “Дар бораи тасдиқи “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” [Маводи электронӣ] // Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Низоми дастрас: http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/koidakhoi-imloi-zaboni-tochiki

13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стандартҳои рамзгузорӣ ва ҷобаҷогузории алифбои тоҷикӣ дар клавиатураи компютерии стандарти UNICODE барои истифодабарии компютерӣ" аз 02.08.2004 № 330 [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”

14. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ" аз 4.10.2011 № 458 [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”

15. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи истифода ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ" аз 06.06.2005 № 188 [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”

16. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016" аз 30.06.2012 № 335 [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”

17. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 31.10.1995 № 662 [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”

18. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 31.10.1995 № 662 [Маводи электронӣ] // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”

19. Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989 [Матн] // Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – 1989. – №15. – моддаи 102.

20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 05.10.2009 №553 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – № 9-10 – моддаи 546.

21. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Садои мардум. – 2009. – 15 апр.

22. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Садои мардум. – 2010. – 24 апр.

23. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Садои мардум. – 2014. – 23 апр.

24. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Садои мардум. – 2016. – 22 дек.

25. Таджикистан: хрупкий мир [Текст]: Отчет № 30 МГПК – Азия, Ош – Брюссель, 2001. – 49 с.

26. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Соли забони тоҷикӣ" аз 26.07.2006 № 291 // Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон/ Д. Саймиддинов. Душанбе: «Шарқи озод», 2011. – 159 с.

**Китобҳо, монографияҳо, дастурҳои таълимӣ**

27. Аврорин, В. А. Проблемы изучения функциональной стороны языка (к вопросу о предмете социолингвистики) [Текст] / В. А. Аврорин. – Л.: Наука, 1975. – 276 с.

28. Алпатов, В. М. 150 языков и политика, 1917-1997 [Текст]: Социолингвистические проблемы СССР и постсоветского пространства / В. М. Алпатов; Ин-т востоковедения РАН. - М.: ИВ РАН, 1997. – 192 с.

29. Асимова, Б.С. Языковое строительство в Таджикистане (1920-1940 гг.) [Текст] / Б.С. Асимова. - Душанбе: Дониш, 1982. - 150 с.

30. Базиев, А.Т. Язык и нация Текст] / А.Т. Базиев, М. И. Исаев. - М.: Наука, 1973. - 246 с.

31. Бахтибеков, Т. Грамматикаи забони шуғнонӣ [Матн] / Т. Бахтибеков. - Душанбе: Дониш, 1979. — 146 с.

32. Белл, Р. Социолингвистика [Текст]: Цели, методы и проблемы / Р. Белл; перевод с англ.- М: Международное отношения, 1980. – 319 с.

33. Б.Ғ. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Ғафуров Б.Ғ. - Душанбе: Дониш, 2008. 870 саҳ.

34. Беликов, В. И. Социолингвистика [Текст]: учебник / В. И. Беликов, Л. П. Крысин. – М.: Юрайт, 2016. – 338 с.

35. Вахобов, Т. Социолингвистические аспекты развития таджикского литературного языка (20-30 годов XX века) [Текст] / Т. Вахобов. – Худжанд: Нури маърифат, 2005.

36. Вахтин, Н. Б. Языки народов Севера в XX веке: очерки языкового сдвига [Текст] / Н. Б. Вахтин. – СПб.: Дм. Буланин, 2001. – 338 с.

37. Гулмуродов, П. Забон ва худшиносии миллӣ [Матн] (маҷмӯаи мақолаҳо). Китоби якум / Баргардон, омодакунанда: П. Гулмуродов. Душанбе: “Пайванд”, 2007. – 233 с.

38. Ғаффори, В. Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон. [Матн] / В. Гаффори, З.Ш. Сайидзода, Ф. Саидов. - Второе, дополненное научно - политическое издание. - Душанбе:ООО"Контраст", 2013. - 512 с. (на таджикском языке)

